# Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Қӯрғонтеппа то соли 2020

ДУШАНБЕ - 2016

## МУНДАРИҶА

**БОБИ 1.** Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеъии шаҳри Қӯрғонтеппа 5
**БОБИ 2.** Иқтисодиёт
2.1. Саноат 7
2.2. Соҳибкории хурду миёна 10
2.3. Кишоварзӣ 14
2.4. Сохтмон 17
**БОБИ 3.** Иҷтимоиёт
3.1. Соҳаи маориф 18
3.2. Соҳаи тандурустӣ 24
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ 29
3.4. Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон 33
3.5. Зан ва оила 34
3.6. Фарҳанг ва фароғат 36
3.7. Сайёҳӣ ва варзиш 37
**БОБИ 4.** Инфрасохтор
4.1. Таъминот бо оби нушокӣ ва хадамоти рифоҳӣ 39
4.2. Хоҷагии коммуналӣ 41
4.3.Нақлиёт ва хоҷагии роҳ 42
4.4. Барқтаъминкунӣ 43
4.5. Газтаъминкунӣ 44
4.6. Алоқа ва фазои иттилоотӣ 45
**БОБИ 5.** Ҳифзи муҳити зист ва омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда
5.1. Ҳифзи муҳити зист 46
5.2. Чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд дар ҳолатҳои фавқуллода 47
**БОБИ 6.** Таъминоти захиравӣ
6.1. Неруи ташкилӣ ва зеҳнии шаҳр 50
6.2. Таъминоти буҷетиву молиявӣ 51
**БОБИ 7.** Низоми мониторинг ва арзёбӣ 53

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БУ | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| БДС | Барномаи давлатии сармоягузорӣ |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| БРШ | Барномаи рушди шаҳрсозӣ |
| ВНМБ | Вируси норасоии масъунияти бадан |
| БШРН | Бемории шадиди рудаю нафас |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СММ | Созмони миллали мутаҳид |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СББСНМТ | Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои рушди ҳазорсола |
| ХИБ | Хати интиқоли баркӣ |
| ХИК | Хати интиқоли кабелӣ |

Тақсимоти
маблағҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Қӯрғонтеппа
то соли 2020» аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузорӣ

(ҳаз. сомонӣ)

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Бахши иқтисодӣ | | | | | | |
| Саноат | 81 767,0 | 6 250,0 | 19 010,0 | 21 450,0 | 21 650,0 | 13 407,0 |
| Сохтмон | 571 727,0 | 98 338,0 | 121 839,0 | 118 025,0 | 115 525,0 | 118 000,0 |
| Дигар соҳаҳо | 42710 | 3665 | 11575 | 6500 | 9170 | 11800 |
| Ҳамагӣ, бахши иқтисодӣ | 739300 | 120153 | 160924 | 153975 | 154345 | 149903 |
| Бахши ҳифзи иҷтимоӣ | | | | | | |
| Маориф | 66560 | 5400 | 10900 | 21500 | 13360 | 15400 |
| Тандурустӣ | 21405,0 | 4391 | 5909 | 3595 | 3755 | 3755 |
| Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 138756 | 33676 | 31040 | 30040 | 24000 | 20000 |
| Ҳамагӣ, бахши ҳифзи иҷтимоӣ | 226730 | 43476 | 47849 | 55135 | 41115 | 39155 |
| Бахши инфрасохтор | | | | | | |
| Хоагии коммуналӣ | 64 088,9 | 21578,9 | 23425 | 11650 | 3285 | 4150 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 81369 | 10500 | 16510 | 17815 | 17845 | 18699 |
| Таъмини барқ ва гази табиӣ | 15600 | 1500 | 1500 | 4200 | 4200 | 4200 |
| Нақлиёт ва роҳ | 245000 | 32100 | 31200 | 12200 | 122300 | 47200 |
| Ҳамагӣ, бахши инфрасохтор | 406057,9 | 65878,9 | 73235 | 45795 | 147630 | 74249 |
| Арзиши умумии Барнома | 1372117 | 229507 | 282008 | 254205 | 343090 | 263307 |
| Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ | 37 885 | 2 600,0 | 7 585,0 | 11 365,0 | 8 205,0 | 8130,0 |
| Буҷети вилоятӣ | 57 006,9 | 16 337,9 | 20 719,0 | 8 950,0 | 5 500,0 | 5 500,0 |
| Буҷети маҳаллӣ | 141165 | 24855 | 31510 | 34270 | 23555 | 26795 |
| Сармояи хориҷӣ | 319345 | 30880 | 29900 | 103500 | 104500 | 50565 |
| Маблағҳои худӣ | 816715,1 | 154834,1 | 192114 | 96120 | 201330 | 172317 |

## БОБИ 1.
## ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕЪИИ ШАҲРИ ҚӮРҒОНТЕППА

Маълумоти таърихӣ. Шаҳри Қӯрғонтеппа маркази вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта, дар он соҳаҳои саноат, савдо ва хизматрасонӣ, нақлиёт, сайёҳӣ ва варзиш рушд ёфта истода, муҳити тозаи беҳдошти зиндагӣ ҳукмфармост. Барои рушди соҳибкорӣ ва бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ тавассути захираҳои табиии мавҷуда тамоми шароит фароҳам оварда шуда, ҳамкории мақомоти давлатӣ бо бахши хусусӣ дар сатҳи зарурӣ ва самаранок ба роҳ монда шудааст.

Яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти ҷумҳурӣ иҷрои барномаву стратегияҳо ва дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2015 таҳияи лоиҳаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 оғоз гардида, дар рафти он лоиҳаи барномаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба инобат гирифта шудаанд. Нишондодҳои Барнома бо дарназардошти мақсад, ҳудуд ва самтҳои асосии рушди иқтисодиёти кишвар таҳия ва тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2020, стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 ва солҳои 2010-2012, инчунин Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ва дигар барномаҳои соҳавии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад.

Дар шаҳр соҳаи савдо яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба шумор рафта, дар ҳудуди шаҳр бозорҳои калонтарини вилоят «Ҳоҷӣ Шариф» ва «Фаровон Қӯрғонтеппа» фаъолият доранд, ки ба рушди соҳибкории хурду миёнаи шаҳру ноҳияҳои вилоят мусоидат менамоянд. Сатҳи хизматрасонӣ дар ҳамаи соҳаҳо рӯз аз рӯз боло рафта, барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар шаҳр мавзеъҳои таърихӣ ва фароғатию иҷтимоӣ мавҷуданд. Дар шаҳр мардуми гуногунмиллат ва аз ҷиҳати ақлониву зеҳнӣ ташаккулёфта истиқомат дошта, дар марказҳои фарҳангиву таърихӣ ва инфрасохтори навини иҷтимоӣ бо кадрҳои баландихтисос хизматрасонии замонавӣ мекунанд. Мардуми шаҳр ба ояндаи дурахшони шаҳр боварии комил дошта, дар рушди ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр фаъол мебошанд. Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Қӯрғонтеппа то соли 2020 ба таҳлилҳои пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр асос ёфта, ояндабинии он бо дарназардошти амалӣ гардидани стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, инчунин Нақшаи генералии шаҳри Қӯрғонтеппа то соли 2035 пешбинӣ шудааст.

Шаҳри Қӯрғонтеппа - маркази вилояти Хатлон ва яке аз шаҳрҳои саноатӣ, маъмурӣ, илмӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мебошад.

Қӯрғонтеппа шаҳри рушдёфтаи саноатӣ буда, дар он барои рушди соҳибкорӣ ва ба роҳ мондани корхонаҳои хурду миёна тавассути истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ шароит фароҳам оварда шудааст.

Шаҳри Қӯрғонтеппа дар соҳили чапи дарёи Вахш дар баландии 428 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардида, иқлимаш хушки субтропикӣ буда, масофаи он то шаҳри Душанбе 100 км-ро ташкил медиҳад.

Масоҳати шаҳр алҳол 2456,8 гектар буда, аҳолии он 104500 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин теъдод 52454 нафар (50,1 фоиз) мардҳо ва 52046 нафар (49,9 фоиз) занон мебошанд. Мардуми Қӯрғонтеппа аз он ифтихор доранд, ки ду Роҳбари давлати Тоҷикистон Ҷаббор Расулов ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти расмии аввалини меҳнатиашонро дар шаҳри Қӯрғонтеппа оғоз намуда, минбаъд дар арсаи сиёсӣ ба қуллаҳои баланд ноил гардиданд. Дар баробари дигар шахсиятҳои барҷаставу шарафманд, инчунин шоири мумтози кишвар Мирсаид Миршакар

фаъолияти кории хешро дар ин диёр оғоз намуда, ҳунарманди машҳури Тоҷикистон Хайрӣ Назарова дар шаҳри Қӯрғонтеппа камол ёфтааст.

Ба Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Қӯрғонтеппа то соли 2020 зиёда аз 123 лоиҳа бо маблағи умумии 1 млрд. 551,2 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 57 лоиҳа бо маблағи 706,5 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 26 лоиҳа бо маблағи **293,1** млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 38 лоиҳа бо маблағи **551,6** млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, аз ҷумла 4 лоиҳа ба маблағи 38 млн. 220 ҳазор сомонӣ ба бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда рост меоянд.

Ҷиҳати татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Қӯрғонтеппа барои солҳои 2016-2020» аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 1 млрд. 551,2 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, аз ҷумла, аз ҳисоби:

- буҷети ҷумҳуриявӣ 37 млн. 885 ҳазор сомонӣ;
- буҷети вилоятӣ 57 млн. 6,9 ҳазор сомонӣ;
- буҷети маҳаллӣ 197 млн. 854,6 ҳазор сомонӣ;
- маблағҳои соҳибкорон ва ташкилоту муассисаҳо 923,3 млн сомонӣ;
- маблағҳои сармоягузориҳои хориҷӣ 335,1 млн. сомонӣ;

Ба ҳолати 1 январи соли 2016 аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа 104500 нафар ё 3,6 фоизи аҳолии вилоят ва 1,3 фоизи аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 52454 нафар мард (50,1 фоиз) ва 52046 нафар зан (49,9 фоиз) буда, 100 фоиз аҳолӣ дар шаҳр истиқомат доранд. Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ 1,7 фоиз ва зичии аҳолӣ 4253 нафарро дар 1 км$^2$ ташкил медиҳад. Шаҳр аз рӯи хусусияти худ савдо ва саноатӣ мебошад.

Аҳолии шаҳр дар зарфи 10 соли охир 35,9 ҳазор нафар зиёд шуда (бо дарназардошти васеъ гардидани ҳудуди шаҳр аз ҳисоби заминҳои ноҳияҳои Бохтару Вахш дар соли 2013 аҳолии шаҳр 25 ҳазор нафар зиёд гардидааст), афзоиши миёнаи аҳолӣ бошад, дар як сол 1,7 фоизро ташкил медиҳад. Аз рӯи таҳлилу таҳқиқот аҳолии шаҳр то соли 2020 бояд 10,8 ҳазор нафар афзоиш ёбад.

Шумораи аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумораи умумӣ (солҳо) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
| Хоҷагии хонаводагӣ | адад | 13960 | 14074 | 18748 | 18842 | 19782 | 19953 |
| Аҳолӣ | нафар | 75570 | 76400 | 101500 | 102566 | 103200 | 104500 |
| аз ин, мардҳо | нафар | 37770 | 38180 | 50948 | 51017 | 51700 | 52454 |
| Занҳо | нафар | 37800 | 38220 | 50552 | 50549 | 51500 | 52046 |
| Кӯдакони синни 3-6 сола | нафар | 6740 | 7100 | 9439 | 9445 | 9449 | 9736 |
| Кӯдакони то синни 17 сола | нафар | 32710 | 32928 | 43746 | 43774 | 43781 | 43805 |
| Кӯдакони 15 то 18 сола | нафар | 7695 | 7716 | 10251 | 10275 | 10311 | 10348 |
| Шумораи умумии маъюбон | нафар | 1297 | 1312 | 2489 | 2596 | 2601 | 2583 |
| аз ҷумла, кӯдакони маъюб (то 18 сола) | нафар | 506 | 502 | 510 | 502 | 415 | 441 |
| Гурӯҳи калонсолон (63-58 сола) ва боло) | нафар | 2435 | 2444 | 3248 | 3251 | 3261 | 3274 |
| Муҳоҷирони меҳнатӣ | нафар | 5302 | 5340 | 6985 | 7092 | 7531 | 7885 |
| Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 46512 | 46527 | 61813 | 61826 | 61930 | 61956 |
| Бекорони бақайдгирифташуда | нафар | 1198 | 1270 | 1076 | 932 | 1338 | 1205 |
| Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | нафар | 18315 | 18517 | 22397 | 22401 | 22712 | 22718 |
| Шумораи коргарони дар иқтисодиёт машғулбуда | нафар | 11561 | 11700 | 11800 | 14500 | 14999 | 15887 |

Аз 61,8 ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнат 63,2 фоизи он ба кор машғул буда, аз ҷумла 11,2 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ, 9,5 фоиз бо кори мавсимӣ ва 15,5 фоизи

аҳолии қобили меҳнат бекор мебошанд. Зиёд шудани шумораи бекорон метавонад дар оянда ба иқтисодиёти шаҳр таъсири манфӣ расонад. Барои паст намудани сатҳи бекорӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ, дар доираи Барномаи рушди шаҳр барқарор ва бунёд намудани корхонаҳои ресандагӣ, бофандагию дӯзандагӣ, инчунин корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар назар дошта шудааст.

Ҳайати иҷтимоии аҳолии шаҳр аз тоҷикон (83,5 фоиз), ӯзбекон (14,1 фоиз), русҳо (1,1 фоиз) ва дигар миллатҳо (1,3 фоиз) иборат аст.

## БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

### 2.1. Саноат

Таҳлили ҳолати кунунӣ. Саноат соҳаи пешбурди шаҳр ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят 3,4 фоизро ташкил медиҳад.

Дар шаҳр то соли 2015-ум 54 корхонаи саноатӣ фаъолият доштанд, ки дар онҳо истеҳсоли маҳсулот асосан бо ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ин шумора ҶДММ «Орди Хатлон» аз фаъолият боз монда, 7 корхонаи дигар ба пастравии истеҳсолот роҳ доданд (Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Алӣ-1», «Мелихӯҷа», «Нилуфар-А», «Майрамбибӣ», «Кӯҳсори Хатлон», «Шоҳрух-Д» ва «Фирдавси Мавлоно»). Яке аз сабабҳои асосии паст гардидани истеҳсолоти корхонаҳои номбурда, дар натиҷаи хусусигардонӣ ва дигар намудани самти фаъолияти онҳо мебошад.

Ба ин нигоҳ накарда фаъолияти корхонаҳои саноатии шаҳр нисбати солҳои пешин назаррас буда, таъсиси коргоҳ ва корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, ҳаҷми истеҳсол ва номгӯи маҳсулот зиёд гашта истодааст.

Корхонаҳои саноатии шаҳр дар соли 2015 дар ҳаҷми 126,5 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки дар қиёс ба соли 2010-ум 61,4 ё 48,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи нақшаи дурнамо расонидани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то соли 2020 бо назардошти таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ ба маблағи 181 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

**Ҷадвали 2**. Ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои саноатӣ тӯли солҳои 2011-2015 (дар шакли натуравӣ)

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Номгӯи маҳсулот | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 нисбат ба 2011, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶСП «Баракат» | тонна | нон | 25,3 | 42,8 | 39,5 | 39,8 | 44,1 | 174,3 |
| ҶСК «Трансформатор» | дона | | 89 | 102 | 123 | 144 | 200 | 2,4бар |
| ҶДММ «Орди Хатлон» | тонна | орд | 931 | 952,5 | 955 | 0 | 0 | -- |
| ҶДММ «Меҳровар» | дона | маҳсулоти дарзӣ | 9221 | 9510 | 6040 | 5042 | 51100 | 55,1 |
| ҶДММ «Дилором» | дона | маҳсулоти дарзӣ | 5620 | 5824 | 3731 | 3154 | 1230 | 21 |
| ҶСК «Умед-1» | тонна | нахи пахта | 4258 | 5288 | 3405 | 3304 | 3364,1 | 79 |
| ҶДММ «Алӣ-1» | ҳаз. кут. шартӣ | консерва | 2086 | 1781 | 2713 | 979 | 0 | |
| ҶСК «Хӯрокворӣ» | ҳаз. дал | ғайриспиртӣ | 3,03 | 3,03 | 3,0 | 3,0 | 3,03 | 100 |
| | ҳаз. дал | арақ | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 100 |
| | ҳаз.туб | шарбат | 114,3 | 115,4 | 113,7 | 116,8 | 117,5 | 102,8 |
| ҶСК «Баҳодур» | тонна | ҳасиб | 2,0 | 2,02 | 1,9 | 2,5 | 2,3 | 115 |
| ҶСП «Равғани Сомонӣ» | тонна | равған | 33,1 | 33,32 | 30,1 | 34,1 | 34,7 | 104,8 |
| | тонна | кунҷора | 157,4 | 158,1 | 148,4 | 148,5 | 148,8 | 96,4 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶДММ «Мечта пласт» | $м^2$ | дару тирезаи пластикӣ | 1322 | 1333 | 1363 | 1342 | 1340 | 101,3 |
| ҶДММ «Майрамбибӣ» | дона | ҷавоҳирот | - | - | 1855 | 1264 | 1125 | |
| ҶДММ «Баракат» | тонна | маҳсулоти нонӣ | 41,3 | 38,9 | 38,7 | 39,8 | 44,1 | 106,7 |

Аз маълумотҳои овардашуда бармеояд, ки аз шумораи умумии корхонаҳо 15-тои он (Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Баракат», «Орди Хатлон», «Алӣ-1», «Меҳровар», «Мечта пласт», «Майрамбибӣ», «Шоҳрух-Д», «Мелихӯҷа», «Эҳтиром», «Равғани Сомонӣ» ва «Трансформатор») бинобар маҳдуд будани бозори фурӯш, заиф будани низоми менеҷмент ва маркетинг, гарон будани хароҷотҳои истеҳсолӣ (сузишворӣ ва барқ), кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои технологӣ ва суст будани дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок (дарозмуҳлат)-и бонкӣ бо иқтидори пурра фаъолият намекунанд.

Барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат дар доираи Барномаи мазкур чораҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- сохтмони корхонаҳои нав бо назардошти ашёи хоми маҳаллӣ ва бозори истеъмолӣ;
- ба роҳ мондани истеҳсоли навъҳои нави маҳсулот дар корхонаҳои амалкунандаи шаҳр;
- дастгирӣ намудани ташаббусҳои соҳибкорон ва бахши хусусӣ ҷиҳати бунёду рушди истеҳсолоти саноатӣ дар шаҳр;
- воридоти технологияи нав дар корхонаҳои амалкунандаи саноатӣ.

**Ҷадвали 3.** Ҳолати корхонаҳои саноатӣ дар шаҳр (ба ҳолати 01.01.2016)

| Номгӯи корхонаҳо | Маҳсулоти истеҳсол-шаванда | Иқтидори Лоиҳавӣ/ солона | Иқтидори ҳозира/ солона | Ҳолати техникӣ | Истифода барандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|
| ҶСК «Баракат» | Маҳсулоти нонӣ | 35 млн. сомонӣ | 2,5 млн. сомонӣ | Аз нав таъмир шуда истодааст | Аҳолии шаҳр ва дохили минтақа |
| ҶСК «Трансформатор» | Истеҳсоли Трансфор-матор | 2000 дона | 145 дона | Техникаи фарсуда, дар ҳолати корӣ қарор дорад | Ширкати «Барқи Тоҷик» ва хориҷи кишвар |
| ҶСК «Ресандаи Қӯрғонтеппа» | Маҳсулоти дарзӣ, матоъ ва ришта | Матоъ 500 ҳ. м, ришта 5000 тн | Матоъ 22ҳ. м, ришта 120 тн | Дар ҳолати хуби корӣ қарор дорад | Аҳолии шаҳру ҷумҳурӣ |
| ҶДММ «Орди Хатлон» | Орд | 20 ҳ. тн | - | Дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии шаҳр ва гирду атрофи он |
| ҶСК «Умед-1» | Истеҳсоли нахи пахта | 25ҳ.тн | 3,3 ҳ. тн | Ттехникаи фарсуда, дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии шаҳр ва минтақаи Қӯрғон тепа |
| ҶДММ «Баҳодур-С»» | истеҳсоли ҳасиб | 1,5 ҳ. тн | 3 тн | Дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии шаҳр ва минтақаи Қӯрғонтеппа |
| | маҳсулоти нонӣ | 500 тн | 4 тн | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ҶСК «Комбинати шир» | коркарди шир | 1000 тн | 178 тн | Дар ҳолати корӣ | Аҳолии шахр ва вилояти Хатлон |
| | қаннодӣ | 500 тн | 15 тн | Техникаи фарсуда, дар ҳолати корӣ қарор дорад | |
| ҶСК «Хӯрокворӣ» | оби чав, шарбат ва нӯшокиҳои ғайриспиртӣ | 5 ҳ. дал, 150 ҳ. қут. шартӣ. 10 ҳ. дал | 1,2 ҳ дал, 117ҳ. қ. шартӣ 3 ҳ. дал | Техникаи фарсуда, вале дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии шахр ва минтақаи Қӯрғон тепа |
| ҶСП «Равғани Сомонӣ» | равған ва кунҷора | 5ҳ тн, 25ҳ. тн | 35тн, 150 тн | Дар ҳолати корӣ | Аҳолии шахр ва минтақаи Қӯрғон тепа |
| ҶДММ «Насим» | сангҳои ороишӣ | 10 ҳ. м2 | 5,2 ҳ. м2 | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шахр ва минтақаи Қӯрғон тепа |
| ҶСК «Дилором» | маҳсулоти дарзӣ | 15 ҳ. адад | 2,5 ҳ. адад | Дар ҳолати қорӣ қарор дорад | Соҳаи тандурустӣ ва аҳолӣ |
| КВД «Матбаа» | маҳсулоти чопӣ | 10 ҳ. нусха | 1,2 ҳ. нусха | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шахр ва вилояти Хатлон |
| ҶДММ «Алӣ-1» | консерва | 2 млн. қ. шартӣ | 97,9 ҳ.қ. шартӣ | Кӯҳна ва дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии шахр ва минтақаи Қӯрғон тепа |
| ҶДММ «Ватан ҶХҶ» | равған ва кунҷора | 0,5 ҳ. тн 2,5 ҳ. тн | 18тн 96 тн | Кухна, вале дар ҳолати коршоям | Аҳолии шахр ва минтақаи Қӯрғон тепа |
| ҶДММ «Саманди АК» | нӯшокии спиртӣ | 10 ҳ. дал | 1,4 ҳ. дал | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шахр ва минтақаи Қӯрғонтеппа |
| | ғайриспиртӣ | 20 ҳ. дал | 1,6 ҳ. дал | | |
| ҶДММ «Ширинии Шарқ» | маҳсулоти қаннодӣ | 10 ҳ. тн | 5,7 ҳ. тн | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шахр ва вилояти Хатлон |
| ҶДММ «Шириниҳои Шафоат » | маҳсулоти қаннодӣ | 10 ҳ. тн | 5,4 ҳ. тн | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шахр ва вилояти Хатлон |
| ҶДММ «Мечта пласт » | дару тирезаи пластикӣ | 5 ҳ. м2 | 1,3 ҳ. м2 | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шахр ва минтақаи Қӯрғон тепа |
| ҶДММ «Сомон пласт » | дару тирезаи пластикӣ | 3 ҳ. м2 | 0,2 м2 | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шахр ва минтақаи Қӯрғон теппа |
| ҶДММ «Роҳат пласт» | дару тирезаи пластикӣ | 5 ҳ. м2 | 0,5 ҳ. м2 | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шахр ва минтақаи |
| ҶДММ «Салимҷон» | ҳасиб | 100 тн | 35 тн | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шахр |
| ҶДММ «Осиё+М » | яхмос | 250 тн | 25 тн | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шахр ва минтақаи Қӯрғонтеппа |
| ҶДММ «Маркази ҳунаромӯзӣ » | маҳсулоти дарзӣ | 10 ҳ. адад | 800 адад | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шахр ва минтақаи Қӯрғонтеппа |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ҶДММ « Коргоҳи дӯзандагӣ» | маҳсулоти дарзӣ | 25 ҳ. адад | 3 ҳ. адад | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии шаҳр ва вилояти Хатлон |

Таҷҳизотҳои қисме аз корхонаҳои саноатии шаҳр фарсуда ва аз ҷиҳати маънавӣ кӯҳна буда, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ намебошанд. Бинобар ин, маҳсулоти истеҳсолшудаи онҳо, чӣ дар бозори дохилӣ ва чӣ дар бозори беруна рақобатпазир нест.

Мутобиқи ҷадвали № 1 новобаста ба камбудиҳои ҷойдошта иқтидори истеҳсолии он корхонаҳо захираи зиёд дошта, айни замон маҷмӯи истеҳсоли маҳсулотҳои корхонаҳои саноатӣ ба 35-40 фоизи иқтидори лоиҳавии корхонаҳо мебошад. Аксарияти корхонаҳои мазкур дар баробари истеҳсол иваз намудани таҷҳизотҳои технологиро ба анҷом расонида истодаанд, ки он ба сифати маҳсулот ва миқдори истеҳсоли он мусоидат менамояд.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2012, №175 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи амал оид ба таъсисёбии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015» дар таҳияи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Қӯрғонтеппа то соли 2020» бунёди 12 корхонаи саноатӣ дар назар дошта шудааст.

Аз рӯи нақшаи нишондиҳандаи дурнамо бо назардошти таҷҳизонидани корхонаҳо бо технологияи нав ва пурра ба фаъолият даровардани иқтидорҳои мавҷудаи онҳо, таъсиси корхонаҳои нави хурду миёна, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2020 дар қиёс ба соли 2015 қариб 58,7 фоиз зиёд хоҳад шуд.

Ҳамзамон дар Барнома ба истифода додани 16 коргоҳҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ пешбинӣ гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то соли 2020 ба 181 миллион сомонӣ хоҳад расид.

Дар панҷ соли минбаъда тибқи дурнамо яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи саноати шаҳр ин ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мебошад.

### 2.2. Соҳибкории хурду миёна

Соли 2015 ҳиссаи соҳибкорони хурду миёна дар қисми даромади буҷети маҳаллӣ 32,1 фоизро ташкил додааст.

Саҳми соҳибкории хурду миёна дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ сол то сол афзоиш ёфта, дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 рушди соҳаи саноат 128,7 фоизро ташкил медиҳад.

Инкишоф наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут мебошад.

Бо вуҷуди ин нақши соҳибкорони хурду миёна дар таъмини бозори дохила бо маҳсулоти хӯрока ва саноатӣ хеле калон буда, зиёда аз 23,5 фоизи таъмини бозори дохилӣ ба рушди онҳо вобаста мебошад.

Дар давраи феълӣ барои самаронок истифодабарии иқтидорҳои мавҷудаи иқтисодии шаҳр чунин сиёсатро гузаронидан лозим аст, ки он ба фаъолсозии рушди соҳибкории аҳолӣ барои намудҳои фаъолияти ғайри кишоварзӣ кумак расонида тавонад.

Яке аз механизмҳои дар фаъолиятбудаи рушди саноати шаҳр ташкили намудҳои нави истеҳсолот ва эҳё намуни ҳунармандӣ, касбҳои анъанавӣ ва ба аҳолӣ омӯзонидани ихтисосҳои саноатӣ (аз қабили дузандагӣ, бофандагӣ, ресандагӣ ва ғайра) мебошад.

Пешниҳоди хизматрасонӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна, барои дастгирии бахши хусусӣ дар ҳудуди шаҳр филиали бонкҳои тиҷоратӣ, ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСП «Тоҷпромбонк», БДА ҶТ

«Амонатбонк», ҶСП «Аввалин Бонки молиявии хурд» ва дигар бонкҳо хизмат мекунанд. Дар тӯли солҳои 2011-2015 тавассути бонкҳои мазкур барои мизоҷон ба андозаи 1 млрд. 97,7 млн. сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ (12,4 фоиз), ниёзи иҷтимоӣ (12,5 фоиз), саноату сохтмон (25,1фоиз) ва соҳибкорӣ (савдо) (49,9 фоиз) пешниҳод гардидааст.

Ҷадвал. Маълумот оид ба фаъолияти қарзӣ
дар тӯли солҳои 2011-2015 (ҳазор сомонӣ)

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии қарзҳои пешниҳодгардида | Шумораи қарз исфодабарандагон | Бахшҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Саноат, сохтмон | Савдои яклухт ва чакана | Ниёзи иҷтимоӣ |
| Филиали БДА «Амонатбонк» № 43 | 2011 | - | - | - | - | - | - |
| | 2012 | 117 | 12 | - | - | 117 | - |
| | 2013 | 1559 | 200 | 300 | 697 | 15 | 547 |
| | 2014 | 4628 | 150 | 355 | 1871 | 915 | 1487 |
| | 2015 | 4560 | 139 | 314 | 1798 | 901 | 1589 |
| Ҳамагӣ | | 10864 | 501 | 969 | 4366 | 1948 | 3623 |
| Филиали ҶСК «Ориёнбонк» | 2011 | 750 | 5 | - | - | 750 | - |
| | 2012 | 1763 | 22 | - | - | 1741 | 22 |
| | 2013 | 1190 | 18 | - | - | 1135 | 55 |
| | 2014 | 1875 | 27 | - | - | 1760 | 115 |
| | 2015 | 1740 | 31 | - | - | 1610 | 130 |
| Ҳамагӣ | | 7318 | 103 | - | - | 6996 | 322 |
| Филиали ҶСП «Тоҷпромбонк» | 2011 | 1707 | 177 | 212 | 983 | 422 | 90 |
| | 2012 | 1239 | 95 | 159 | 319 | 761 | |
| | 2013 | 1714 | 174 | 105 | 853 | 749 | 7 |
| | 2014 | 3726 | 201 | 266 | 1465 | 1973 | 22 |
| | 2015 | 3693 | 193 | 258 | 1389 | 2015 | 31 |
| Ҳамагӣ | | 12079 | 840 | 1000 | 5009 | 5920 | 150 |
| Филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» | 2011 | 14847 | 482 | 2817 | 4016 | 5337 | 2677 |
| | 2012 | 10651 | 335 | 1700 | 2676 | 4491 | 1784 |
| | 2013 | 13820 | 350 | 1189 | 2375 | 8672 | 1584 |
| | 2014 | 3581 | 217 | 672 | 1648 | 7677 | 1116 |
| | 2015 | 3458 | 189 | 560 | 1358 | 5849 | 986 |
| Ҳамагӣ | | 53889 | 1573 | 6938 | 12073 | 32026 | 8147 |
| Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» | 2011 | 8500 | 253 | 431 | - | 7614 | 455 |
| | 2012 | 3581 | 573 | 1057 | - | 16103 | 3246 |
| | 2013 | 26157 | 812 | 8215 | - | 15347 | 2595 |
| | 2014 | 37287 | 1256 | 13425 | - | 19301 | 4561 |
| | 2015 | 33824 | 1136 | 11369 | - | 17850 | 4605 |
| Ҳамагӣ | | 126174 | 4030 | 34497 | - | 76215 | 15462 |
| | 2011 | 3318 | 458 | 246 | - | 2248 | 824 |
| | 2012 | 5810 | 424 | 464 | - | 4182 | 1164 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аввалин бонки маблағгузории хурд | 2013 | 7909 | 467 | 232 | - | 5188 | 2489 |
| | 2014 | 11526 | 464 | 128 | - | 7780 | 3618 |
| | 2015 | 10658 | 458 | 125 | - | 7850 | 3594 |
| Ҳамагӣ | | 39221 | 2271 | 1195 | - | 27248 | 11689 |
| Соҳибкорбонк | 2011 | 108 | 16 | - | 69 | - | 39 |
| | 2012 | 1173 | 49 | - | 681 | - | 492 |
| | 2013 | 550 | 27 | - | 152 | - | 398 |
| | 2014 | 360 | 4 | - | 360 | - | |
| | 2015 | 742 | 6 | - | 341 | - | 401 |
| Ҳамагӣ | | 2933 | 102 | - | 1603 | - | 1330 |
| Филиали ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» | 2011 | 10221 | 248 | 1682 | 432 | 5711 | 2396 |
| | 2012 | 18701 | 342 | 3581 | 2227 | 8981 | 3912 |
| | 2013 | 29025 | 522 | 2416 | 1002 | 19876 | 5731 |
| | 2014 | 15830 | 278 | 856 | 1909 | 10097 | 2968 |
| | 2015 | 17571 | 285 | 941 | 2058 | 11356 | 3216 |
| Ҳамагӣ | | 91348 | 1675 | 9476 | 7628 | 56021 | 18223 |
| Филиали ҶСП «АксесБонкТоҷикистон» | 2011 | - | - | - | - | - | - |
| | 2012 | - | - | - | - | - | - |
| | 2013 | - | - | - | - | - | - |
| | 2014 | 9256 | 397 | 863 | 1197 | 7109 | 87 |
| | 2015 | 9542 | 412 | 956 | 1256 | 7236 | 94 |
| Ҳамагӣ | | 18798 | 809 | 1819 | 2453 | 14345 | 187 |
| Филиали ҶСП «СпитаменБонк» | 2011 | - | - | - | - | - | - |
| | 2012 | - | - | - | - | - | - |
| | 2013 | 5 | 1 | - | - | 5 | - |
| | 2014 | 9088 | 288 | 1497 | - | 5972 | 1619 |
| | 2015 | 9857 | 312 | 1660 | 96 | 6232 | 1869 |
| Ҳамагӣ | | 18950 | 601 | 3157 | 96 | 12209 | 3488 |
| Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» №1 | 2011 | 1777 | 217 | - | 1257 | 334 | 186 |
| | 2012 | 2217 | 220 | - | 1626 | 436 | 155 |
| | 2013 | 3025 | 247 | 1 | 1808 | 828 | 388 |
| | 2014 | 5741 | 469 | 199 | 3284 | 1332 | 926 |
| | 2015 | 6807 | 543 | 306 | 3618 | 1760 | 1123 |
| Ҳамагӣ | | 19567 | 1696 | 506 | 11593 | 4690 | 2778 |
| Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» №2 | 2011 | - | - | - | - | - | - |
| | 2012 | - | - | - | - | - | - |
| | 2013 | 28936 | 1688 | 1691 | 20036 | 7209 | - |
| | 2014 | 54971 | 1574 | 2565 | 42841 | 7991 | - |
| | 2015 | 55807 | 1678 | 2986 | 44568 | 8253 | - |
| Ҳамагӣ | | 138140 | 4940 | 7242 | 107445 | 23453 | - |
| Ҷамъи умумӣ | | 539281 | 19141 | 66799 | 146072 | 261071 | 65339 |

Ҷадвал. Маълумот оид ба воридоти маблағҳо тавассути бонкҳои дар шаҳри Қӯрғонтеппабуда аз хориҷи кишвар ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар тӯли солҳои 2010-2015 (бо ҳисоби қурби асъори давраи дахлдор)

| Асъор | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Доллари ИМА | 41018,7 | 60108,8 | 6712,4 | 40539,2 | 32154,6 | 180533,7 |
| Бо сомонӣ | 340247,8 | 286338,7 | 320969,6 | 209576,1 | 231513,1 | 1388645,3 |
| Рубли русӣ | 3176327,3 | 3616258,8 | 4609823,8 | 4164737,8 | 3978265,5 | 19545413,2 |
| Бо сомонӣ | 428804,2 | 524357,5 | 645375,3 | 541415,9 | 397826,5 | 2537779,4 |
| Евро | 110 | 1348 | 105,6 | 119,5 | 132,4 | 1815,5 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бо сомонӣ | 699,2 | 843,7 | 669,2 | 778,9 | 1178,3 | 3569,3 |
| Ҳамагӣ бо сомонӣ | 769751,2 | 811539,9 | 967014,1 | 751770,9 | 630517,9 | 3929994 |

Тавассути бонкҳо аз хориҷи кишвар ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар давоми солҳои 2011-2015 ба андозаи 180,5 ҳазор доллари ИМА, 19 млн. 545,4 рубли русӣ ва 3569 евро маблағ ворид гардидааст.

Ҳоло соҳибкорони шаҳр ба кӯмаки машваратии касбӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди тиҷорат (бахусус ба масъалаи баромадан ба бозори ҷаҳонӣ), дастрасӣ ба иттилоот ва сохторҳои ёрирасон (бизнес-инкубатор, маркази тиҷоратӣ) ниёз доранд.

Соҳибкорон дар шаҳр яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти шаҳр вобастагии калон дорад. Дар шаҳр имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуданд, ки дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин, аксари занон ва духтарон дар хона бекор буда, метавон онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ба кор ҷалб намуд.

Манбаи асосии афзун гардонидани нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар шаҳр таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ, аз ҷумла коркарди меваю сабзавот, нахи пахта, бофандагию дӯзандагӣ, истеҳсоли трансформатор, коркарди пӯст ва истеҳсоли маҳсулотҳои сохтмонӣ ба шумор меравад. Дар доираи Барномаи мазкур барқарор ва бунёди фабрикаи қолинбофӣ, корхонаҳои истеҳсоли қубурҳои пластикӣ, истеҳсоли шакар, шиша ва зарфҳои шишагӣ, консервабарорӣ, обҳои ташнашикан, масолеҳи сохтмонӣ ва коргоҳҳои хурду миёна пешбинӣ гардидааст. Дар ҳолати иҷро гардидани чорабиниҳои пешбинишуда зиёда аз 1200 ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

Аз тарафи соҳибкорони ватанӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бизнес-нақшаҳо таҳия гардида, ба дастгирии сармоягузорони хориҷӣ ва хизматрасонии босифати бонкӣ (қарзгирӣ бо миқдори калон ва дарозмуҳлат) ниёз доранд. Амалӣ гардидани чунин лоиҳаҳо ва Бизнес-нақшаҳо ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохила мусоидат менамояд.

Дар ҶДММ «Азия» бизнес-нақша тасдиқ гардида аз тарафи муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон» 800,0 ҳазор сомонӣ қарз ба муҳлати 2 сол дода шуд, ки дар натиҷа таҷҳизотҳои истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ (водоэмулсия) харидорӣ карда шуда, иқтидори истеҳсоли солонаи ин номгӯи маҳсулот 1200 тонна буда дар ин васила 18 ҷойи нави кори таъсис дода мешавад. Ҳамзамон аз тарафи ҷамъияти мазкур сохтмони корхонаи истеҳсоли шиша ва зарфҳои шишагӣ ба нақша гирифта шуда, оиди дарёфти ашёи хом (хока ва қум) дар ҳудуди вилоят корҳои таҳқиқотӣ гузаронида шуда истодааст.

Соҳибкори ватанӣ лоиҳаи сармоягузорӣ оид ба сохтмони корхонаи истеҳсоли шакар пешниҳод намуда ба сармоягузорони хориҷӣ ва грантҳо ниёз дорад. Хароҷоти умумии он барои сохтмон ва воридоти таҷҳизот 978,0 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил намуда (7,6 млн. сомонӣ) дар ҳолати ба кор андохтани корхонаи мазкур 150 ҷойи нави корӣ ва истеҳсоли 500 то 600 тонна шакар дар як сол пешбинӣ гардидааст.

Дар маҷмӯъ нишондиҳандаи иқтисодии солонаи истеҳсоли маҳсулоти корхона 2,4 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Корхонаи трансформаторбарории шаҳр яке аз корхонаҳои азим ба шумор рафта, дар сатҳи ҷумҳурӣ ягона мебошад. Таҷҳизотҳои он аз даврони солҳои 70-80 асри гузашта васл гардида, то ҳол дар ҳолати коршоям мебошанд. Барои бо иқтидори лоиҳавӣ ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти корхона иваз намудани қисми таҷҳизотҳо аз тарафи мутахассисони корхона пешбинӣ гардида, лоиҳаи

сармоягузорӣ таҳия гардидааст, ки маблағи умумии он 33,5 млн. сомониро ташкил медиҳад. Дар ҳолати дастгирӣ ёфтани лоиҳаи мазкур иқтидори солонаи истеҳсоли корхона ба 600 трансформатор расонида мешавад.

Бо мақсади афзун намудани соҳибкорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти фармасефтӣ корхонаи «Сафар-фарма» лоиҳаи сармоягузорӣ таҳия намуд, ки маблағи харидории таҷҳизотҳои истеҳсолии он 6,5 млн. сомониро ташкил медиҳад. Лоиҳаи пешниҳодшудаи корхонаи мазкур қобили қабул буда, дар ҳолати дастгирӣ ёфтани он истеҳсоли доруворӣ дар шаҳр зиёд гардида, 32 ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

ҶДММ «Ширинии Шарқ», ки ба истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ (кулчақанду ширинихо) машғул мебошад, фаъолияти худро бо таҷҳизотҳои нави замонавӣ ба роҳ монда, дар марҳилаи дуюми худ сохтмони коргоҳи навбатиро пешбинӣ намудааст, ки он ба афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ мусоидат менамояд.

Маблағи лоиҳавии сохтмон зиёда аз 1 млн. сомониро ташкил медиҳад.

**Мушкилиҳои асосии соҳа.** Мушкилиҳои асосие, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна дар шаҳр таъсири манфӣ мерасонад, ин набудани маблағҳои иловагӣ барои соҳибкорӣ ва тиҷорат, сатҳи баланди фоизи қарзҳо, мухлати кӯтоҳи баргардонидани қарз, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии соҳибкорӣ, набудани марказҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна оид ба таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бизнес-нақшаҳо, бахусус дар байни занон мебошад.

2.3. Кишоварзӣ.

Масоҳати умумии шаҳри Қӯрғонтеппа 2457 гектарро  ташкил медиҳад. То соли 2013 масоҳати умумии ҳудуди шаҳр 874 гектарро ташкил медод, ки дар чунин масоҳат соҳаи кишоварзӣ ба қайд гирифта нашуда буд. Бо пешрафти вазъи иқтисодию иҷтимоии шаҳр ва ҳамчун маркази вилояти Хатлон буданаш, соли 2013 аз ҳисоби заминҳои ноҳияҳои Бохтару Вахш 1583 гектар ба ҳудуди шаҳри Қӯрғонтеппа ворид карда шуд, ки аз он 635 гектар ба хоҷагиҳои деҳқонӣ маҳсуб мебошанд. Аз заминҳои корами хоҷагиҳои деҳқонӣ 31 гектар боғот, 1 гектар тутзор ва 603 гектари он ба заминҳои корами зироатӣ таалluқ доранд.

Соҳаҳои асосии кишоварзии шаҳр пахтакорӣ, ғаллакорӣ, боғдорӣ, сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ ва кирмакпарварӣ мебошад.

Соҳаи мазкур дар шаҳр соҳаи навтаъсис буда, дар баробари таҳияи Барномаи шаҳр қисмати зиёди заминҳои корами ба шаҳр  тааллуқдошта (дар тӯли солҳои 2015-2020 зиёда аз 150,8 га) ба заминҳои истифодаи умум, аз ҷумла минтақаи саноатӣ (11,7 га), таъсиси микрорайонҳо бо сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ (42,5 га), минтақаи комплекси варзишӣ (54,1 га) ва маҳаллаҳои аҳолинишин бо сохтмони биноҳои дуошёнаи истиқоматӣ (коттеҷ, 25 га) табдил дода мешавад. Заминҳои аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ баровардашаванда майдони 150,8 гектарро ташкил намуда, 145,3 га он аз ҳисоби заминҳои корами обӣ, 3,94 га аз ҳисоби заминҳои зериобӣ ва 1,51 га аз ҳисоби заминҳои зери роҳҳо мебошанд.

Бо ин мақсад дар Барнома коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ пешбинӣ гардидааст. Дар шаҳр соҳаҳои чорвопарварӣ ва мурғпарварӣ вуҷуд надоранд (ба истиснои хоҷагиҳои аҳолӣ) бо мақсади самаранок истифода бурдани заминҳои корами мавҷуда кишти ғалладонагӣ (гандум ва ҷуворимакка), беда ва алафҳои бисёрсола кам карда мешаванд.

Дар шаҳри Қӯрғонтеппа 38 хоҷагии деҳқонӣ ва филиали институти зироаткории Академияи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон (192,4 га) фаъолият менамоянд.

Ба хоҷагиҳои деҳқонӣ 603 га заминҳои корам вобаста карда шуда, корҳо дар самти таҷдиди хоҷагиҳо дар заминаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ идома доранд.

Фаъолияти филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон бо номи Пункти такягоҳи Институти илмию тадқиқотии умумииттифоқии пахта (Союз НИХИ) соли 1934 дар ҳудуди шаҳри Қӯрғонтеппа таъсис дода шудааст. Аз соли 2008

ин коргоҳи илмӣ филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон ном гирифтааст. Масоҳати умумии заминҳои кишти филиал 192,4 га-ро ташкил намуда, самти асосии ин хоҷагӣ ихтироъ ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навъҳои нави пахта ва зироатҳои кишоварзӣ мебошанд. Ҳоло дар филиал 3 шуъба ва 4 озмоишгоҳ, аз ҷумла шуъбаи селексияи пахтаи маҳиннах, шуъбаи селексияи пахтаи миёнанах, шуъбаи коркард ва технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ, озмоишгоҳи тамоми сол истифодабарии заминҳои обӣ, озмоишгоҳи тухмипарварии пахта, озмоишгоҳи селексияи юнучқа ва озмоишгоҳи ташхиси технологияи нахи пахта фаъолият доранд. Ба корҳои илмию татқиқотӣ 4 номзади илм, 13 корманди илмӣ ва 56 нафар техникҳо вобаста мебошанд.

Дар солҳои 2010-2015 бо мақсади беҳтар намудани шароити корӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии татқиқотҳои илмӣ корҳои таъмиру ҷиҳозонидани ҷойҳои корӣ қисман анҷом дода шуда, 12 компютер, зиёда аз 100 курсӣ ва 40 мизи кории нав, 10 танзимкунандаи ҳарорат ва дигар олотҳои ташхисӣ харидорӣ карда шудааст. Инчунин тракторҳои шудгоркунандаи тамғаи Т-150, боркаши тамғаи МТЗ-100, коркардкунандаи МТЗ-82, сипори тамғаи ПЯ-3-35, комбайни ғалладаравӣ, олоти алафдаравии тамғаи КИР-1,5, тухмипошакҳо барои зироатҳои полезию пахта ва олотҳои дигар дастрас карда шудаанд.

Дар баробари он як қатор камбудиҳо ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо ба пешравии корҳои илмӣ-татқиқотӣ мусоидат менамояд, аз ҷумла таъмири куллии бинои маъмурӣ, сехи пахтатозакунӣ ва парки тракторӣ ва лабаратория зарур мебошад.

Филиали институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон баҳри пешрафти соҳа 3 адад лоиҳа ба маблағи 2,7 млн. сомонӣ пешниҳод намудаанд, ки он ба дастгирии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ниёз дорад.

Истифодабарии заминҳо. Ба 1 январи соли 2016 майдони умумии заминҳои кишоварзии шаҳр (бо назардошти хоҷагиҳои аҳолӣ) 1474 гектарро ташкил менамояд, ки аз он замини корам - 43% (635 га), дарахтони бисёрсола - 3,3% (49 га), замини наздиҳавлигӣ- 43,4% (640 га), 7,7% замини шахсӣ (114 га) ва 2,4% дигар заминҳо мебошад. Барои ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо меваи тару тоза дар ҳудуди шаҳр 31 гектар боғҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 3 гектар аз ҳисоби хоҷагиҳои аҳолӣ парвариш карда мешаванд.

Дар соли 2015 истеҳсоли маҳсулоти зироатҳои кишоварзӣ дар шаҳр ҳамагӣ ғалладона 1587 тонна, аз он ҷумла гандум 1364 тонна, пахта 610,5 тонна, картошка 1419,6 тонна, сабзавот 10928 тонна, полезиҳо 28 тонна, мевагӣ 122 тонна ва ангур 21 тоннаро ташкил додааст.

Дар хоҷагиҳои аҳолӣ 3678 сар ҳайвони калони шохдор, аз ин шумора 1895 сар ҳайвони калони шохдор модагов мебошад, инчунин саршумори 5700 сар бузу гӯсфанд мавҷуд мебошад.

Истеҳсоли маҳсулотҳои чорводорӣ аз ҷумла гушти чорво ва парранда 945 тонна, шир 452 тонна, тухм 144,1 ҳазор донна, пашм 3,5 тонна, пилла 3,0 тонна ва асал 1,2 тоннаро ташкил додааст.

Дар соли 2015 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 45002,2 ҳазор сомонӣ буда, аз ҷумла маҳсулоти растанипарварӣ 41429,9 ҳазор сомонӣ ва чорводорӣ 3572,3 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Соли 2015 дар майдони 1149 га кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст, ки аз он 603 га ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 546 га ба аҳолӣ рост омадааст. Дар сохтори майдони кишти зироатҳо ҳиссаи зиёдро кишти ғалладонагӣ ва сабзавот ишғол мекунад (мутаносибан 27,6 ва 29 фоиз).

Ғалладонагӣ. Соли 2015 дар майдони 347 гектар кишти ғалладонагӣ гузаронида шуда, дар натиҷа 1587 тонна ғалладона истеҳсол шуд, ки нисбат ба соли 2014-ум 192 тонна ва ҳосилнокӣ бошад 0,6 сентнер зиёд мебошад.

**Сабзавоткорӣ.** Дар солҳои охир афзоиши истеҳсоли сабзавот дар хоҷагиҳо ба назар мерасад. Соли 2015 истеҳсоли сабзавот дар қиёс ба соли 2014-ум 2,2 фоиз зиёд гардидааст. Ҳосилнокӣ бошад 297 сентнериро ташкил медиҳад.

Дар солҳои минбаъда аз ҳисоби кам кардани кишти хӯроки чорво, зиёд намудани майдони сабзавот дар назар дошта шудааст.

Аҳолӣ асосан ба парвариш сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам ва сабзавоти барвақтӣ машғул буда, даромаднокии қисми алоҳидаи аҳолӣ аз фурӯши ин маҳсулотҳо иборат мебошад.

Яке аз мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад кам будани гармхонаҳои калони ба талаботҳои замон ҷавобгуй мебошад. Айни замон рушди сабзавотпарвариро бе гармхона тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ҳолати ташкил гардидани гармхонаҳо дар сатҳи хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонанд ба бозорҳои дохила маҳсулоти барвақтӣ бароварда, соҳиби даромади иловагӣ гарданд.

Картошкапарварӣ. Соҳаи картошкапарварӣ барои хоҷагиҳои кишоварзӣ яке аз соҳаҳои даромаднок ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Хоҷагиҳо ва аҳолӣ бештар ба парвариши картошка машғул шуда, истеҳсоли онро барои таъмин намудани бозори дохилӣ зиёд намуда истодаанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки истеҳсоли картошка сол аз сол зиёд гардида, соли 2015 нисбат ба соли 2014 ин нишондиҳанда ба 1419,6 тонна, ё ин ки 8,7 фоиз ва ҳосилнокии он бошад ба 220 с/га, ё ин ки 108 фоиз зиёд мебошад.

Новобаста ба он, дар пешрафти соҳаи кишоварзӣ камбудӣ ва мушкилиҳо низ ҷой доранд:

- нокифоя будани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмуҳлат;
- қарздор будани хоҷагиҳои деҳқонӣ;
- суст будани базаи моддию техникӣ;
- суст будани низоми менеҷмент ва маркетинг;
- нокифоя будани истеҳсоли маҳсулотҳо дар гармхонаҳо.

Низоми обёрии заминҳо. Обёрикунии заминҳо ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии онҳо вобаста ба соҳаи кишоварзӣ буда, самаранок истифода бурдани он дар зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ аҳамияти калон дорад. Заминҳои ҳосилхези шаҳр асосан тавассути шохобҳои канали магистралии Вахш ва ҷуйборҳои дохили шаҳр обёрӣ карда мешаванд.

Дарозии умумии шабакаҳои объёрикунандаи заминҳои корам (ҷӯйборҳо) ба 35,6 км баробар буда, ҳар сол ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 15 километри он тоза карда мешавад, ки ин 42,1 фоизи дарозии умумии онро ташкил медиҳад.

Дарозии умумии заҳбуру заҳкашҳо дар ҳудуди шаҳри Қӯрғонтеппа беш аз 33 км-ро ташкил дода, ҳолати онҳо назорати доимиро талаб мекунад. Дар соли 2015 баҳри паст кардани обҳои зеризаминӣ ҳамаи заҳбуру заҳкашҳои ҳудуди шаҳр ба пуррагӣ тоза карда шуд, ки маблағи умумии хароҷоти он 933,7 ҳазор сомониро ташкил намудааст. Иҷрои чунин корҳо оиди тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо аз ҳисоби даромади барзиёди буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Дар 5 соли оянда оиди иҷрои чунин корҳо 3 млн. пешбинӣ карда мешавад.

Бо мақсади таъмин намудани соҳаи кишоварзӣ бо техника ва таҷҳизот тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007, № 597 - Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии «Тоҷикагролизинг» ҷиҳати осон гардонидани кори хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шахсони инфиродӣ дар соли 2017 таъсиси маркази хизматрасонии техникӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа пешбинӣ гардидааст, ки он ба фаъолияти пурсамари соҳаи кишоварзии шаҳр мусоидат менамояд.

**Вазифа ва ҳадафҳои соҳа:**

- таъсиси Маркази хизматрасонии техникии «Агролизинг» дар шаҳр;

- ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва равнақ додани фурӯши он дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ;
- зиёд намудани оилаи занбӯри асал дар хоҷагиҳои аҳолӣ;
- таъсис додани марказ оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасони боғҳо ва заминҳои кишоварзӣ.

Дар зарфи 5 соли минбаъда ҳадафи асосӣ ин беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда, инкишофи соҳаи сабзавоткории барвақтӣ, аз ҳисоби хоҷагиҳои аҳолӣ афзун намудани соҳаи чорводорӣ, занбӯри асалпарварӣ ва сохтмони гармхонаҳо мебошад.

**Мушкилиҳои соҳа.**

Маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмуҳлат;

- паст будани хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагии кишоварзӣ, бахусус дар мавриди таъминот бо оби полезӣ ва роҳҳои маҳаллӣ;
- норасогии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (мева, сабзавот ва ширу гӯшт);
- таъмин набудан бо техника ва таҷҳизоти бойтории замонавӣ;
- набудани нуқтаҳои қабули пӯсту пашм ва коркарди он.

**2.4. Сохтмон.**

Соҳаи сохтмон ҳамчун соҳаи муҳими бахши воқеии иқтисодиёт дар пешбурди сатҳу сифати зиндагии мардум, таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ, амалӣ кардани ҳадафҳои рушди инсонӣ мавқеи ниҳоят муҳим дорад. Аз ин лиҳоз дар шаҳр ба рушди соҳаи мазкур аҳамияти хоса дода мешавад ва чунин муносибат ба сохтмон солҳои охир ниҳоят ҷиддӣ шуда истодааст.

Дар соли 2015 дар шаҳр 23 ташкилоти сохтмонӣ амал менамояд, ки дар онҳо беш аз 895 нафар кормандон фаъолият мекунанд. Шумораи умумии техникаҳои мавҷуда дар ихтиёри ташкилотҳои сохтмонӣ буда, беш аз 195 ададро ташкил медиҳанд. Дар шаҳр асосан фаъолияти соҳаи сохтмон барои ба анҷом расонидани сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, иншоотҳои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр таъмиру азнавсозии роҳу роҳравҳо ва ғайраҳо нигаронида шудааст.

Соли 2015 тавассути ташкилотҳои сохтмонии шаҳр 55290,1 ҳазор сомонӣ корҳои пудратӣ ба сомон расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2014 ба маблағи 14751,2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳамзамон тавассути ташкилотҳои мазкур тӯли солҳои 2011-2015 сохтмони 345 иншоот ба анҷом расонида шуд, ки дар бунёди онҳо маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ равона гардидааст. Дар солҳои минбаъда низ тамоми корҳои сохтмонию барқарорсозӣ аз ҷониби ин ташкилотҳо амалӣ карда мешаванд, зеро ин ташкилотҳо бо техника ва дигар таҷҳизотҳои сохтмонӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

То соли 2020 дар шаҳр сохтмону барқарорсозии зиёда аз 47 иншоот аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ, вилоят ва маҳал ба нақша гирифта шудааст, ки сохтани онҳо аз тарафи ташкилотҳои сохтмонии шаҳр амалӣ мешаванд. Ҳамзамон дар шаҳр 34 иншооти сохтмонаш нотамом боқӣ мондааст, ки сохтмони онҳо дар солҳои 2010-2015 оғоз гардида, идома доранд.

Маблағи умумии сохтмонҳои нотамом 57,6 млн. сомониро ташкил намуда, то аввали соли 2016 ба маблағи 18,9 млн. сомонӣ азхуд карда шудааст. Маблағҳои иншоотҳои нотамом 38,7 млн. сомониро ташкил намуда, он то соли 2020 ба анҷом расонида мешаванд.

Дар баробари он аз рӯи бақайдгирии иншоотҳои сохтмонӣ аз тарафи аҳолӣ ва соҳибкорони хурду миёна 223 адад сохтмони нотамоми манзилҳои истиқоматӣ идома дорад, ки он ҳам ба анҷом расонида мешавад.

Яке аз заминаҳои фароҳам оварданизиндагии арзанда барои шаҳрвандон ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаи бо манзил таъмин намудани онҳо мебошад. Шахсони

муҳтоҷи манзил эҳтиёҷоти худро аз ҳисоби хонаҳои хусусии сохтаашон ё аз ҳисоби фонди манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ё хусусӣ ва бо роҳи бастани шартномаи иҷораи манзил ҳал мекунад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа диққати асосиро ба ҷустуҷӯи манбаъҳои иловагӣ, боз ҳам беҳтар ва афзунтар намудани сифат ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонии худӣ ва сохтани манзилҳои хусусӣ равона намуда, барои ҳалли ин масъалаҳои мураккаб тадбирҳои зиёди техникӣ, молиявӣ ва ташкилӣ андешида, зарур мешуморад, ки захираҳои ҳар як корхона, тарзу усули ба таври хоҷагӣ сохтани манзил ва ҷалб намудани худи эҳтиёҷмандон низ истифода созад.

**Мушкилоти асосии соҳаи сохтмон.**

- пурра фаъолият накардани ташкилотҳои пудратӣ;
- нарасидани мутахассисон;
- бо сабаби набудани заводи истеҳсоли хишт ва комбинати хонасозӣ.

## БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

3.1. Соҳаи маориф ҳамчун омили муҳими рушди инсон барои ноил гардидан ба як қатор мақсадҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва башардӯстона нақши муҳим мебозад. Идоракунии низоми маориф дар сатҳи маҳаллӣ бо мақсади сабукгардонии таъмини дастрасиитаҳсилоти босифат равона гардида, айни замон ҷиҳати ноил гардидан ба баробарии гендерии ҳамаи қишрҳои аҳолӣ ба ислоҳоти бунёдӣ эҳтиёҷ дорад. Барои бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба талаботи имрӯза мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст. Таъмини иҷрои барномаи мазкур дар шаҳр таконе барои рушди ин соҳа хоҳад буд.

Баҳри самаранок ва сифатнок татбиқ намудани сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи маҳал дар доираи Барномаи мазкур баҳри рушди соҳаи маориф вазифаҳои зеринро ба анҷом расонидан лозим аст:

- беҳтар намудани дастрасӣ (махсусан кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва табақаҳои осебпазири аҳолӣ) ба маълумоти томактабӣ, миёна, миёнаи махсус ва олӣ ва дар ин замина таъмин намудани маълумоти фарогир;
- барқарор намудани инфрасохтори мактабӣ, таъмини мактабҳо бо гармӣ ва сохтани гармхонаҳои автономӣ;
- сохтани мактабҳои нав;
- ҷалби ҷомеа-волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ оид ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат.

Дар соҳаи маорифи шаҳри Қӯрғонтеппа 17 муассисаи таҳсилоти томактабии давлатӣ ва 1 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ, 15 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 4 литсей, 2 гимназия, Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, 2 коллеҷ (омӯзгорӣ ва тиббӣ), 2 Маркази таҳсилоти иловагӣ, литсейи касбӣ-техникӣ ва литсейи махсусгардонидашудаи шаҳри Қӯрғонтеппа, амал менамоянд.

Таҳсилоти томактабӣ. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 130 гурӯҳ бо теъдоди 2819 нафар кӯдак (аз ин 1325 нафар духтарон) ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Кӯдакон дар гурӯҳҳо вобаста ба синну сол ҷойгир карда шудаанд: гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб ва гурӯҳи русӣ. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 112 нафар кормандон ба таълиму тарбияи наврасон машғул буда, аз ин 54 нафар дорои таҳсилоти олӣ, 31 нафар таҳсилоти олии нопурра, 21 нафар дорои таҳсилоти миёнаи махсус ва 6 нафар дорои таҳсилоти миёна мебошанд.

Ғайр аз ин, дар ҳудуди шаҳри Қӯрғонтеппа аз ҷониби Хазинаи кӯдакони СММ (Юнисеф) ва Ташкилоти байналмилалии Институти “Ҷомеаи кушода”–и Бунёди Мадад (Фонди Сорос) “Гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб” ва “Марказҳои тайёрии кӯдакон ба мактаб” таъсис дода шуда, ҳамчун низоми пешниҳоди хизматрасонии алтернативии томактабӣ амал мекунанд, ки дар онҳо ҳамасола ба ҳисоби миёна беш аз 165 кӯдак ба таълим фаро гирифта мешавад.

Яке аз ҳадафи асосии ташкил намудани чунин гурӯҳҳо ва марказҳо, пеш аз ҳама беҳтар намудани дастрасии кӯдакон аз оилаҳои осебпазир ва камбизоат, махсусан дар сатҳи маҳал ба таҳсилоти томактабӣ маҳсуб меёбад. Аз шумораи умумии муассисаҳои томактабии мавҷуда танҳо яктои он (муассисаи томактабии хусусӣ воқеъ дар маҳаллаи "Дустии Халқҳо") ба талаботи муосир ҷавобгӯ асту халос.

Бинобар сабаби норасогии воситаҳои молиявӣ биноҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабии №, № 1, 3, 4, 6, 7, 9, 10, 11, 13 ва 14 кӯҳнаву фарсуда гардида, ба таъмиру азнавсозӣ ва таҷҳизонидан бо лавозимоти лозимаи хонишӣ ниёз доранд.

Дар ҳар як муассисаи томактабӣ ҳамасола 27 нафар кӯдак барои тайёрӣ ба мактаб фаро гирифта мешаванд, ки ин 45,2 фоизи шумораи умумии кӯдакони синфи якумро ташкил медиҳад. Яке аз сабабҳои асосии пурра фаро гирифта нашудани кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ ин нарасидани ҷойҳои нишаст ва катҳои хоб мебошад.

Сол то сол на танҳо дар ҳудуди шаҳри Қӯрғонтеппа, балки дар сатҳи ҷумҳурӣ тағйирёбии вазъи демографӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин бевосита ба соҳаи маориф, махсусан ба фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ таъсири худро мерасонад.

Таҳсилоти миёна. Шумораи умумии хонандагон дар шаҳри Қӯрғонтеппа дар солҳои хониши 2015-2016, 22785 нафарро ташкил дода, аз ин 12345 нафар дар басти аввал, 10230 нафар дар басти дуюм ва 310 нафар дар басти сеюм таҳсил менамоянд.

Новобаста аз он, ки дар маҷмӯъ шумораи умумии хонандагон сол аз сол зиёд шуда истодааст, мутаассифона дар ин раванд коҳиш ёфтани шумораи қабули хонандагон дар синфҳои тайёрӣ, якум ва аз синфи 9-ум ба синфҳои болоӣ гузаштан, махсусан дар самти фарогирии духтарон, ба мушоҳида мерасад.

Сабаби асосии коҳиш ёфтани шумораи хонандагон дар синфҳои тайёрӣ ва синфи 1 аз низоми ҳисоботдиҳӣ вобаста буда (дар самти тайёрӣ ҳамасола ҳисоботҳои соҳа (ТМ-1) ба шуъбаи маориф пешниҳод гардида, новобаста аз зиёд гардидани шумораи кӯдакон, ҳисоботҳо тағйир намеёбанд ва дар синфҳои як бошад, қаблан кӯдакони синни 6 сола ба ин синф қабул мегардиданд, ки ҳоло қабули чунин кӯдакон ба синфи якум ғайриимкон шудааст, пурра фаро гирифта нашудани хонандагон баъди хатми синфи 9 ба он алоқаманд аст, ки қисми писарбачагон аз оилаҳои камбизоат ба муҳоҷирати меҳнатӣ, қисми дигари писару духтарон ба омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, инчунин ҳамроҳи падару модарон берун аз ҳудуди шаҳр мераванд.

Бо мақсади беҳтар намудани низоми идоракунӣ дар муассисаҳои таълимию томактабии шаҳри Қӯрғонтеппа айни замон 38 адад кумитаи падару модарон фаъолият менамояд. Ҳадафи асосии ташкили чунин кумитаҳо ин ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф мебошад.

Мушкилоти ҷойдошта, аз қабили нарасидани ҷойи нишаст, афзоиш ёфтани теъдоди хонандагон, сохтмони муассисаҳои нави таълимию томактабӣ дар маҳаллаҳои навбунёди шаҳр, ки аз ҳисоби ҳудуди ноҳияҳои Бохтару Вахш дар соли 2013 ворид гардиданд, нокифоягии китобҳои дарсӣ ва маводи методии замонавӣ буда, вазъи соҳаи маорифро боз ҳам мушкилтар гардонида, барои рушди он садди роҳ мегарданд.

Сифати таълим, дараҷаи дониш ва маҳорати хонандагон мутахассисони соҳаро имрӯз қаноатманд кунонида наметавонад. Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба талаботи муосир мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур мебошад.

Шаклҳои нави идоракунӣ. Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2004, № 441 "Дар бораи ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронидани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ", аз 1 январи соли 2005 то имрӯз дар шаҳри Қӯрғонтеппа ҳамаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей ва гимназияҳо ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронида шудаанд.

Баҳри татбиқ намудани ислоҳоти соҳаи маориф, мақсаднок ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ, назорат ба рафти иҷрои ислоҳот аз рӯи

дастурамали хароҷот ба як хонанда аз ҷониби лоиҳаи омӯзиши босифати USAID тайи ин солҳо чандин чорабиниҳо гузаронида шудаанд.

Дар тӯли солҳои 2011-2015 дар асоси маблағгузории сарикасӣ ба муассисаи таълимӣ ба андозаи 59,6 млн. сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст.

Дар соли 2015 хаҷми умумии хароҷоти соҳаи маориф дар буҷети маҳаллӣ 25,8 млн. сомониро ташкил дода, ҳиссаи он дар сохтори хароҷоти буҷети маҳаллӣ 39,8 фоизро ташкил медиҳад. Дар ин давра аз ҳаҷми умумии маблағҳои ба соҳаи маориф равонагардида, ба таҳсилоти томактабӣ 13,3 фоиз, таҳсилоти миёнаи умумӣ 73,5 фоиз, таҳсилоти касбӣ-техникӣ 11 фоиз ва дигар хароҷотҳо 2,2 фоиз рост меояд.

Гарчанд маблағгузорӣ дар соҳаи мазкур дар солҳои охир тамоюли афзоишро доро бошад ҳам, муттаасифона барои пурра бартараф намудани мушкилоти мавҷуда нокифоя аст. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муассисаҳои таълимӣ бояд на танҳо ба маблағҳои буҷети давлатӣ, балки инчунин ба маблағгузории бисёршабакавӣ, яъне аз ҳисоби ташкил кардани таълими иловагии пулакӣ, гузаронидани курсҳо барои дохилшавандагон ба мактабҳои олӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ташкил ва рушди инфрасохтор аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва хусусие, ки буҷети муассисаҳои таълимиро ғанӣ мегардонанд, такя намоянд.

Таъминот бо омӯзгорон. Ба ҳолати 01.01.2016 шумораи умумии омӯзгорон 1075 нафарро ташкил дод, ки 787 нафар ё 75,5 фоизашро занон ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 784 нафар дорои маълумоти олӣ, 65 нафар дорои маълумоти олии нопурра, 192 нафар дорои маълумоти миёнаи махсуси педагогӣ, 18 нафар донишҷӯи курсҳои 3 ва 4 мебошанд.

Дар баъзе ҳолатҳо сабаби аз кор рафтани мутахассисони соҳа ин паст будани музди меҳнат, ба дигар корҳои даромаднoктар ва ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани онҳо мебошад.

Дар тӯли солҳои 2014-2015 аз ҳисоби мутахассисони ҷавон 95 нафар (аз ҷумла 51 нафар духтарон) баъд аз хатми мактабҳои олии кишвар ба соҳаи маорифи шаҳр қабул гардида, бо ҷои кори доимӣ таъмин карда шуданд.

Зиёд намудани ҳавасмандгардонии моддию маънавии кадрҳои маҳаллӣ ҷиҳати ҷалби хатмкунандагони мактабҳои олӣ барои кор кардан дар мактабҳо мусоидат хоҳад намуд.

Таҳисолоти фарогир. Ба ҳолати 01.01.2016 415 нафар кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шудааст. Аз ин шумора 21 нафарашон кӯдакони синни то 3-сола, 99 нафар аз сини 3 то 6- сола, 206 нафар аз 7- сола то синни 13- сола ва 92 нафар аз сини 13то -18- сола мебошанд. Айни замон аз ин шумораи умумии кӯдакони маъюби синни томактабӣ 15 нафар ва синни мактабӣ 85 нафарашон ба таълим фаро гирифта шудаанд. Сабаби асосии пурра ба таълим фаро гирифта нашудани кӯдакони маъюб ин нарасидани маводҳои таълимӣ, аз ҷумла набудани базаи моддию техникии лозима дар муассисисаҳои таълимӣ, норасогии мутахассисони баландихтисоси соҳа, шароити вазнини оилавӣ ва пурра ҷорӣ нагардидани низоми таълимоти фарогир дар мактабҳои шаҳру деҳот, норасогии асбобу таҷҳизотҳои махсусгардонидашуда, таваҷҷуҳи сусти аҳли ҷомеа дар бартарафсозии мушкилиҳои мавҷуда, набудани инфрасохтори лозима, робитаи сусти сохторҳои дахлдор оид ба ҳамкорӣ бо кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, норасогии воситаҳои таълимии ташаккули зеҳнӣ (бозичаҳои махсус барои рушди нерӯи зеҳнӣ, асбоҳои машқӣ ва ғайра) руйпуш гардонидани кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд аз ҷониби волидайн ба ҳисоб меравад.

Таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус. Дар соли 2015 муассисаҳои таълимии шаҳрро 1554 нафар (аз ҷумла, 652 нафар ё 41,9% духтарон) хатм намуданд, ки аз ин 1123 ва ё 72,2 фоизи хатмкунандагон ба воситаи Маркази миллии тестӣ ба мактабҳои олӣ (662 нафар), ба коллеҷҳою донишгоҳи славянӣ (351 нафар), инчунин 98 нафар хориҷи кишвар аз рӯи ихтисосҳои гуногун дохил гардиданд. Илова бар ин, дар тӯли солҳои 2012-2015 аз ҳисоби хатмкардагони мактабҳои шаҳр 231 нафар дар муассисаҳои

таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия, Украина ва Белоруссия) таҳсил менамоянд.

Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ. Вобаста ба таъмиру сохтмони инфросохтори мактабӣ дар тӯли солҳои 2011-2014 як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд. Бо дастгирии Сафоратхонаи ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ дар соли 2012 бинои мактаби №2 бо 200 ҷойи нишаст ба анҷом расонида шуда, соли 2014 бошад дар ин мактаб хобгоҳ барои 42 нафар хонандагон ба истифода дода шуд. Бояд қайд кард, ки маблағи умумии сохтмони мактаб 1640,0 ҳазор сомонӣ ва хобгоҳ 1460,0 ҳазор сомониро ташкил намуда, саҳми Сафоратхона дар ин сохтмон 1162,0 ҳазор сомонӣ (ё 35,7 фоиз) мебошад. Инчунин, соли 2015 аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба маблағи 10,1 млн. сомонӣ дар 17 муассисаҳои таълимӣ таъмири куллӣ гузаронида шудааст.

Таҳлили дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки сол ба сол шумораи хонандагон сол ба сол дар муассисаҳои таълимӣ афзоиш ёфта истодааст, ки ба афзоиши пайвастаи аҳолӣ ва дар ин замина бунёд шудани маҳаллаҳои нав алоқаманд мебошад. Афзоиши доимии аҳолӣ ба норасогии ҷойҳои нишаст дар муассисаҳои таълимӣ оварда расонидааст. Вобаста ба вазъияти баамаломада сохтмони бинои якчанд муассисаҳои таълимӣ дар назар дошта шуда, сохтмони 1 адад мактаб бо 1240 ҷойи нишаст дар соли 2015 оғоз гардид.

Дар шароити имрӯза дар аксари мактабҳо норасогии мизу курсиҳои дарсӣ, кабинетҳои фаннӣ, устохонаҳо, ошхонаҳо, китобхонаҳо ва толорҳои варзишӣ ба назар мерасад.

Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ. Дар мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳр 775 адад компютер, 576 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 15 хонанда рост меояд, ки мувофиқ ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2010, № 416 «Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва Барномаи қабулнамудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа пурра иҷро гардидааст.

Новобаста ба он мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ба соҳаи маориф аҳамияти хоса зоҳир намуда, бо мақсади иҷрои қарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2011-2015» дар давоми 5 соли оянда иловатан компютерҳоро дастрас менамояд.

Таълими маълумоти олӣ ва миёнаи махсус. Муассисаҳои таълимии маълумоти олӣ ва миёнаи махсус дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи мухталифи ҳоҷагии халқ барои вилояти Хатлон нақши босазо мебозанд.

Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав аз 1 сентябри соли 1978 ҳамчун филиали Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко ба фаъолият оғоз намудааст. Мутобиқ бо қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 1992, №10 ба Донишкадаи давлатии Қӯрғонтеппа ва худи ҳамон сол бо қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 1992, №236 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав табдил дода шудааст.

Раванди таълим дар донишгоҳ дар 8 бинои таълимӣ сурат мегирад. Донишгоҳ дорои 1 бинои маъмурӣ, 2 толори пӯшидаи варзишӣ, 4 майдончаи варзишӣ ва 2 майдончаи ҳисоркашида барои футболи хурд (минифутбол) ва баскетбол мебошад.

Дар донишгоҳ бо таҳсилоти рӯзона ва ғоибона 11848 нафар донишҷӯён таҳсил мекунанд. Аз соли 2014 ин ҷониб донишгоҳ пурра ба таҳсили низоми кредитӣ, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ аст, гузаштааст. Дар донишгоҳ таълим аз рӯи 45 ихтисос дар 10 факулта сурат мегирад. Аз 45 ихтисос 29-тоаш омӯзгорӣ ва 16 ихтисос ғайриомӯзгорӣ мебошад. Донишгоҳ дар муддати 35 соли фаъолияташ 30 ҳазор коршиноси риштаи мухталифро омода намудааст. Инчунин дар донишгоҳ 32 кафедра, 27 кабинети фаннӣ, 35 озмоишгоҳ ва 1 маркази тестӣ мавҷуд мебошанд. Дар ҳудуди донишгоҳ дар хиёбони ба номи С. Айнӣ №67 гимназияи донишгоҳ амал

мекунад, ки наздики 500 нафар хонанда дорад ва таълим дар он ҷо низ мисли донишгоҳ дар 2 баст ба роҳ монда шудааст.

Дар донишгоҳи мазкур 408 нафар устодон (аз ҷумла 131 зан) дарс медиҳанд, ки аз он 23 нафар профессор, 88 нафар дотсент ва номздҳои илм, 297 нафар саромӯзгорон ва омӯзгорон мебошанд. Ҳайати роҳбарикунандаи донишгоҳ 15 нафар занро дарбар мегирад.

Донишгоҳ аз нарасидани китобҳои дарсӣ бо забони давлатӣ (аз ҳамаи фанҳои таълимӣ), компютерҳо, принтер, дастгоҳи нусхабардорӣ, хати интернетӣ, воситаҳои техникии таълимӣ ва мизу курсӣ танқисӣ мекашад.

Литсейи касбӣ-техникии шаҳри Қӯрғонтеппа. Муассисаи мазкур соли 1948 ҳамчун Омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ таъсис дода шудааст ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2012, №630 ба Литсейи касбии техникӣ табдил дода шуд. Ин муассиса дар маркази шаҳр ҷойгир буда, дорои бинои маъмурӣ, ду бинои таълимӣ, устохонаҳои таълимӣ, кафшергарӣ, чӯбтарошӣ, ҳарротӣ, челонгарӣ, толори варзишӣ, толори маҷлисгоҳ, китобхона, хобгоҳ, ошхона барои 100 ҷойи нишаст ва майдончаи варзишӣ мебошад. Дар ин муассиса омӯзиш аз рӯи ихтисосҳои кафшергари барқӣ, барқчӣ оид ба хизматрасонӣ ва таъмири таҷҳизотҳои барқӣ, чӯбтарош-сохтмончӣ, радиомеханик, дӯзанда, низоми компютерӣ ва интернет-технологӣ, челонгари таъмири мошинҳо ва ҳаррот ба роҳ монда шудааст.

Соли таҳсили 2014-2015 дар шуъбаи рӯзона 611 нафар (аз ҷумла, 103 нафар духтарон) ва дар шуъбаи ғоибона 203 нафар (101 нафарашон духтар) таҳсил менамоянд. Ба онҳо 45 нафар устодони бо таҷриба сабақ меомӯзонанд, ки аз онҳо 8 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

Тайи солҳои 2010-2015 муассисаи мазкурро 785 нафар хатм намуда, аз ин 535 нафар ба ҷойи кор фиристода шуда, 150 нафари дигар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафарбар гардиданд.

Дар хазинаи китобхонаи ин таълимгоҳ 3000 нусха китоб буда, бинобар сабаби норасогӣ ва ворид нагардидани китобҳои тозанашри соҳавии муосир ба мушкилиҳои зиёд дучор гардида истодааст.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин дар ҳолати бад қарор доштани инфрасохтори мавҷуда мебошад. Бинобар сабаби солҳои 60-уми асри гузашта сохта шудани бинои Литсейи мазкур он ба таъмири асосӣ ниёз дошта, қубурҳои гармидиҳӣ бошад пурра корношоям гардидаанд. Илова бар ин набудани хати озоди барқ барои гузаронидани таълим дар фасли зимистон монеа эҷод мекунад, ки донишҷӯён дар фасли зимистон дар синфхонаҳои сард таълим мегиранд.

Айни замон синфхонаҳои литсей бо тафдонҳои оташӣ гарм карда мешаванд, ки ба талабот ҷавогӯ нестанд. Барои дар сатҳи баланд гузаронидани дарсҳои таълимӣ-истеҳсолӣ синфхонаву утоқҳои фанниро бо лавозимотҳои таълимӣ ҷиҳозонидан лозим аст. Ҳамчунин литсей ба воситаҳои таълимӣ, аз қабили компютерҳои муосир, мошинаҳои дарздузии барқӣ, нақлиёти ронандагӣ, дастгоҳ барои машқи рондани автомобил, дастгоҳҳои чӯбтарошӣ ва лавозимотҳои кафшергарии барқию газӣ ниёз дорад.

Коллеҷи тиббӣ. Дар шаҳр ягона муассисаест, ки мутахассис барои соҳаи тандурустӣ тайёр мекунад.

Коллеҷ дорои 7 шуъба буда, дар он 4156 нафар донишҷӯён (аз он 2595 нафарашон духтарон) таҳсил мегиранд. Аз ин шумора 819 нафарашон дар гурӯҳҳои мақсадноки таҳсили илм менамоянд. Соли 2015 863 нафар донишҷӯён коллеҷро хатм намуда, 802 нафари онҳо дар муассисаҳои соҳаи тандурустии вилоят фаъолият мекунанд, ки нисбат ба соли 2010 шумораи хатмкунандагон 267 нафар ё ин, ки 37,4 фоиз зиёд гардидааст.

Бо мақсади амалигардонии талаботҳои нақшавии коллеҷ имрӯз 204 нафар, ки аз ин 94 нафар омӯзгорони асосӣ (аз он 52 нафар занон), дар байни онҳо 29 нафар бо таҳсилоти олии тиббӣ, 45 нафар бо маълумоти омӯзгорӣ ва 110 нафар омӯзгорони ҳамкор фаъолият мекунанд. Шумораи синфхонаҳои таълимӣ 97-то буда, барои

гузаронидани машғулият дар як вақт 1552 нафар ҷойи нишаст таҷҳизонида шудааст. Миқдори синфхонаҳои компютерӣ бошад 3 адад буда, донишҷӯён аз 119 адад компютер истифода мебаранд. Дар коллеҷ хобгоҳ барои донишҷӯдухтароне, ки аз ноҳияиҳои дурдаст таҳсил мекунанд, мавҷуд буда дар он 170 нафар донишҷӯён истиқомат мекунанд. Шароитҳо барои зисту зиндагонии донишҷӯён муҳайё карда шуда, ҳамчунин китобхона, қироатхона, хонаи истироҳатӣ ва 3 нуқтаи хӯрокпазӣ мавҷуд аст. Бо мақсади беҳтар намудани кори таълиму тарбия дар коллеҷ гурӯҳи назорати дохилитаълимгоҳӣ фаъолият менамояд. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар коллеҷ 97,8 фоиз пешрафт ва давомот 99,6 фоизро ташкил медиҳад. Аз шумораи донишҷӯёне, ки бо баҳои хубу аъло имтиҳонҳоро супориданд 60 фоизро ташкил медиҳад.

Дар коллеҷ гурӯҳи «Идоракунии сифати таҳсилот» фаъолият менамояд, ки дар ҳамаи бахшҳо аз фанҳои гуманитарӣ ва тахассуси мониторингӣ сифати таълими донишҷӯён гузаронида мешавад. Баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар кафедраҳои коллеҷ усулҳои фаъоли таълимро ба роҳ мондаанд.

Новобаста ба ин дар коллеҷ масъалаҳои ҳалталаб ҷой доранд. Коллеҷ то имрӯз бинои маъмурӣ надорад. Соли 1992 бинои маъмурии коллеҷ валангор гардида, то имрӯз як қисми бинои хобгоҳи коллеҷ, ки тайи солҳои 1980 сохта шуда буд, ба бинои маъмурӣ табдил дода шуда, ҳамчун синфхона ва утоқҳои кори омӯзгорон ва хоҷагидории муассиса истифода бурда шуда истодааст.

Дар коллеҷи мазкур донишҷӯён аз тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба таҳсил фарои гирифта шудаанд. Коллеҷ дорои хобгоҳи 4-ошёна буда, дар он 270 нафар донишҷӯ истиқомат мекунанд ва мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин норасогии ҷойи хоб барои донишҷӯён мебошад. Сохтмони бинои иловагии хобгоҳ метавонад мушкилоти мавҷударо бартараф созад.

Дар коллеҷи мазкур майдончаи варзиши футболи хурд, майдончаи волейбол ва варзиши сабук вуҷуд дорад, ки машғулиятҳои варзишӣ гузаронида мешаванд.

Мушкилоти ҷойдошта:

- коллеҷ бинои маъмурӣ надорад.
- толори варзишӣ барои донишҷӯён надорад.
- таҷҳизотҳо, аёниятҳои замонавӣ, реактив ва таҷҳизотҳои махсус барои корҳои лабораторӣ намерасанд.
- дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимиӣ намерасад
- адабиётҳои муосир аз фанҳои клиникӣ ва махсус намерасанд.
- утоқҳои таълимӣ дар заминаи таълими амалӣ намерасанд, инчунин кафедраҳои клиникӣ дар шароити номусоид ҷойгир мебошанд.

Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав то соли 1999 ба номи Омӯзишгоҳи омӯзгории ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ амал менамуд. Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ тибқи қарори Шӯрои Комиссариати Халқии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 26 ноябри соли 1932 ба номи А. Лоҳутӣ таъсис ёфт, ки он дар аввал танҳо як шуъбаи махсуси муаллимтайёркунӣ дошт. Соли 1936 нахустин бор 115 нафар онро хатм намуд. Ҳамасола теъдоди хатмкунандагони ин боргоҳи маърифат меафзояд. Соли 1957 Омӯзишгоҳ ба ҷойи омӯзишгоҳи махсуси техникии рақами 13-и ноҳияи Бохтар кӯчонида шуда, соли 1963 Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ аз нав дар шаҳри Қӯрғонтеппа ба фаъолият оғоз менамояд ва ба он номи мутаффакири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ гузошта мешавад. Бо мақсади ба роҳ мондани таълими бисёрзинагӣ ба тадбиқи стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 1999, №262 «Дар бораи ба коллеҷи омӯзгорӣ табдил додани омӯзишгоҳҳои омӯзгории шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб» омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Қӯрғонтеппа ба коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав табдил дода шуд.

Коллеҷ мутахассисонро аз рӯи 9 ихтисос омода менамояд:

1. таҳсилоти томактабӣ,
2. педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ;
3. забон ва адабиёти тоҷик;
4. забон ва адабиёти рус;
5. забони англисӣ;
6. таърих;
7. риёзиёт;
8. информатика;
9. технология «меҳнати техникӣ, нақшакашӣ» ва тарбияи ҷисмонӣ.

Шумораи умумии донишҷуён дар соли 2015-ум 2113 нафарро (аз ҷумла 1292 нафар духтар) ташкил дода, ба онҳо 65 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд, ки аз ин 5 нафар доктори илм, 10 номзади илм ва боқимонда саромӯзгор ва омӯзгорони маълумоти олидор мебошанд.

Дар муассисаи мазкур 10 синфхонаи таълимӣ, 1 маркази захиравӣ пайваст бо шабакаи интернетӣ, 1 синфи компютерӣ (36 компютер, 3 проектор, 1 тахтаи электронӣ, 7 сканер ва шабакаи интернет дар бинои асосии таълимгоҳ) амал менамоянд. Дар давраи фаъолияти ин муасссиса зиёда аз 15 ҳазор нафар (дар шакли таҳсилоти рӯзона ва ғоибона) омӯзгорон омода гардида, дар сатҳҳои гуногуни соҳаи маориф фаъолият мебаранд.

Мушкилиҳои асосии соҳаи маориф

| **Номгӯи мушкилиҳо** | **Рақами мактабҳо ва мавзеи ҷойгиршавии онҳо** |
|---|---|
| Бад будани базаи моддиву техникии мактабҳо | |
| Қисман таъмирталаб будани бинои мактабҳо | МТМУ №№1, 3, 4, 6, 7, 8, 9, 11, 13 ва 14 |
| Нарасидани синфхонаҳо | МТМУ № № 6, 7, 12 ва 14 |
| Шароити номусоид барои таҳсили хонандагон | |
| Нарасидани таҷҳизоти мактабӣ, мизу курсиҳо барои хонандагон | Дар мактабҳои №№4, 6, 5 ва 8 |
| Набудани кабинетҳои фаннии бо таҷҳизотҳои ҳозиразамон | Мактабҳои №№5, 8, ва 11, |
| Нокифоя будани фаъолияти берун аз мактабӣ | |
| Мавҷуд набудани истироҳатгоҳҳо (лагерҳо) барои хонандагон | Мактабҳои шаҳр |
| Пурра дастрас набудани Марказҳои таҳсилоти иловагӣ дар маҳал | |
| Суст будани фарогирӣ ба кӯдакистон | |
| Норасогии кӯдакистонҳо | Дар шаҳр |
| Таъмирталаб будани кӯдакистонҳо | Дар шаҳр |
| Набудани таҷҳизоти нав | Дар шаҳр |
| Набудани мактаб-интернати махсус барои кӯдакони бепарастор | Дар шаҳр |

## 3.2. Соҳаи тандурустӣ

**Ҳолати умумӣ.** Соҳаи тандурустӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок барои беҳбудии саломатии инсон маҳсуб меёбад. Дар фасли мазкур самтҳои афзалиятноки сиёсатро дар бахши тандурустӣ ва талаботи молиявие, ки барои ба эътидол омадани асосҳои низоми ёрии тиббию беҳдоштии аввалия ногузиранд, равшан сохта, чунин зерсохторҳоро аз қабили миқдори марказҳои саломатӣ, ҳолати саломатии аҳолӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббӣ, мушкилии бахши тандурустӣ ва роҳҳои ноил шудан ба беҳдошти соҳаи марбута фаро мегирад.

Давомнокии миёнаи умр. Ташфиқ, пешбурд ва ташаккули тарзи ҳаёти солим яке аз омилҳои асосӣ ва муҳими беҳбуди бахшидан ба нишондиҳандаҳои марбут ба пешбурди дурусти ҳаёт аст. Саривақт ва бо сифат гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумҳое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад, унсурҳои асосии ташаккули тарзи солими зиндагӣ дар шаҳр ба ҳисоб меравад. Мувофиқи арзёбиҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда ҳоло нишондиҳандаҳои миёнаи дарознокии умр 62-65 сол, аз ҷумла барои мардон 55-62 сол ва барои занон 66-73 сол мебошад.

Бемориҳои паҳншуда. Бемориҳои аз ҳама бештар паҳншуда дар байни аҳолии шаҳр ин фишорбаландӣ, бемориҳои дил, диабети қанд, сил, сироят бо ВНМО, зардпарвин, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони то 14-сола), ҷоғар, дарунравии шадид дар байни кӯдакон, гестозҳо, апендитсит, санги талха, гурда, бемории меъда, рӯдаи дувоздаҳангушта, латхурӣ ва оризи баъди таваллуд дар байни навзодон мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо байни аҳолӣ саривақт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ, камбизоатӣ ва дигар омилҳо мебошад.

**Саломатии модар ва кӯдак.** Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи иҷтимоии шаҳр ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он дастрас намудани аҳолӣ ба хизматрасонии хушсифати тиббӣ мебошад.

Ҷадвал. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар

(нафар)

| Нишондод | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таваллуд | 4346 | 4590 | 4476 | 4967 | 5463 | 6010 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 4314 | 4547 | 4446 | 4935 | 5428 | 5971 |
| Ба ҳисоби фоиз | 99,2 | 99,0 | 99,3 | 99,3 | 99,3 | 99,4 |
| Таваллуд дар хона | 32 | 43 | 30 | 34 | 35 | 36 |
| Ба ҳисоби фоиз | 0,7 | 0,9 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,5 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола | 32 | 28 | 40 | 34 | 36 | 37 |
| Мурдатаваллуд | 59 | 81 | 69 | 74 | 71 | 79 |
| Фавти модарон (дар 100 ҳазор зиндатаваллуд) | 1 | - | - | - | - | - |

Аз маълумотҳои овардашуда бармеояд, ки шумораи таваллуд ҳамасола тадриҷан афзоиш ёфта, ин нишондиҳанда соли 2015 дар таносуб ба соли 2010-ум 38,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин яке аз мушкилоти асосии соҳа ин баланд будани фавти кӯдакони то 1-сола ва мурдатаваллуд мебошад. Сабаби асосии фавти навзодонро мутахассисони соҳа дар фарогирии кӯдакон ба бемориҳои БШРН (острая респираторная инфекция), варами шуш (пневмония), дарунравӣ (диарея) ва ғайра арзёбӣ менамоянд.

Ҳамчунин нигоҳ надоштани фосилаи таваллуд яке аз омилҳои асосии зиёд гардидани фавти кӯдакон гардидааст. Болоравии нишондиҳандаҳои овардашуда ба саривақт набурдани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ вобаста ба гузаронидани тарзи ҳаёти солим ва мавҷуд будани зӯроварӣ дар оилаҳо алоқаманд аст.

Ба нишондиҳандаҳои фавти кӯдакони то 1 сола ва мурдатаваллудшудагон омилҳои зерин таъсири манфӣ мерасонанд:

-баланд будани нишондоди фавти перинаталӣ (0-6 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани солимии занони ҳомила;

-баланд будани бемориҳои роҳи радифӣ, аз ҷумла камғизогӣ, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ (гарчанде фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкунӣ дуруст ба роҳ монда шудааст), паст будани маърифатнокии модарон ва шароити пасти иҷтимоии оилаҳои камбизоат ва ғайра;

-**н**арасидани таҷҳизотҳои ҳозиразамон оид ба нигоҳубини навзод дар шуъбаҳо.

Солҳои охир дар шаҳр коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагениталӣ (аз ҷумла бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар), саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, дастрасӣ надоштан ба маводи пешгирикунандаи ҳамл, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масъалаҳои саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии занон мебошад.

Дар беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ нақши калон мебозад.

Ҷадвал. Бемориҳои экстрагениталӣ дар организми занони ҳомила

| Нишондод | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи занони ҳомила ва аз ҳомилагӣ баромада | 5058 | 5128 | 5685 | 5968 | 6542 |
| Камхунӣ (анимия) | 3919 | 4075 | 4457 | 4643 | 5050 |
| Бо ҳисоби фоиз | 77,4 | 79,4 | 78,4 | 77,8 | 77,2 |
| Касалиҳои гирифтори ҷоғар | - | - | 3 | 6 | 5 |
| Бо ҳисоби фоиз | - | - | 0,05 | 0,10 | 0,07 |
| Бемориҳои бавл ва таносул | 80 | 70 | 67 | 69 | 71 |
| Бо ҳисоби фоиз | 1,58 | 1,36 | 1,17 | 1,15 | 1,08 |
| Гестозҳо | 99 | 51 | 90 | 83 | 85 |
| Бо ҳисоби фоиз | 1,9 | 0,9 | 1,9 | 1,4 | 1,3 |

Тайи панҷ соли охир шумораи занони гирифтории бемории камхунӣ дар байни занони ҳомила 0,2 фоиз ва гестозҳо 0,7 фоиз кам ва бемориҳои бавл ва таносул 0,5 фоиз зиёд гаштааст.

Аз ҷадвали 17 маълум мегардад, ки дар 6 соли охир дар занони ҳомила бештар бемории камхунӣ дида мешавад, ки боиси ҷалби диққати табибон мегардад. Алалхусус дар марказҳои репродуктивӣ корҳои ташвиқотию тарғиботӣ, ба расмият даровардани қайд ва ҳуҷҷатҳои занони ҳомила, саривақт дарёфт намудани бемориҳои экстрагениталӣ, табобати занони ҳомила ва назорат аз рафти саломатии онҳо бояд ба роҳ монда шавад.

Тамоюли паҳншавии бемориҳои сироятӣ. Мубориза ба зидди бемориҳои сироятӣ яке аз масъалаҳои муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола аст. Зарфи даҳсолаи охир аз сабаби коҳиш ёфтани маблағгузорӣ ва куҳнаю фарсуда шудани таҷҳизотҳои озмоишгоҳи Маркази давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Қӯрғонтеппа, имкониятҳои пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда кам шуда буд. Қобили қайд аст, ки соли 2014 бо дасгирии буҷети маҳаллӣ ҳамаи таҷҳизотҳои озмоишгоҳи марказ иваз карда шуда, пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ қисман кам карда шуд. Яке аз омилҳои асосие, ки ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ таъсир мерасонад, ин норасогии оби тозаи нӯшиданӣ дар шаҳр мебошад. Новобаста аз он, ки таъминот бо оби тозаи ошомиданӣ дар маркази шаҳр 70,2 фоизро ташкил медиҳад, аммо дар бисёр мавридҳо сарчашмаҳои обгирӣ, қубурҳои обгузар, низоми идоракунӣ ва маърифати истифодабарандагони об ба талаботҳои муосир ҷавобгӯ нестанд.

Гирифтори бемории ВНМБ дар давоми чор соли охир 1 нафар ба қайд гирифта шудааст, ки ин боиси нигаронист. Дар масъалаи пешгирии бемориҳои сирояткунанда, дуруст ба роҳ мондани бақайдгирии бемориҳо оид ба гузаронидани корҳои профилактикӣ ва ташхисӣ, бахусус гузаронидани ташхиси озмоиши бахши тандурустии шаҳр саҳмгузор бояд мебошад.

Дар шаҳр 2 шуъбаи машваратии тиббӣ барои ҷавонон фаъолият мекунад, ки ба эҳтиёҷмандон хизматрасонии тиббӣ, руҳӣ ва иҷтимоиро оид ба масъалаҳои

нигаҳдории саломатӣ пешниҳод менамоянд. Новобаста аз ин дастрасии кӯдакон ба хизматрасониҳои пешниҳод гардида, фарогирии бештарро талаб менамояд.

Муассисаҳои тиббӣ ба 104,5 хазор нафар аҳолӣ (қисман аҳолии шаҳру ноҳияҳои атроф бо таносуби аҳолии шаҳр то 30 фоиз) хизмати тиббӣ мерасонад, ки маблағгузории муассисаҳои мазкур тавассути буҷаи давлатӣ амалӣ гардида, дар доираи барномаҳои соҳавӣ сурат мегирад. Айни ҳол, бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани бемориҳо ва беҳдошти саломатии аҳолӣ дар шаҳр якчанд барномаҳои соҳавӣ ва миллӣ мавриди амал қарор доранд: «Барномаи ташаккули тарзи ҳаёти солим», «Барномаи мубориза бар зидди бемориҳои сил», «Барномаи мубориза бар зидди бемории ВНМБ», «Барномаи мубориза бар зидди бемориҳои тропикӣ», «Барномаи пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемории ишемиявии дил», «Барномаи иммунопрофилактикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барнома оиди пешгирии бемории камхунӣ» ва ғайра.

Бемориҳои ғайрисироятӣ. Дар шаҳр бемориҳои захми меъда, газаки меъда, газаки гурда, тарбод, ғадуди даруни, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил каме афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, камбуди тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

Сохтори соҳаи тандурустӣ. Дар ҳудуди шаҳр беморхонаи шаҳрӣ (дорои 120 кат), маркази ёрии таъҷилии тиббӣ, муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, маркази солимии репродуктивӣ, маркази тиббии оилавӣ, маркази назорати давлатии санитарию эпидимиологии шаҳрию вилоятӣ, маркази мубориза бар зидди бемориҳои тропикӣ, маркази эмтаъминкунӣ, марказ ва нуқтаҳои даҳонпизишкӣ, маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, маркази мубориза алайҳи ВНМБ-и шаҳрӣ ва маркази мубориза бар зидди бемориҳои сил фаъолият мебаранд.

Сохтори госпиталӣ соли 1998 дар яке аз бинои боғчаи бачагонаи шаҳрӣ барои 160 кат таъсис ёфта, дар кӯчаи ба номи А. Юсуфӣ №8 ҷойгир мебошад. Бинобар сабаби набудани бинои зиёдатӣ дар айни ҳол 120 кат фаъолият намуда, аз ҷиҳати сохт ба меъёрҳо ҷавобгӯ нест, ки ин барои хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ мушкилӣ меорад. Дар беморхона 5 шуъба аз ҷумла, шуъбаи қабул, шуъбаи эҳёгарӣ, шуъбаи ҷарроҳӣ (40 кат), шуъбаи амрози даруна (20 кат) ва шуъбаи таваллуд (60 кат) фаъолият дорад.

Ҷадвал. Шумораи муроҷиаткардагон ба муассисаҳои тиббӣ

(нафар)

| Нишондиҳандаҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шуъбаи ҷарроҳӣ | 891 | 931 | 986 | 1037 | 1089 |
| Шуъбаи таваллуд | 5286 | 5168 | 5534 | 5785 | 6125 |
| Шуъбаи амрози даруна | 420 | 410 | 464 | 495 | 514 |
| Ҳамагӣ | 6597 | 6509 | 6984 | 7317 | 7728 |

Хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар муассисаҳои тандурустии шаҳр сол аз сол беҳтар шуда, дар соли 2015 ба 241785 нафар хизмати тиббӣ расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2011 шумораи муроҷиаткунандагон 31,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

Илова ба ин, дар ҳудуди шаҳр 22 муассисаои тандурустии вилоятӣ, аз ҷумла 15 муассисаҳои госпиталӣ, 15 марказҳои махсус гардонидашуда ва 2 беморхонаи хусусӣ мавҷуданд, ки 60 фоизи хизматрасониашон ба аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа рост меояд.

Дастрасии кӯдакони маъюб ба хизматрасониҳои тиббӣ.

Кӯдакони маъюб ҳамчун табақаи осебпазири аҳолӣ маҳсуб ёфта, беҳтар намудани дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои тиббӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ин аст, ки дар заминаи Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (Тоҷикистон онро соли

1993 тасдиқ карда аст) чораҳо барои таъмин намудани дастрасии самараноки хизматрасонии тиббӣ ва барқарор кардани саломатии кӯдакони маъюб андешида мешавад.

Таҳлили вазъияти кунунӣ дар соҳаи ҳифзи саломатии кӯдакони маъюб.

Аз натиҷаҳои тадқиқоте, ки дар соли 2013 аз ҷониби Маркази тадқиқотии “M-Vektor” оид ба “Таҳлили дастгирии иҷтимоии кӯдакони маъюб” дар шаҳр гузаронида шуд, бармеояд, ки фарогирӣ ва дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ дар муассисаҳои маҳалли зисти эҳтиёҷмандон (кӯдакони маъюб) бештар аст. Новобаста аз оне, ки барои пешниҳоди хизматрасонии махсуси тиббӣ барои кӯдакони маъюб дар шаҳр “Машваратгоҳи психологии тиббию педагогӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд” амал менамояд, аммо фарогирӣ дар ин муассиса нокифоя мебошад.

Дар раванди гузаронидани тадқиқоти мазкур муайян карда шуд, ки 47,3 фоизи волидайни пурсишшудагон, ки дорои кӯдакони маъюбанд, сифати хизматрасонии тиббии пешниҳодгардидаро хуб арзёбӣ карданд, 36,5 фоизи дигар аз сифати хизматрасонии пешниҳодшуда қаноатманданд ва 4,3 боқимондаи дигар бошад хизматрасонии пешниҳодшударо ғайриқаноатбахш донистаанд.

Инчунин дар раванди тадқиқоти мазкур муайян гардид, ки аз нуқтаи назари зарурияти хизматрасониҳои офиятбахшӣ кӯдакони маъюби дар шаҳр бештар ба хизматрасониҳои масҳи муолиҷавӣ, иллатшиносӣ ва мутахассис оид ба рушди нутқ ниёз доранд.

Дар муассисаҳои тиббии соҳаи тандурустии шаҳр 472 нафар табибон ва 1041 нафар корманди миёнаи тиб фаъолият менамоянд.

Коэффитсенти таъминот бо духтурони маълумоти олидор ба 1000 нафар аҳолӣ 45,9 ва бо кормандони миёнаи тиббӣ 101,2 рост меояд.

Ҷадвал. Таъминоти аҳолӣ бо кормандони тиб ва катҳо (коэффитсент)

| | Воҳиди ченак | **Солҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** |
| Шумораи шифохонаҳо | адад | 14 | 12 | 12 | 12 | 12 |
| Шумораи катҳо | адад | 1150 | 1190 | 1150 | 1150 | 1185 |
| Шумораи табибони ҳамаи ихтисосҳо | нафар | 429 | 438 | 432 | 433 | 472 |
| аз он хумла бо категорияҳо, ҳамагӣ | нафар | 231 | 242 | 287 | 299 | 331 |
| Олӣ | нафар | 63 | 79 | 122 | 155 | 165 |
| якум | нафар | 113 | 105 | 100 | 94 | 111 |
| дуюм | нафар | 55 | 58 | 65 | 50 | 55 |
| Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ | нафар | 853 | 792 | 854 | 975 | 1041 |
| Шумораи Муассисаҳои КАТС | адад | 13 | 13 | 13 | 17 | 17 |
| Маркази саломатии шаҳрӣ | адад | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Маркази саломатии деҳот | адад | 0 | 0 | 3 | 3 | 3 |
| Шумораи марказҳои саломатӣ | адад | 21 | 21 | 21 | 21 | 21 |
| Шумораи бунгоҳҳои тиббӣ | адад | - | - | - | 1 | 1 |
| Шумораи маркази ёрии таъҷилӣ | адад | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Шумораи нуқтаҳои тиббӣ | адад | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| Маркази стомотологӣ | адад | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Ҳуҷраҳои хусусӣ ва ҶДММ | адад | 20 | 20 | 13 | 14 | 22 |

Айни ҳол дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» 75 нафар донишҷӯён аз шаҳри Қӯрғонтеппа таҳсил доранд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки таъминоти аҳолӣ бо табибон дар панҷ соли охир 0,08 промилл ва бо кормандони миёнаи тиббӣ бошад 0,6 промил зиёд шудааст.

Яке аз мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, нарасидани мутахассисони баландихтисос ба ҳисоб меравад. Омилҳои асосие, ки боиси сар задани ин мушкилот гардидаанд, пеш аз ҳама паст будани музди маош, нокифоя будани имтиёзҳо ва дигар кумакҳои моддӣ мебошанд, ки қисми зиёди кадрҳои ҷавон баъд аз хатми донишгоҳу донишкадаҳо ба дигар корҳо машғул мешаванд. Синну соли миёнаи кормандони тиббии шаҳр ба 42,6 сол баробар аст.

Яке аз мушкилиҳои соҳаи тандурустӣ, дуруст ба роҳ мондани корҳои профилактикию табобатӣ, аз ҷумла нарасидани мутахассисони тиббии дорои маълумоти олӣ, таъмирталаб будани қисми зиёди муассисаҳои зертобеъи шуъбаи тандурустӣ, кухна ва фарсудашавии таҷҳизотҳои тиббию ғайритиббӣ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки аз соли 2011 то инҷониб марҳила ба марҳила бо мақсади воридсозии ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои низоми давлатии тандурустӣ», қисман ба тариқи ҳампардохт барои хизматрасониҳои тиббӣ фаъолият намуда истодаанд.

Ҷадвал. Мушкилиҳои соҳа

| Номгӯи мушкилот | Мавзеъ |
|---|---|
| Бад гардидани заминаи моддию техникӣ | |
| Таъмирталаб будани муассисаҳои тиббӣ | Маркази саломатӣ, шуъбаи 2-юми маркази солимии репродуктивии шаҳрӣ |
| Фарсуда ва ё набудани таҷҳизоти тиббӣ аз ҷумла: дастгоҳи муоинаи рентгенӣ 2 адад | Маркази саломатии шаҳр |
| таҷҳизоти ФГС 2 адад, таҷҳизоти УЗИ 4 адад, бронхоскоп 3 адад | Маркази саломатии шаҳр, Беморхона ва бунгоҳҳои тиббӣ |
| микроскопи электронӣ-4 адад, сентрофуга-4 адад, термостат-3 адад, | Маркази саломатии шаҳр, маркази тропикӣ, беморхонаи сироятӣ ва таваллудхонаи шаҳрӣ |
| таҷҳизот барои озмоишгоҳи клиникӣ -2 адад, отоларинглогический набор-2 адад | Беморхона ва маркази саломатии шаҳр |
| операционный набор-4 адад, камера Гараева-4 адад, колпоскоп-2 адад | Маркази саломатии шаҳр ва маркази ёрии таъҷилӣ |
| Нарасидани таҷҳизотҳои инвентарӣ; катҳои беморхонавӣ -40 адад, кат барои навзодон -45 адад, тарозу ва қадченкунакҳо барои кӯдакони навзоди то 1 сола -10 адад, миз барои печонидани кӯдак-10 адад, миз барои асбобҳои тиббӣ-10 адад, шкафҳо-15 адад, -10 адад, диван-10 адад, мизу курсӣ-40 | Таваллудхонаи шаҳрӣ, Маркази саломатии кӯдаконаи шаҳрӣ, Маркази солимии репродуктивӣ, Маркази тибби оилавӣ, Беморхонаи сироятии шаҳрӣ, Марказҳои саломатии №1 ва 2, маркази эмтаъминкунӣ, маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим ва маркази тибби оилавӣ |
| Норасогии доруворихои бепул барои шахсони имтиёздошта | Беморхонаи шаҳрӣ, Марказҳои саломатии шаҳрӣ |

3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

Ҳолати кунунии соҳа. Соҳаи иҷтимоии шаҳри Курғонтеппа аз низоми суғуртаи давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кумаки суғуртавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат мебошад. Марҳилаи кунунии рушди шаҳри Қӯрғонтеппа ба мавҷудияти бекорӣ тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то

андозае маҳдуди иқтисодии қисмати аҳолии шаҳр вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст.

Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ. Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии шаҳр нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

Айни ҳол, дар шаҳр шумораи умумии нафақахурон 7543 нафар, аз он ҷумла 12 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 17 нафар маъюбони Чернобил ва 2650 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1-ум, 2-юм ва 3-юм мебошанд.

Дар давоми панҷ соли охир афзоиши шумораи умуми нафақахӯрон ва маъюбон ба назар мерасад, ки бинобар сабаби зиёдшавии масоҳати шаҳр, дохил шудани як қисм нафақахӯрон аз ноҳияҳои Бохтару Вахш дар соли 2013 ба назар мерасад, ки дар натиҷа шумораи маъюбон 35 фоиз зиёд гардид.

Талаботи моҳонаи нафақа дар соли 2015 1,8 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2011 беш аз 2,5 маротиба зиёд гардидааст.

Бо максади зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии нафақахӯрон, зиёдшавии нафақа ва кумакпулиҳо пешбинӣ карда шудааст. Дар соли 2015 музди миёнаи нафақа 245,7 сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба соли 2011 ба маблағи 202,0 сомонӣ ё 23 фоиз зиёд мебошад.

Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона. Дар ҳудуди шаҳри Қӯрғонтеппа аз соли 1989 то инҷониб фаъолият намуда, шумораи умумии кормандони он 44 нафар (аз ҷумла, 37 нафарашон зан)-ро ташкил медиҳад. Муассисаи зикргардида дар асоси низомнома фаъолият намуда, аз рӯи 32 намуд хизматрасонии иҷтимоӣ ба ниёзмандон пешниҳод менамояд. Ниёзмандоне, ки ба онҳо хизмат расонида мешаванд 306 нафар, аз он ҷумла маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ 2 нафар, меҳтарони Ҷанги Бузурги Ватанӣ 4 нафар, маъюбони садамаи Чернобил 6 нафар, маъюбони кӯдакӣ 12 нафар, маъюбони гӯруҳи умумӣ 108 нафар, маъюбони гӯруҳи чашм 8 нафар, пиронсол 156 нафар ва бесаробонмондагон 10 нафар мебошанд.

Дар шуъбаи мазкур норасогии бинои маъмурӣ ва нақлиёти хизматӣ назаррас буда, мушкилоти соҳаро мураккабтар мегардонад.

Шуъба барои боз ҳам баланд бардоштани хизматрасонии сифатнок ва саривақтӣ ба нафақахӯрону маъюбони гурӯҳҳои гуногун ба бинои замонавии дорои таҷҳизотҳои лозима ниёз дорад. Азбаски шаҳри Қӯрғонтеппа маркази вилояти Хатлон мебошад, шумораи нафақахӯрон, маъюбон, нобиноён, гӯшношунавҳо, гунгҳо, бесаробонҳоро ба назар гирифта, сохтмони маркази пиронсолон барои 80-100 нафар ва як маркази тавонбахшӣ барои маъюбон, нобиноён, кару гунгҳо барои 180-200 нафар бо майдонҳои машқ мувофиқи мақсад мебошад.

Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ. Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъ дар шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати байналмиллалӣ низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи шаҳр ташкил менамояд. Таҳлили ҳолати он,ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор дар давоми солҳои 2012-2015 аз ҷониби Шуъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 17228 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки аз ин 2556 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои буҷавӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, бахусус дар маҳаллаҳо нисфи зиёди ба кор қабулшудагон ҷойи кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ мераванд.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон дар доираи барномаи дар боло зикргардида дар давоми солҳои 2012-2015 зиёда аз 2139 нафар курсҳои кутоҳмуддати (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ,

компютерӣ, муҳосибӣ, тарроҳӣ, кафшергарӣ ва барқчӣ) дар марказҳои таълимӣ касбомӯзиро хатм намуданд.

Бо мақсади фарогирии аҳолӣ ба шуғли меҳнат ва амалӣ гардидани «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа барои солҳои 2016-2017», дар солҳои 2016-2017 баробари ташаккули бозори меҳнат зиёдшавии шумораи аҳолии шаҳр ба миён меояд, ки ҳар сол мувофиқи пешгӯи 2,5 фоиз зиёд гардида, ба он таъсири бевосита мерасонад.

Захираҳои меҳнатии ба бозори меҳнат воридшаванда аз ҳисоби ҷавонон, насли навраси дар боло дарҷгардида ва ҳамчунин аз ҳисоби ашхоси бешуғли аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол ташаккул меёбад.

Натиҷаи иҷрои чорабиниҳои барнома дар солҳои 2016-2020 чунин мебошад.

Ҷадвал. Мусоидат ба шуғли аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа барои солҳои 2016-2020

| Номгӯи чорабиниҳо | Солҳо | | | | | 2016 нисбат ба 2020, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Ҳамагӣ таъсиси ҷойҳои корӣ, | 1300 | 1370 | 1445 | 1490 | 1530 | 117,7 |
| Аз он ҷумла соҳаи саноат | 112 | 118 | 128 | 140 | 152 | 135,7 |
| Соҳаи кишоварзӣ | 25 | 35 | 40 | 42 | 45 | 180,1 |
| Соҳаи сохтмон | 215 | 230 | 245 | 260 | 280 | 130,2 |
| Нақлиёт ва алоқа | 135 | 150 | 170 | 195 | 210 | 155,5 |
| Савдо ва хизматрасонӣ | 578 | 600 | 625 | 650 | 675 | 116,7 |
| Дигар соҳаҳо | 170 | 170 | 166 | 128 | 88 | 51,7 |
| Соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ | 65 | 67 | 71 | 75 | 80 | 123 |
| Таъмини аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ, | 600 | 620 | 635 | 655 | 680 | 113,3 |
| аз ҷумла аз ҳисоби ҷойҳои кори холии мавҷуда | 528 | 544 | 559 | 575 | 587 | 111,1 |
| Касбомӯзӣ | 270 | 280 | 295 | 310 | 330 | 122 |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 80 | 80 | 85 | 90 | 95 | 118 |
| Қарзҳои имтиёзнок | 37 | 38 | 40 | 42 | 44 | 118,9 |

Паст кардани шуғли ғайрирасмӣ. Дар ҳамин замина бо мақсади фарогирии аҳолӣ ба шуғли меҳнат қарори раиси шаҳр аз 20 октябри соли 2015, №586 «Дар бораи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа барои солҳои 2016-2017» ба тасвиб расидааст. Бо мақсади амалӣ гардидани Барномаи мазкур ҳайати гурӯҳи корӣ бо роҳбарии муовини соҳавии раиси шаҳр ва аъзоён аз ҳисоби шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, бахши муҳоҷират, шӯъбаи рушди иқтисод ва савдо, бахши ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр, Нозироти андоз, шӯъбаи Агентии омори шаҳр ва раёсати Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоии шаҳр таъсис дода шуда, корҳои назаррасеро ба анҷом расонида истодаанд.

Бояд қайд кард, ки дар аксар ҳолатҳо шахсоне, ки ба корҳои мавсимӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои коркарди меваю сабзавот ва ғайра) машғул мебошанд, бе созишнома ва шартномаи меҳнатӣ ба кор машғул буда, дар сохторҳои марбута ба қайд гирифта нашудаанд. Ин боиси он мегардад, ки дар синни ниҳоии ба нафақа баромадан собиқаи корӣ ба инобат гирифта нашуда, соҳиби нафақаи ночиз мегарданд. Дар баробари он шуғлнокии аҳолӣ пурра ба қайд нашуда, манбаи даромади андозҳо низ коҳиш меёбад.

Музди меҳнат. Дар давоми солҳои 2012-2015 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди меҳнати номиналӣ дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 то 570,3 сомонӣ афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф ва сатҳи

баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, суғурта, молия, сохтмон, алоқа ва нақлиёт ба назар мерасад.

**Ҷадвали 27.** Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои 2010-2015

| **Соҳаҳо** | **Солҳо** | | | | | | **2015 нисбат ба 2010, бо фоиз** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | |
| Андозаи миёнаи музди меҳнат, аз ҷумла | 444,97 | 562,20 | 655,02 | 787,99 | 885,25 | 946,03 | 201,6 |
| Саноат | 238,82 | 364,51 | 338,4 | 373,66 | 423,8 | 492,84 | 206,3 |
| Сохтмон | 427,5 | 581,5 | 619,2 | 776,98 | 1262,27 | 1358,08 | 317,6 |
| Молия ва қарз | 983,9 | 1389 | 1471 | 1656,59 | 1703,31 | 1815,10 | 184,5 |
| Дигар сохторҳои соҳаи буҷавӣ | 497,6 | 626,4 | 763,3 | 865,56 | 859,79 | 878,12 | 176,4 |
| Тандурустӣ | 301,5 | 310,2 | 327,6 | 697,8 | 778,3 | 777,4 | 257,8 |
| Савдо ва хизматрасонӣ | 325 | 360 | 395 | 433 | 475,8 | 538 | 165,5 |
| Маориф | 396 | 410 | 423 | 697,8 | 778,3 | 970 | 245 |
| Кишоварзӣ | - | - | - | 484,7 | 548,1 | 522 | - |

Музди миёнаи меҳнат аз ҳама паст ба соҳаи саноат рост меояд, зеро пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти корхонаҳои истеҳсолии мавҷуда, ки ҳаҷми истеҳсолро нисбати иқтидори лоиҳавӣ кам кардаанд, ин боиси он гашт. Тарзу усул ва тартиби ба кор қабул кардан ва муайян намудани музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст.

Сатҳи бекорӣ. Ҳадафи Барномаи рушди шаҳр дар солҳои оянда ба ҷойи кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина коҳиш додани сатҳи бекорӣ мебошад.

Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур ба кор даровардани иқтидорҳои нави соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр, бунёди коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ, афзун намудани бозорҳои маҷуда, нуқтаҳои хизматрасонӣ дар назар дошта шудааст. Ҳамзамон дар давоми 5 соли оянда сохтмони 32 адад биноҳои истиқоматии 4-12 ошёна, терминали нақлиётӣ дар масоҳати 10 га, боғи истироҳатӣ дар масоҳати 54 га ва дигар иншоотҳои ҳаётан муҳим дар назар дошта шудааст, ки тавассути он ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ мешавад.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ шумораи аҳолии шаҳр Қӯрғонтеппа ба 1 январи соли 2016-ум 104500 нафарро ташкил дод, ки 61320 нафарашон дорои қобилияти корӣ мебошанд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон аз ҷониби Шуъбаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳр аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола қарзҳои имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Дар тӯли солҳои 2011-2015 шумораи умумии бекороне, ки аз қарзҳои имтиёзнок истифода намуданд 259 нафар (аз ҷумла 117 нафар зан)-ро ташкил намуда, ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 764,6 ҳазор сомонӣ баробар шудааст.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа то соли 2020, пеш аз ҳама ҷалб намудан ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина, мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба монанди тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор нақши калон бозида, яке аз сарчашмаи даромади аҳолӣ ба шумор меравад. Аз рӯи ҳисоботи расмии оморӣ дар соли 2015 шумораи умумии муҳоҷирони шаҳр 9183 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора 1208 нафарашон занон мебошанд. Тӯли солҳои 2010-2015 аз ҳисоби

муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути бонкҳои шаҳр 208,8 млн. долари ИМА, 15,6 млрд. рубли русӣ ва 470 ҳазор евро ворид гардидааст.

Дар баробари таъсири мусбӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ таъсири манфӣ низ дорад, аз ҷумла, бесаробон мондани баъзе оилаҳои муҳоҷирон, дур мондани фарзандони онҳо аз таълиму тарбия, норасогии воситаҳои молиявӣ дар оилаҳо, саривақт дастрасӣ пайдо накардан ба хизматрасонии тиббӣ ҳалли мушкилиҳои иҷтимоиро мураккабтар мегардонад.

Бо мақсади мусоидат ба танзими ҷараёни муҳоҷирати бурунмарзии меҳнатӣ, амалӣ намудани тадбирҳои зерин дар назар аст:

- фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртакунонии ҷамъшаванда ва ихтиёрӣ;
- пурра аз муоинаи тиббӣ гузаронидани муҳоҷирони аз муҳоҷират баргашта;
- ворид ва амалӣ намудани шакли нави қарз «Қарзи роҳкиро» барои шаҳрвандоне, ки ҳамчун бекор дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар қайд буда, хоҳиши муҳоҷиратӣ меҳнатӣ доранд;
- ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбомӯзӣ ва омӯзишии забони давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ ва ҳуқуқи муҳоҷират тавассути курсҳои кутоҳмуддат барои шаҳрвандоне, ки хоҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ доранд;
- ташкил ва татбиқи механизми шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ;
- самаранок ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолии кишварҳо ва корфармоёни хориҷӣ;
- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо сохторҳои дахлдори болоӣ ҷиҳати интиқоли нерӯҳои корӣ ба хориҷи кишвар.

### 3.4.Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон.

Ташкил намудани низоми муосири ҳифзи иҷтимоии кӯдакони осебпазир (кӯдакони бепарастор, кӯдакони маъюб ва кӯдаконе, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир кардаанд ва ё таҳти хавфи ҳуқуқвайронкунӣ қарор доранд, ҳамоҳангсозӣ бо мақомотҳои дахлдор) яке аз афзалиятҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он дар сатҳи оила ва ҷомеа ба воя расонидани кӯдакон ва фиристодани кӯдакон ба муассисаҳои будубоши доимӣ маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад дар шаҳри Қӯрғонтеппа “Машваратгоҳи психологии тиббию педагогӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд” фаъолият менамояд, ки дорои низомномаи алоҳида буда, ба он 8 нафар аз масъули сохторҳои гуногун аъзо мебошанд. Машваратгоҳ дар байни кормандони маркази саломатии кӯдакона ва тибби оилавӣ семинар оиди “Маъюбият, ҳуқуқ ва дастгтрии онҳо аз тарафи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” инчунин кор бо волидайни кӯдакони имконияташон маҳдуд дар сатҳи хона ва ба қайдгирии онҳо гузаронида мешавад. Кормандони машваратгоҳ ба кӯдакони маъюбе, ки бистарӣ мебошанд (79 нафар), ба хонаи онҳо рафта машқу машғулиятҳо гузошта ба волидайни онҳо дарсҳои омӯзишӣ мегузаронанд. Ҳамаи масъалаҳое, ки ба кӯдакони маъюб вобастааст мавриди муҳокима қарор гирифта, дар се моҳ 1 маротиба маҷлис оид ба масъалаҳои гуногуни аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ дошта (марбут ба кӯдакони маълулиятдошта) гузаронида мешавад. Тавассути машваратгоҳи мазкур, фаъолиятҳои ҳамоҳангсозӣ, махсусан байни сохторҳои лозима (Комиссияи ҳуқуқи кӯдак, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, адлия, корҳои дохилӣ, Ассотсиятсияҳо) барои баррасӣ намудани масъалаҳои марбут ба фаъолият ва зисту зиндагии кӯдакони маъюб беҳтар шудааст. Инчунин, мубодилаи маълумот байни сохторҳои зикр гардида, хеле осон гардидааст. Яке аз афзиятҳои асосӣ дар ин самт ин таъмини дастрасии аҳолӣ ба фаъолияти машваратгоҳи мазкур мебошад.

Адлияи ноболиғон. Шумораи умумии ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон ва ё кӯдакон ба қайд гирифташуда дар соли 2015 36 ҳолатро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2014 13 ҳолат кам мебошад. Бо мақсади пешгирӣ намудани қонунвайронкунӣ аз ҷониби нобологон дар давоми соли 2015 аз ҷониби Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак

дар якҷояги бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳо ва муассисаҳои дахлдор зиёда 19 маротиба амалиёти мақсаднок гузаронида шуда, дар китоби қайди ноболиғон зиёда аз 2288 нафар номнавис шуда, дар натиҷаи ин бо падару модар ва директорони мактабҳо суҳбату вохӯриҳо гузаронида шуд.

Дар заминаи “Барномаи кор бо ноболиғон барои солҳои 2011-2015” дар мактабҳои №1, 2, 3, 6, 7, 9, 11 ва 12 семинар-машваратҳо дар мавзӯъҳои «Беҳтари фаҳмиш дар бораи маъюбият» ва «Кӯдакони дар мухолифат бо қонун» гузаронида шуд, ки дар он хонандагон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва волидайни кӯдакони маъюб иштирок намуданд. Амалиётҳои фаврӣ ва дигар тадбирҳо бобати пешгирии камбудиҳои ҳамагуна ҷиноятkорӣ байни ноболиғон, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ноболиғон, эмин нигоҳ доштани онҳо аз зӯроварии калонсолон ва ба таълиму тарбия ҷалб намудани онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Дар ин самт Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак бо маркази таҳсилоти иловагӣ ҳамкории зич дошта, дар асоси қарори Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳамасола ноболиғон барои пешгирӣ аз корҳои номатлуб, ба таҳсили иловагӣ фаро гирифта мешаванд. Натиҷаи ин аст, ки тайи солҳои 2011-2015 беш аз 865 нафар ба маҳфилҳои омӯзишии марказ ҷалб карда шуданд. Барои пешгирии оворагардию қонуншиканӣ хонандагони мактабҳои шаҳр мувофиқи хоҳишашон бо мақсади сайқал додани донишандӯзӣ ба маҳфилҳои маркази таҳсилоти иловагӣ ҷалб гардидаанд. Ин иқдом аз тарафи падару модарон ва хонандагон дастгирӣ ёфт.

3.5. Зан ва оила. Зан бо меҳри модаронааш баланд бардоштани мақому манзалати хонадонро шараф ва номуси хеш мешуморад ва бо самимият ва лутфу муҳаббат ва садоқату шарофати худ номи зан-модарро муқаддас ва гиромӣ медорад, бо дастони пурмеҳри худ навниҳолони соҳибмаърифат ва фарҳангдӯсту адабпарвари боғи маърифати миллат, яъне созандагони ояндаи неки давлат ва ҷомеаро ба камол мерасонад.

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа бахши кор бо занон ва оила дар ҳайати мудири бахш ва мутахассисон аз 14 ноябри соли 2011 таъсис дода шудааст, ки фаъолияти худро тибқи Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома ва нақшаи кории бахш роҳандозӣ намуда, ҷиҳати густариши фаъолияти бонувон, саҳми онҳо дар рушди ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқи занон ва тақвияти мақому маърифати онҳо тадбирҳои мушаххас меандешад.

Бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа ҳамоҳангсози татбиқи:

- Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа барои солҳои 2014-2023;
- Нақшаи амали Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020;
- Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020;
- Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016
- Консепсияи рушди оила дар шаҳри Қӯрғонтеппа мебошад;

Вобаста ба иҷрои Стратегия, Барномаҳо ва Консепсияҳои зикргардида қарорҳои дахлдори раиси шаҳри Қӯрғонтеппа таҳия ва қабул гардидаанд.

Бо мақсади таъмини ҷараёни иҷрои «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016», ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006 №496 қабул гардидааст, як қатор чорабиниҳои мушаххас амалӣ гардонида шуда истодааст.

Аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа ба 1 январи соли 2016-ум 104500 нафарро ташкил намуда, 52046 нафарашонро (49,8%) занону духтарон ташкил медиҳанд.

Шумораи умумии занони коргар 7 ҳазору 600 нафарро ташкил менамояд, ки аз ин ҳисоб 130 нафарашон, ки 1,7 %-ро ташкил медиҳад, дар вазифаҳои роҳбарикунанда кору фаъолият мекунанд.

Яке аз самтҳои тадбиқи барнома масъалаи хеле мубрам - фарогирӣ ва ҷалби духтарон ба таҳсил арзёбӣ мешавад, ки ин рақам дар ҳудуди шаҳри Қӯрғонтеппа 84%-ро ташкил намудааст. Ҷиҳати пурра фарогирии духтарон ба таҳсил аз маҳаллаҳое, ки ба шаҳр ворид гардиданд, бо иштироки намояндагони сохтору мақомоти дахлдори соҳа аз аввали соли равон зиёда аз 80 вохӯриҳо баргузор шуда, чорабиниҳо дар ин самт идома доранд.

Дар самти мусоидат ба тарбияи кадрии ҷавондухтарон имсол 2 нафар хонандагони муасисаҳои таълимӣ ба гирифтани стипедияҳои Президентӣ пешниҳод ва дастгирӣ карда шудаанд, ки бобати баланд бардоштани донишу малакаи фитрии онҳо мусоидат хоҳад кард ва чунин иқдом идома хоҳад ёфт.

Аз 31 июли соли 2014 таҳти рақами № 453 қарори раиси шаҳри Қӯрғонтеппа "Дар бораи қарори раиси вилояти Хатлон аз 08 майи соли 2014 "Оид ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №294 «Дар бораи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» қабул гардида, вобаста ба иҷрои корҳои ба сомон расонидашуда дар ин самт, маводҳои дар васоити ахбори омма нашргардида, нақшаҳои муштараки кории бахш ва ташкилотҳои ҷамъиятии «Ғамхорӣ» ва «Дилафрӯз», ки бевосита бо масъалаҳои пешгирии зуроварӣ дар оила кор ва фаъолият менамоянд, низ дар ҷузъгири алоҳида ҷамъоварӣ карда мешаванд.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, пешгирии содиршавии кирдорҳои номатлуб, аз ҷумла зӯроварӣ дар оила дар назди бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа дар асоси қарори раиси шаҳри Қӯрғонтеппа аз 24 ноябри соли 2010, № 336 маркази иттилоотию машваратӣ таъсис дода шудааст, ки дар онҳо ба шаҳрвандон кӯмаки амалӣ расонида мешавад.

Бахри иҷрои қарори қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, № 269 «Дар бораи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ва «Нақшаи амали Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» як қатор корҳо ба сомон расонида шудааст.

Дар доираи ҳамин Стратегия бо дасгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр чорабинии маърифатии "Мактаби модарон" таъсис ва фаъолият менамояд, ки дарсҳои омӯзишӣ масъалаҳои омода намудани ҷавондухтарон ба ҳаёт, баланд бардоштани фарҳанги оиладорӣ, тарбияи фарзанд, донишандӯзии духтарон, интихоби касб ва дигар масъалаҳои марбут ба тарғиби тарзи ҳаёти солим бо иштироки ҷавондухтарони донишгоҳҳо, колеҷҳои тиббию омӯзгорӣ ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ мешавад.

Бахри пойдории оила оила дар шаҳри Қӯрғонтеппа қарори раиси шаҳри Қӯрғонтеппа аз 8 апрели соли 2016, №216 «Дар бораи рушди оила» ба тасвиб расидааст.

Яке аз масъалаҳои муҳим омилҳои таҳкими оила буда, ҳанӯз ҳам миёни занону бонувон масъалаҳои ҳалталаб дар ин раванд ҷой доранд. Мушкилоти ҷудошавии оилаҳо ҳамчун масъалаи мубрам дар назди бахши кор бо занон ва оила боқӣ хоҳад монд.

Дар соли 2015 шумораи ҷудошавии оилаҳо 74 ададро ташкил намуда, аз ин ҳисоб 55 адад бо ҳалномаи судӣ ва 19 нафар бо розигии тарафайн сурат гирифтааст. Оиди масъалаи мазкур гӯруҳи таблиғотии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа мунтазам дар маҳаллаҳо ва корхонаю муассисаҳои шаҳр бо аҳолӣ ва коллективҳои меҳнатӣ сӯҳбату вохӯриҳо ташкил намуда, ҷиҳати мустаҳкам намудани оилаҳо ва пешгирии пошхӯрии оилаҳо чорабинии таблиғотию ташвиқотӣ дар мавзӯи «Оилаи солим ҷомеаи солим» гузаронида мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар шаҳр Ташкилоти ҷамъиятии маркази буҳронии «Ғамхорӣ» дар ҳайати 42 нафар аз соли 2001 то ин ҷониб фаъолият намуда, сапарасти он Оҷонсии Швейдсария ва Гота-колтинги Олмон мебошад. Самти фаъолияти ташкилот ба барномаҳои пешгирии зуроварии хонаводагӣ ва хизматрасониҳо оиди зуроварӣ, тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва тибби иҷтимоӣ равона гардидааст. Бо мақсади иҷрои барномаи пешгирии зуроварии хонаводагӣ 16 нафар мутахассисон сафарбар карда шуда, дар давоми соли 2015 ва нимсолаи соли 2016 ба 6550 нафар шаҳрвандон хизмат расонидаанд.

Бо чунин мақсад Ташкилоти ҷамъиятии «Дилафрӯз» дар вилояти Хатлон аз соли 2001-ум дар шаҳр дар ҳайати 10 нафар фаъолият намуда, барномаҳои он дар самтҳои зерин равона гардидааст:

- баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии занон
- пешгирии зуроварӣ дар оила
- ҳимояи ҳуқуқи кӯдак ва модар.

Дар баробари он дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи шаҳр (маориф, тандурустӣ, фарҳанг, саноат ва ғайра) раиси занон интихоб карда шуда, бевосита бо масъалаҳои зикргардида сарукор доранд, ки ба онҳо бахши кор бо занон ва оила ҳамкорӣ ва мусоидат менамоянд.

Мақоми «Зан ва оила» дар ҷамъияти имрӯзаи мо аҳамияти муҳим дошта, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр дар оянда низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир хоҳад намуд.

3.6. Фарҳанг ва фароғат. Соҳаи фарҳанги шаҳри Қӯрғонтеппа тамаддуни ғанӣ ва таърихи тӯлонӣ дорад. Дар шаҳри Қӯрғонтеппа 3 осорхонаи давлатӣ, 10 китобхона, 4 маркази фарҳангӣ, 1 хонаи фарҳангӣ, 2 боғи фарҳангӣ ва истироҳатӣ, майдони ғалаба, мактаби санъати бачагона, театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонов, ансамбли шашмақом ва «Фолклорӣ-этнографӣ» фаъолият мекунанд.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин набудани қасри фарҳанг, бинои маъмурии бахши фарҳанг, нарасидани асбобҳои мусиқӣ, баландгӯяк ва курсиҳои нишаст мебошад.

Қасри фарҳанги шаҳр соли 2005 сохта шуда, дар он 27 нафар фаъолият менамояд ва ба масъалаҳои маҳфилҳои адабӣ, вохӯриҳо, суҳбатҳо, гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ машғул мебошанд. Шумораи истифодабарандагони он солона 30 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Мушкилоти асосӣ дар ин самт нарасидани асбобҳои миллӣ, тақвияти овоз ва таъмирталаб будани боми он мебошад. Инчунин қасри мазкур тобистона буда, дар фасли зимистон истифода бурда намешавад.

Дар шаҳр мактаби мусиқии бачагона аз соли 1960 фаъолият намуда, 3 шуъбаро: фортепиано, баян-аккордеон ва рубобро дарбар мегирифт. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июли соли 1996, №302 «Дар бораи такмили сохтори соҳаи фарҳанг ва иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мактаби мусиқии бачагонаи шаҳри Қӯрғонтеппа бо қарори раиси шаҳр аз 31 январи соли 1997, №15 ҳамчун мактаби санъати бачагона ном гирифт. Мактаби мазкур ягона мактаби санъати бачагонаи шаҳр буда, дар он 15 шуъба, аз ҷумла: синфҳои фортепиано, скрипка, рубоб, ғижжак, рақс, санъати тасвирӣ, дойра, карнай, дутор, чанг, сурудҳои анъанавӣ, компютер, асбобҳои оркестри нафасӣ ва кларнет амал мекунанд.

Ҳайати омӯзгорон аз 47 нафар иборат буда, аз ин 22 нафар дорои маълумоти олӣ ва 17 нафари дигар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд. Дар соли 2015 шумораи умумии хонандагони муассисаи таълимии номбурда 382 нафарро ташкил дода, аз ин 148 нафарашон духтарон мебошанд. Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад, ин норасонгии асбобҳои мусиқии миллӣ, аз ҷумла доира, таблак, карнай, дутор, рубоб, фортепиано ва ғижжак мебошад.

Ансамбли «Шашмақом» ва «Фолклорӣ-этнографӣ» дар назди Раёсати фарҳанги вилоят буда, аз соли 1990 инҷониб дар шаҳр фаъолият намуда, шумораи

умуми коргарон ва ҳунармандон 44 нафарро ташкил медиҳад. Аъзоёни ансамбл дар чорабиниҳои оммавӣ-сиёсӣ ва фарҳангии ҷашнҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок менамоянд. Бинои ансамбл (Кохи Ватан) таъмирталаб буда, таъмини асбобу анҷоми мусиқӣ ва техникӣ, сару либосҳои саҳнавӣ намерасад.

Китобхонаи марказии шаҳри Қӯрғонтеппа аз соли 1938 то ин ҷониб фаъолият карда истодааст, ки шумораи истифодабарандагони он беш аз 227850 нафарро ташкил медиҳад. Дар низоми китобхонаи марказонидашуда 22 нафар фаъолият менамоянд. Теъдоди умумии китобҳои китобхонаи марказӣ ва филиалҳои он 56844 нусхаро ташкил дода, аз ин 18162 нусха бо забони тоҷикӣ, 29235 нусха бо забони русӣ ва 1501 нусха бо дигар забонҳо мебошад.

Китобхонаҳо дорои шуъбаҳои хизматрасонӣ, толори хониш ва коркарди китоб буда, ороиши толорҳо мувофиқи талабот созмон дода шудааст. Хазинаи китобӣ дорои адабиётҳои бадеӣ, классикӣ, сиёсӣ, илмӣ, техникӣ, санъатшиносӣ, методӣ, динӣ, энсиклопедияҳо ва маҷаллаю бастаи рӯзномаҳо иборат мебошад.

Бинои китобхонаи вилоятии ба номи Шамсиддин Шоҳин соли 2010 бо лоиҳаи замонавӣ сохта ба истифода дода шуда, ҳамчун китобхонаи вилоятӣ ба шумор меравад. Шумораи кормандони китобхона 42 нафар буда теъдоди китобҳо 77760 адад мебошад. Шумораи истифодабарандагони он зиёда аз 12000 нафарро ташкил медиҳад. Қайд кардан ба маврид аст, ки хизматрасонӣ ва китобхонӣ ба таври технологияи муосир китобҳои электронӣ низ ба роҳ монда шудааст.

3.7.Соҳаи сайёҳӣ ва варзиш. Чун шаҳр дар маркази вилоят мебошад ва ин сабаб мегардад, ки ба шаҳр аз тамоми манотиқи вилоят сокинон пайи кору фаъолият, истроҳату фароғат биёянд. Ҳамзамон ба шаҳр теъдоди ташрифоварии сайёҳони хориҷӣ низ дар афзоиш аст. Шаҳр дорои қасри фарҳанг, театри давлатии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонов, 7 китобхона бо фонди умумии зиёда аз 56844 нусха китоб, мактаби санъати бачагона, боғи фарҳангу истироҳатӣ, ду варзишгоҳ ва дигар муассисаҳои маърифативу таълимӣ мебошад. Ҳамзамон дар шаҳр намояндгии якчанд созмонҳои байналмилалӣ ҷой гирифтаанд.

Шаҳри Қӯрғонтеппа умуман аз ҳисоби масоҳат хурд буда, метавонед ба бисёр ҷойҳои он пиёда гаштугузор намоед. Шумо метавонед аз такси истифода баред, ки он 2 сомонӣ арзиш дорад. Ҳамин тавр Шумо метавонед аз микро-автобус низ истифода баред. Микроавтобусҳои хориҷии тамғаи «Марседес», ки баланду барҳаво мебошад, дар тамоми хатсайрҳои дохили шаҳр хизматрасонӣ намуда, арзиши он 1 сомонӣ мебошад.

Миёни сокинони шаҳр ҳунарҳои чакандузию гулдузӣ, чубтарошию заргарӣ барин ҳунарҳои миллӣ рӯ ба инкишоф аст. Маҳсули дастони гулофарини ҳунармандони вилоят чандин намоишгоҳу фестивалҳои ҷаҳониро бо ҷилои фарҳангӣ пурғановат оро додааст. Махсусан имрӯз сокинони шаҳр ба анъанаҳои миллиамон таваҷҷӯҳи бештар медиҳанд аз ҷумла, иди Наврӯз бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил карда мешавад ва хӯрокҳои миллӣ дастурхонро оро медиҳад.

Дар болои Теппа осорхонаи шаҳри ҷойгир шудааст, ки аз болои он манзараи зебои шаҳр аён мегардад. Марҳамат омада аз нигораҳои таърихӣ ва намоишҳое, ки оиди гузаштаи шаҳри Қӯрғонтеппа нақл менамояд, дидан намоед.

Осорхонаи таъриху кишваршиносии вилояти Хатлон ба номи «Авасто».

Тоҷикон аз ҷумлаи миллати кӯҳанбунёд ва мутамаддини ҷаҳон мебошанд, ки нодираҳои бузурги таърихию фарҳангиро офаридаанд ва қисме аз ин осори бузурги таърихӣ ба вилояти Хатлон мансуб мебошад.

Моҳи июни соли 2011-ум ороиши толорҳои намоишгоҳи осорхона аз тарафи рассомони маҳаллӣ Хайрулло Давлат ва Пиров Отахон оғоз гашт. Ҳамин тариқ рӯзи 10-августи соли 2011 бо ширкати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, осорхона дари худро боз намуд.

Осорхона аз 8 шуъба иборат буда, 2780 адад нигора дорад. Нигораҳо асосан маводҳои археологӣ, санъати амалӣ, сиккашиносӣ, мардумшиносӣ, заргарӣ, чубтарошӣ ва ҳуҷҷатҳои таърихӣ мебошанд.

Дар осорхона нигораҳои қадимтарин ин табарчаи суфтаи неолитии таллуқ ба асри санг ва ҷомҳои гилини тааллуқ ба давраи биринҷ, сиккаҳои кушонӣ ва юнону бохтар низ ҷамъ оварда шудаанд. Ҳамчунин қубурҳои гилин ва хурмаҳои гилини асрҳои 9-11 ба намоиш гузошта шудаанд.

Муҷассамаи Исмоили Сомонӣ

Ин муҷассамаи драмавӣ дар маркази шаҳр бо фаввора иҳота карда шудааст, ки он асосгузори аввалин давлати тоҷиконро шарҳ медиҳад. Он дар муқобили Теппаи Қӯрғон ҷойгир буда, нишонаи айёнӣ ва асосӣ ба шумор меравад, ки барои ташриф овардан ҳам рӯзона ва ҳам шабона арзанда аст!

Осорхонаи Ваҳдат

Осорхона соли 2007 бахшида ба 10 солагии Ваҳдати миллӣ таъсис дода шуда, дар болои осорхона муҷассамаи Ваҳдат бо нишони тоҷ шаҳодат аз соҳибихтиёрӣ васл карда шуда, дар осорхона маҳзанҳои таърихи зарурат ва пайдоиши Ваҳдати Миллӣ ва роҳҳои мушкили расидан ба он мавҷуд мебошад. Насли наврас метавонад бо маҳзанон шинос шуда, Ваҳдати Миллиро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

Муҷассамаи А. Рӯдакӣ дар маркази шаҳр ҷой гирифтааст, ки нишони нависандаи машҳури халқи точикро дар миқёси мамлакат шарҳ медиҳад. Дар канори он Шумо Кохи ба номи «Лоҳутӣ», тарабхона ва мағозаи хурдро бо ҷойи барҳаво барои шароити хуби аксгирӣ дида метавонед.

Меҳмонхонаи Рамз дар маркази шаҳр, дар наздикии Теппаи Қӯрғон ҷойгир аст ва дорои шароитҳои хуб аз ҷумла Wi-Fi, кондитсионер, толор барои баргузории конфронс ва толори варзишӣ мебошад. Ҳайати коргарони инҷо ба забони русӣ ва англисӣ низ ҳарф мезананд. Ҳуҷраҳои ним люкс ва люкси пурраро интихоб намуда метавонед.

Варзиш. Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва «Барномаи рушди футбол дар Чумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016» дар шаҳр аз нақшаи чорабининиҳои рушди соҳа мушаххас тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо, барои ҷалби ҷавонону наврасон ба намудҳои гуногуни варзиш мавҷуд мебошад. Ҳоло дар шаҳр 103 нуқтаҳои варзишӣ мавҷуд аст, ки аз ин 2 варзишгоҳ “Пахтакор” дорои 8 ҳазору 300 ҷой нишаст, “Ҷавонӣ” дорои 3 ҳазору 600 ҷойи нишаст, 70 адад майдончаҳои футбол, баскетбол ва волейбол, 32 толори варзишӣ, 2 ҳавзи шиноварӣ, 2 майдони теннис мебошанд ва дар ин иншоотҳои варзишӣ 4700 нафар ба варзиш машғуланд. Дар шаҳри Қӯрғонтеппа 3 мактаби варзишӣ аз рӯи 20 намуди варзиш фаъолият мекунад, ки дар онҳо 56 мураббӣ ба таълиму тарбияи варзишгарони наврасу ҷавон машғуланд.

Варзишгарони шаҳр дар мусобиқаҳои варзишии гуногун, аз ҷумла дар мусобиқоти байналмилалӣ сарбаландона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои арзанда мегарданд.

Муваффақиятҳои беназире, ки таи солҳои охир варзишгарони шаҳри Қӯрғонтеппа ба он ноил гардиданд, махсусан варзишгарони намуди таеквандо (ВТФ) мудати 4 сол мебошад, ки дар чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда доставӣ сазовори ҷойи аввал мегарданд.

Илова бар ин, дар солҳои 1997, 2005, 2009, ба дастаи Клуби футболи “Вахш”-и Қӯрғонтеппа муясар гардид, ки дар Чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои лигаи Олӣ соҳиби ҷойи аввал гардад. Инчунин дастаи футболи “Вахш” соли 2006 дар Ҷоми КФО, ки дар мамлакати Малайзия доир гардид иштирок намуда, сазовори ҷойи дуюм гардид. Ин натиҷаҳои ба даст овардашуда асос гузошт, ки дар соҳаи футболи шаҳр саҳифаи нави таърихӣ боз гардида, ҳаводорони ин намудани варзиш ба маротиба афзоиш ёбад.

**Мушкилиҳои соҳа:**

Айни замон, як қатор омилҳои объективие мавҷуданд, ки барои рушди соҳа монеаҳои зиёдеро ба бор меоваранд, аз ҷумла:

- набудани маркази махсуси соҳаи туристӣ дар назди Бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳр;
- ба таври самаранок ба роҳ намондани корҳои рекламавӣ;
- нокифоягии маблағгузорӣ;
- таъмин набудани сатҳи мувофиқи менеҷмент ва ҳамоҳангии диққатии амалиётҳои мақомоти маҳаллӣ;

## БОБИ 4. ИНФРОСОХТОР

### 4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ)

4.1.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ. Дар шаҳр барои таъмин намудани оби нушокӣ ва бартараф намудани партовҳои обӣ ба истифодабарандагон Корхонаи давлатии фаръии "Обтаъминкунӣ ва канализатсия"-и шаҳри Қӯрғонтеппа, ки дар тобеъи Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, фаъолият менамояд.

Корхонаи давлатии фаръии "Обтаъминкунӣ ва канализатсия"-и шаҳри Қӯрғонтеппа соли 1957 ташкил шуда, айни ҳол дар корхона 145 нафар коргар фаъолият мекунанд, ки аз ин 20 нафараш дорои маълумоти олӣ, 2 нафар дорои маълумоти олии нопурра, 8 нафар маълумоти миёнаи махсус ва 6 нафар дорои маълумоти касбӣ-техникӣ мебошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давоми солҳои 2014-2016 корхонаи мазкур самти фаъолияти худро беҳтар ба роҳ монда ҷамъоварии маблағи хизматрасонӣ ба 100 фоиз расонида шудааст.

Дар корхона 3 обанбор дорои 6 адад чоҳҳои амудӣ ва 7 насосҳои обкаши баландшиддат мавҷуд буда, аҳолии шаҳр ва дигар истеъмолкунандагон ба воситаи 3 пойгоҳҳои насосӣ бо об таъмин карда мешаванд, аз ҷумла:

- обанбори №1 воқеъ дар кӯчаи С. Вализода №17а, дорои 3 адад чоҳҳои обкаши зеризаминӣ (чоҳҳои амудӣ) бо иқтидори истеҳсоли 8640 м3 дар як шабонарузӣ.
- обанбори №2 воқеъ дар ҷамоати Бустонқалъаи ноҳияи Бохтар, дорои 3 ҳавзи обтакшинкунӣ ва 7 адад насоси обкашӣ бо иқтидори 40 ҳазор м3 дар як шабонарузӣ.
- обанбори №3 воқеъ дар кӯчаи Борбад, дорои 3 адад чоҳҳои амудӣ бо иқтидори 8640 м3 дар як шабонарузӣ, ки ҷамъи истеҳсоли оби нӯшокӣ аз рӯи иқтидорҳои техникӣ 57280 м3 ташкил медиҳад.

Ҳамзамон дар корхона 11 истгоҳи насосии фишордиҳандаи обтаъминкунӣ барои истифодабарандагони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ фаъолият менамояд. Иқтидори шабонарузии обанборҳои обтаъминкунии корхона аз рӯи талаботҳои техникӣ 57,2 ҳазор м3 ташкил намуда, дар як шабонарӯз ба миқдори 35-40 ҳазор м3 оби нушиданӣ ба истифодабарандагон таъмин менамояд, ки он 70 фоизи иқтидори талаботҳои техникии обанборҳоро ташкил медиҳад.

Дар тавозуни корхона 9 адад техника ва 7 адад воситаҳои техникӣ оид ба бартараф намудани садамаҳои хатҳои обию канализатсионӣ мебошад. Дарозии умумии қубурҳои обтаъминкунии шаҳр 158,9 км-ро дарбар мегирад, аз ҷумла шоҳқубурҳо (магестралӣ) 33 км ва қубурҳои обрасонӣ 125,1 км мебошад.

Бояд қайд намуд, ки корхона танҳо ба ташкилоту муассисаҳо ва аҳолии шаҳри Қӯрғонтеппа хизмат мерасонад. Тибқи маълумотҳои мавҷуда 57 фоизи аҳолии шаҳр бо оби нӯшокӣ таъмин буда, 70 фоизи муассисаю ташкилотҳо ба хати канализатсия пайваст мебошанд. Дар баробари он дастрасии аҳолӣ ба оби нӯшокӣ аз ҳисоби обҳои зеризаминию рӯизаминӣ 89 фоизро ташкил медиҳад.

Соли 2013 аз ҳисоби ноҳияҳои Бохтару Вахш 1700 га бо 14 маҳалла ва 25 ҳазор аҳолӣ ба шаҳри Қӯрғонтеппа илова карда шуда, аксарияти маҳаллаҳои ба шаҳр воридгашта хати қубури оби нӯшокӣ надоштанд.

Ба ғайр аз обтаъминкунӣ дар корхона барои бартараф намудани партовҳои обии истифодабарандагони шаҳр низоми канализатсионӣ фаъолият менамояд. Дарозии қубурҳои низоми канализатсионӣ 117 км-ро ташкил медиҳад. Низоми

канализатсионӣ дорои ду иншооти партовтозакунӣ буда, иқтидори шабонарузии онҳо 30 ҳазор м3-ро дарбар мегирад, аз ҷумла:

Иншооти партовтозакунии «Нав» иқтидораш 24 ҳазор м3 дар як шабонарузӣ буда соли 1983 ба истифода дода шудааст.

Иншооти партовтозакунии «Куҳна» иқтидораш 6 ҳазор м3 дар як шабонарузӣ буда соли 1965 ба истифода дода шуда, аз соли 1990 то ин ҷониб бо сабаби фарсудашавӣ ва корношоям гардидани таҷҳизотҳои он истифода бурда намешавад.

Дар низоми канализатсионӣ 3 истгоҳи фишордиҳандаи партовҳои обӣ аз ҷумла:

- стансияи насосии канализатсионии « ЮЭС»
- стансияи насосии канализатсионии « Қарияи боло»
- стансияи насосии канализатсионии « Автовокзал» (ГКНС) истифода бурда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки мувофиқи Барномаи беҳгардонии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Точикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 2 декабри соли 2006, №514 оғоз шудааст, аз ҷониби Корхонаи давлатии обтаъминкунӣ ва канализатсия корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда, то соли 2013 аз ҳисоби лоиҳаи инвеститсионӣ ба маблағи 16 млн. 298 ҳазор сомонӣ барои барқарорсозӣ, таҷдид ва сохтмони иншоотҳо, кашидани хатҳои оби нӯшокӣ дар маҳаллаҳои шахр амалӣ гардид, ки дар натиҷа ба масофаи 10542 метр хатҳои асосии оби нӯшокӣ иваз карда шуд. Корҳо оид ба иҷрои лоиҳаи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар доираи Лоиҳаи «Барқарорсозии обтаъминкунӣ дар ҷануби Тоҷикистон барои шаҳри Қӯрғонтеппа» идома доранд. Аз ин маблағ 2,043 млн. сомонӣ қарзӣ буда, 5,258 млн. сомонӣ грантӣ мебошад. Дар баробари он солҳои 2014-2015 аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва маблағҳои корхонаю соҳибкорон зиёда аз 3200 метр қубурҳои обии кӯчаҳои шаҳр иваз карда шудааст, ки маблағгузории он аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 345 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби аҳолӣ ва соҳибкорон 146 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ҳамзамон аз ҳисоби лоиҳаи инвеститсионии таҷдиди роҳҳои дохили шаҳрӣ, ки бо ташаббуси Дирексияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то охири соли 2015 ба анҷом расонида шуд, дар кӯчаҳои маркази шаҳр (кӯчаҳои Борбад ва Ч. Абдуллоев) ба масофаи 2,2 км хати канализатсионӣ кашида шуда, дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Новобаста ба иҷрои корҳо дар самти барқарорсозии хатҳои обӣ ва канализатсионӣ сол то сол зиёдшавии садамаҳои хатҳои қубури обӣ ва тамбашавии хатҳои паспартов ба назар мерасад. Бо афзоиши аҳолӣ, таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, зиёд гардидани нуқтаҳои хизматрасонӣ ва баланд гардидани сатҳи иҷтимоии мардум талабот ба оби нӯшокию низоми канализатсионӣ зиёд гардида истодааст.

Мувофиқи рафти иҷрои нақшаи генералии шаҳр барои то соли 2035, дар 5 соли оянда сохтмони 12 адад биноҳои истиқоматии 9 ошёна, 4 бинои 12 ошёна ва 16 бинои 4-5 ошёна пешбинӣ гардида, васлкунии низоми сантехникии он аз ҳисоби худи соҳибкорон буда, пайвастшавии он ба хатҳои марказии обу канализатсияи шаҳр пешбинӣ шудааст, ки ин ҳолат ба пурбории қубурҳо оварда мерасонад. Аз рӯи таҳлилҳо муайян мегардад, ки иқтидори шабонарузии истеҳсоли оби нушидании иншоотҳо 57280 м3 буда, талаботи шабонарузии истифодабарандагон 35-40 ҳазор м3 ташкил медиҳад. Иқтидори мавҷуда бо назардошти таъмиру таҷдид барои то соли 2020 басанда буда, то давраи соли 2035 (мувофиқи нақшаи генералӣ) сохтмони обанбор бо иқтидори 25 ҳазор м3 ба миён меояд.

Барномаи беҳгардонии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Точикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 2 декабри соли 2006, №514 қабул гардида, вобаста ба амалӣ гардидани он лоиҳа таҳия гардида, маблағи умумии он 77748,7 ҳазор сомониро (бо нархҳои соли 2016) ташкил намуда, ба инвеститсияи хориҷӣ ниёз дорад.

Баҳри беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар давоми 5 соли оянда гузаронидан ва иваз намудани хатҳои қубури обӣ дар масофаи 23,6 км пешбинӣ гардида, аксарияти корҳои иҷрошаванда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешавад, ки он бо нархҳои нимаи якуми соли 2015-ум 3,6 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ҳалли мукилиҳои ҷойдошта ба анҷом расонидани корҳои зерин ба миён меояд;

- пурра таъмин намудани аҳолии шаҳр бо оби нӯшокӣ;
- барқарор намудани шабакаҳои обрасонӣ, барқарорсозии фишор дар қубурҳои магистралӣ ва таъмини об ба ошёнаҳои аз 5 то 9 дар биноҳои баландошёна;
- ба талаботҳои санитарию гигиенӣ мутобиқ намудани сарчашмаҳои обгирӣ;
- кам кардани талафоти шабонарӯзии об;
- дарёфти сарчашмаҳои иловагии маблағгузорӣ;
- харидорӣ намудани таҷҳизот ва воситаҳои техникии нав;
- ба роҳ мондани коркарди партовҳо;

4.2. Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии коммуналӣ» соли 1956 ташкил карда шуда, ба корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мебошад.

Дар корхона 107 коргар, ки 36 нафарашро занон ташкил медиҳанд, фаъолият намуда, асосан ба тозагии санитарии кӯчаҳои марказӣ ва баровардани партовҳо (партовҳои моеъ ва сахти маишӣ) машғул мебошанд.

Корхона дар соли 2015 - 11293 шартномаи ҳамкорӣ имзо намуда, ки аз онҳо 10800 нафар бо аҳолӣ, 118 адад ташкилоту муассисаҳои буҷавӣ ва 375 ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд.

Дар мувозинаи корхона 57 нуқтаи партобаҷамъкунии расмӣ ба қайд гирифта шуда дар 61 адад кучаҳои шаҳр хизматрасонӣ ба тариқи кашондани партоб аз дари хонаҳо ба роҳ монда шудааст. 292 қуттиҳои партовҷамъкунӣ мавҷуд аст, ки аз онҳо 218 адад дар кӯчаҳо ва ташкилоту муассисаҳо гузошта шудаанд.

Партобгоҳи марказӣ дар масоҳати 17,8 га дар масофаи 15 км аз маркази шаҳр дур ҷойгир мебошад. Ҳаҷми миёнаи солонаи ПСМ амалан баровардашаванда ба як нафар аҳолии шаҳр 1 м$^3$-ро ташкил медиҳад. Меъёри ҷамъшавии партобҳо ба сари ҳар як оила 1 м$^3$ ва дар маҳаллаҳои атрофии шаҳр 2 м3- ро ташкил медиҳад.

Мутобиқи меъёрҳои муайяншуда, ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда дар шаҳр ба ҳисоби миёна ҳар сол 64,1 ҳазор м$^3$-ро ташкил медиҳад.

Барои кашонидани ПСМ дар корхонаи мазкур 4 адад автомашинаи Камаз, 4 адад трактор, аз ҷумла 1 адад тамғаи МТЗ-82 (таъмирталаб), 1 адад трактори партобборкунӣ (мехлопата), 2 адад автомашинаи ГАЗ-53, 1 адад эксковатори «Белорус» ва автомашинаи Камази обпош мавҷуд мебошад. Мутаассифона, техникаҳои мавҷуда имконияти пурра баровардани партобҳо ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаро надоранд. Корхона бо сабаби баланд шудани нархи хизматрасонӣ ва норасогии техникаю қувваи корӣ хизматрасонии коммуналиро дар маҳаллаҳои атрофи шаҳр надорад.

Дар корхона мушкилии асосӣ нарасидани техникаҳо мебошад. Барои бартараф намудани мушкилоти мавҷуда харидорӣ намудани техникаҳои ҳозиразамон хеле зарур аст. Айни ҳол, барои фавран харидорӣ намудани 3-адад автомашинаи тамғаи «Камаз», 1-адад автомашинаи тамғаи «Камаз» барои обпошӣ, 2 адад автомашинаи тамғаи «АСН», 1-адад трактори тамғаи «МТЗ-80» ва 1-адад Булдозери тамғаи «СТ-160» ва 250 адад қуттиҳои партобаҷамъкунӣ зарурат ба миён омадааст. Ҳамзамон ҷамъоварии маблағи хизматрасонӣ низ яке аз мушилоти корхона ба шумор меравад.

Бояд қайд кард, ки соли 2015 лоиҳа оид ба идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Қӯрғонтеппа байни КФД «Хоҷагии коммуналӣ»-и шаҳр, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ба имзо расида, мавриди амал қарор дорад. Дар барномаи мазкур таъмири нуқтаҳои партовҷамъкунӣ, таъмини қуттиҳои партовҷамъкунӣ, мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникӣ ва

партовгоҳи марказӣ дар назар дошта шудааст, ки маблағи умумии лоиҳа 4,9 млн доллари ИМА-ро ташкил намуда, 2,9 млн доллари он ба тариқи грантӣ мебошад. Боиси қайд аст, ки аввали соли 2016 марҳилаи якуми лоиҳаи мазкур оғоз гардида, барои харидори намудани қуттиҳои ҷамъоварии паспартовҳо тендер гузаронида шуда, он аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ дастгирӣ ёфт. Бояд тазаккур дод, ки мувофиқи лоиҳаи мазкур сохтмон ва насб намудани таҷҳизоти безараргардонии лампаҳои каммасраф, ки он ҳамчун Барномаи давлатии кумитаи ҳифзи муҳити зист ба шумор меравад, ба инобат гирифта шудааст, ки маблағи лоиҳавии он (сохтмон ва воридоти таҷҳизот зиёда аз 200 ҳазор сомонӣ (сохтмон 90 ҳазор сомонӣ ва таҷҳизотҳо 110 ҳазор сомонӣ).

Вазифаҳои асосии корхонаи мазкур дар туллии 5 соли оянда;

- ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати бақайдгирии истифодабарони хизматрасонии коммуналӣ.
- сохтани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои коммуналӣ.
- амалӣ гардонидани лоиҳаи инвеститсионии ҷойгиркунии ПСМ

4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ. Дар шаҳри Қӯрғонтеппа Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳо ба фаъолияти роҳдорӣ машғул мебошад. Муассисаи мазкур дар тобеъияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа буда, дар он 18 нафар коргар фаъоият менамоянд. Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳо 134,5 км роҳҳои истифодаи умум дар мувозина дорад, ки аз он 12,1 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 122,4 км роҳҳои маҳаллӣ мебошанд. Дар мувозинати корхона 53 км кӯчаву хиёбонҳои истифодаи умум, 84 км пиёдароҳҳо, 76 км новаҳои обпарто, 152 км роҳҳои дохили маҳаллаҳо ва 7 кӯпрук мавҷуд аст. Корхона гарчанде ба фаъолияти роҳдорӣ машғул бошад ҳам, вале механизм ва таҷҳизотҳои лозима хело ҳам нокифоя мебошад. Корҳои таъмиру барқароркуниро тавассути нақлиёт ва механизмҳои кироя амалӣ карда мешавад. Биноан ин дар солҳои охир аз сабаби набудани сармоя дар аксарияти роҳҳо таъмири капиталӣ гузаронида нашудааст. Дар натиҷаи истифодабарии зиёд фарши роҳҳо хеле фарсуда шудааст, ки онҳоро бо гузаронидани таъмири ҷорӣ аз нав барқарор намудан ғайриимкон аст.

Ҳамасола дар буҷаи маҳал барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳо маблағи муайян пешбинӣ мешавад ва дар баробари он аз қисми даромади барзиёд низ барои таъмири роҳҳо (то 40-45 фоизи даромади барзиёд) равона карда мешавад, ки он хело ҳам нокифоя мебошад. Соли 2015 баҳри азнавсозии роҳу роҳравҳо инчунин, таъмири ҷорӣ зиёда аз 10,6 млн. маблағ сарф гардида, 9 км роҳҳо асфалтпӯш, 21,5 км таъмири ҷорӣ ва 17,6 ҳазор м2 роҳравҳо сафолакпӯш карда шуда, 950 метр новаҳои обпарто (лоток) дар канори роҳҳо хобонида шуд, ки маблағгузори ба ин соҳа нисбати соли 2014 мутаносибан 5,6 млн. зиёд мебошад. Дар тули солҳои 2010-2015 таъмир ва азнавсозии роҳҳо фақат аз ҳисоби буҷети маҳал ба анҷом расонида шуда, аз ҳисоби соҳибкорон ва сокинони маҳаллаҳо 4,5 км асфалтпӯш карда шудааст.

Новобаста ба он сол то сол зиёдшавии воситаҳои нақлиёт назаррас буда, аксар вақт садамаҳои нохуши нақлиётӣ бо сабабҳои валангор ва кам будани паҳноии роҳҳо рух дода, тамбашавӣ низ мушоҳида карда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар Барномаи мазкур азнавсозии якчанд кӯпрукҳо ва васеъкунии роҳҳо дар кӯчаҳои марказӣ, қисман таъмири куллии роҳҳои мошингард ва роҳравҳо, барқарор ва иваз намудани новаҳои обпарто, сохтани истгоҳҳои канори роҳҳо барои мусофирон, иваз намудани чароғакҳои роҳнамо ва барқароркунии қитъаҳои кабудизоркунии канори роҳҳо пешбинӣ шуда, барои иҷрои он ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба инобат гирифта шудааст.

Дар маҷмӯъ дар давоми солҳои 2016-2020 асфалтпӯшкунии роҳҳои мошингард ба масофаи 35 км ба нақша гирифта шуда, маблағи умумии хароҷоти он бо нархҳои соли 2015 тахминан 35 млн. сомониро ташкил медиҳад. Инчунин сафолакпӯшкунии роҳравҳо дар масоҳати 65,0 ҳазор м2 дар назар дошта шудааст, ки маблағи хароҷоти он бо нархҳои охири соли 2015 тахминан 5,5 млн. сомониро ташкил медиҳад. Инчунин сохтмони боз 15 км роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта пешбинӣ гардида, ба

инвеститсия ва сармоягузорӣ ниёз дорад, ки маблағи пешбинӣ гардидаи он (бо нархҳои нимсолаи аввали соли 2015) 90,0 млн. сомониро дар бар мегирад.

Соҳаи нақлиёти автомобилӣ дар пешрафти иқтисодиёт аҳамияти хоса дошта соли 2015 ҳаҷми боркашонӣ 1 млн. 466 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки мутаносибан ба соли 2014 11,7 фоиз афзоиш ёфтааст. Мусофиркашони бошад 3 млн. 943,9 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбати соли 2014 36,2 фоиз афзоиш ёфт. Сол то сол зиёд шудани воситаҳои нақлиёти автомобилӣ мушоҳида гардида, аксари он бо кашонидани мусофирон машғул мебошанд. Дар шаҳр 54 хатсайр ба қайд гирифта шуда, 18 хатсайр дохилишаҳрӣ буда 35 хатсайри дигар маркази шаҳрро бо дигар шаҳру ноҳияҳо пайваст менамояд. Оиди танзими нақлиёт 5 адад истгоҳҳои нақлиётӣ фаъолият намуда, хатсайрҳо ба он истгоҳҳо вобаста шудаанд. Вобаста ба танзими воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар шаҳр аз тарафи маъмурияти ҶДММ «Ҳоҷӣ Шариф» сохтмони терминали байналмилалӣ дар масоҳати 10,2 га ба нақша гирифта шудааст, ки маблағи сохтмони лоиҳавии он 240 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, дар давоми 5 соли оянда 120 млн. сомонӣ азхуд карда мешавад. Соли 2015 аз тарафи соҳибкори ватанӣ баҳри беҳтар гардидани сифати хизматрасонӣ ва танзим дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ 40 адад микроавтобусҳои хориҷии тамғаи «Мерседес» бо ғунҷоиши аз 12 то 17 нафар мусофир ба шаҳр ворид намуда, ба хатсайрҳои дохили шаҳр вобаста карда шудаанд. Чунин иқдом идома хоҳад ёфт.

Мушкилиҳо асосии соҳа.

- фарсуда гаштани фарши қисми асосии аксарияти роҳҳои мошингард;
- корношоям шудани воситаҳои техникии Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои шаҳри Қӯрғонтеппа;
- набудани техникаи ҳозирзамон дар рафти таъмиру барқарорсозии роҳҳои дохили шаҳр.
- нокифоя будани маблағгузории буҷети шаҳр дар рафти азнавсозӣ ва нигоҳдории роҳҳо.

4.4. Барқтаъминкунӣ. Шабакаи барқии шаҳри Қӯрғонтеппа соли 1940 ташкил гардида, он дар соли 1970 аз тобеияти ҶСК «Шабакаҳои барқи Ҷануб» ҷудо гардид ва аз соли 1997 инҷониб ба Шабакаи барқии шаҳри Қӯрғонтеппа табдил дода шуд. Шумораи кормандони он то 1.01.2016 216 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 55 нафар кормандони муҳандисӣ ва 104 нафар техникӣ мебошанд. Корхона барои шаҳри Қӯрғонтеппа ва қисман маҳаллаҳои ноҳияи Бохтар хизмат мерасонанд.

Шаҳри Қӯрғонтеппа тавассути хатҳои барқии 6-10 кВ аз зеристгоҳҳои баландшиддати барқии 220/110/10 кВ «Приядильная», 110/35/10 кВ «Ломоносов», 110/35/6 кВт «Қӯрғонтеппа» ва зеристгоҳи 110/35/10 кВ-и «Истиқлол», ки дар тавозуни «Шабакаҳои барқии Ҷанубӣ» қарор доранд, бо барқ таъмин карда мешавад. Шабакаҳои барқи шаҳр дар тавозуни худ 219 адад зеристгоҳи трансформатории қуввагӣ ва зеристгоҳи трансформатори комплектии 10-6/0 кВ нигоҳ медорад.

Дарозии умумии хатҳои барқӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа 466,5 км-ро ташкил медиҳад, ки аз ин: хатҳои ҳавоӣ 6-10 кВ – 193,8 км, 0,4 кВ-122,7 км, хатҳои барқии кабелӣ 6-10 кВ-100,4 км ва 0,4 кВ -49,6 км мебошад.

Яке аз мушкилиҳое, ки дар ин самт ба назар мерасад, куҳнаю фарсуда гардидани хатҳои барқии ҳавоӣ ва симчӯбҳои хатҳои интиқолии барқии 0,4-6-10 кВ ба шумор меравад. Сохтмони он ба солҳои 60-уми асри гузашта рост омада, дар ин муддат корҳои азнавсозӣ ва барқароркунӣ ба миқдори хело кам гузаронида шудааст, ки ин мушкилоти иловагиро дар фасли зимистон пеш меоварад.

Ин мушкилотро дар маҳаллаҳои Саричашма, У. Хайём, ва Ваҳдат1,2 ва 3, шаҳраки Хатлон, Зархез, Зарбдор ва Гулистон мушоҳида намудан мумкин аст. Бо назардошти ин масъалаи иваз намудани пояҳои чӯбин ба пояҳои оҳану бетонӣ, инчунин иваз намудани трансформаторҳои 10-6-0,4 кВ-и дар ҳолати серборӣ қарор дошта, ба трансформаторҳои тавоноияшон баланд ба миён омадааст. Барои беҳтар намудани вазъи барқтаъминкунӣ ва инчунин кам намудани талафотҳои технологии шабакаҳои барқӣ, зарурияти иваз намудани ХИБ-10-6 кВ бо дарозии 48 км (530 –адад пояҳои

чубини фарсуда), ХИБ-0,4 кВ бо дарозии 40 км (1100-адад пояҳои чӯбини фарсуда), трансформаторҳои 0,4-6-10 кВт (35 адад) ба миён омадааст.

Ҳаҷми интиқоли нерӯи барқ дар соли 2015, 186,4 млн. кВт/соатро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 41,8 млн. кВт/соат зиёд мебошад, ки он ба афзоиши аҳолӣ, бунёди коргоҳ ва корхонаҳои саноатӣ, инчунин ба зиёд гардидани нуқтаҳои хизматрасонию савдо талаботи он алоқаманд аст. Яке аз мушкилиҳои марказие, ки айни замон мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст, ин сол то сол зиёд гардидани қарзи истифодабарандагон мебошад. Қарздории асосӣ ба аҳолӣ рост меояд, ки ҳаҷми он дар охири соли 2015, 19,7 млн. сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 5,5 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Сабабҳои асосии қарздории аҳолӣ ин сол то сол баланд гардидани арзиши нерӯи барқ, паст будани музди меҳнат ва паст будани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ мебошад. Мушкилии дигари соҳа ин баланд будани ҳаҷми талафоти нерӯи барқ мебошад. Ба ин нишондод, аз як тараф, куҳнаю фарсуда шудани ноқилҳои барқӣ ва аз тарафи дигар фарсудашавии трансформаторҳо таъсири манфӣ расонидааст.

Бинобар кам ва номунтазам интиқол шудани гази табиӣ ба шаҳри Қӯрғонтеппа, дар фасли зимистон сокинон гарм намудани хонаҳоро аз қувваи барқ истифода мебаранд, ки ин ҳолат боиси серборишӣ ва аз кор баромадани трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимоти барқ оварда мерасонад. Ин ҳолатро махсусан дар фасли сармо мушоҳида намудан мумкин аст. Илова бар ин, ҳамаи хонаҳои баландошёна аз сабаби кор накардани низоми гармдиҳӣ ба таҷҳизотҳои гармдиҳии барқӣ гузаштаанд, ки зарурати иваз намудани трансформаторҳои мавҷударо ба трансформаторҳои тавоноияш нисбатан калонтар ба миён овардааст.

Ҳамасола барои нигоҳдорӣ ва таъмири хатҳои ҳавоию кабелӣ, симчӯбҳо, оиқҳо зеристгоҳҳои трансформаторӣ иваз намудани равғани трансформаторӣ ва дигар таҷҳизотҳо аз 1,2 млн. то 1,5 млн. аз тарафи Ширкати саҳомии холдингии “Барқи Тоҷик” ҷудо мегардад. Барои мунтазам иваз намудани таҷҳизотҳои барқӣ ва таъмири кулии он дар Барномаи мазкур ҷудо намудани маблағи солона то 1,6 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Мушкилиҳои мавҷудаи соҳа.

- куҳнаю фарсуда гардидани хатҳои барқии кабелӣ ва ҳавоӣ;
- мунтазам аз кор баромадани трансформаторҳо;
- корношоям будани симчӯбҳои хатҳои интиқоли барқ;
- сол то сол зиёд гардидани қарздории аҳолӣ дар назди корхона;
- баланд будани талафоти нерӯи барқ;
- норасогии ҳисобкунакҳои электронӣ.

4.5. Газтаъминкунӣ. КФБ «Қӯрғонтеппагаз» соли 1963 барои таъмин намудани аҳолӣ, ташкилоту корхонаҳои шаҳр ва минтақаи Қӯрғонтеппа бо газ созмон дода шудааст. Айни ҳол корхонаи мазкур танҳо ба аҳолии шаҳр ва қисман ба корхонаҳои хурди истеҳсоли хизматрасониро пешниҳод менамояд. Шумораи умумии кормандон 30 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 9 нафарашон дорои маълумоти олӣ, 10 нафар дорои маълумоти касбии техникӣ ва 11 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд. Ҳамзамон дар корхона шуъбаҳои кор бо мизоҷон, ёрии таъҷилӣ, таъмири хату дастгоҳҳои газӣ ва хизматрасонии мизоҷон ба таҷҳизотҳои газӣ фаъолият менамояд.

Иқтидори солонаи қабули гази табиӣ бо назардошти талаботи аҳолӣ ва ташкилоту корхонахои саноатии шаҳр 12,5 млн. м3 ро ташкил медиҳад.

Дар тавозуни корхона 136,2 км қубурҳои гази фишорашон баланд, миёна ва паст, бинои маъмурию истеҳсолӣ, 14-адад воситаҳои нақлиётӣ хизматрасониву-техникӣ, 49-адад дастгоҳҳои танзимкунандаи газ (ГРП, ШРП) ва ғайра мавҷуд мебошад.

Корхона ба 13457 оила ва 70 ташкилоту корхонахои саноатӣ, маишӣ, буҷавӣ ва хусусӣ хизмат мерасонад.

Бо сабаби дар солҳои охир кам шудани ҳаҷми истеҳсол ва интиқоли гази табиӣ аз конҳои гази «Сурх-Симо» ноҳияи Ҷ. Балхӣ, ки ҳамагӣ 3,0-3,2 ҳазор. м3-ро дар як

шабонарӯз ташкил медиҳад, ки бо ин сабаб шумораи мизоҷон кам гардида, мушкилоти соҳаро боз ҳам дучанд мегардонад.

Соли 2015 аз кони гази «Сурх-Симо» н. Ҷ. Балхӣ дар ҳаҷми 3,2 млн. м3 газ қабул карда шудааст, ки ин нисбат ба соли 2011 ба 2,2 млн. м3 кам мебошад. Мушкилоти асосии соҳа пеш аз ҳама каму номунтазам ва бо сифати паст интиқол шудани газ ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷа вазъияти молиявӣ ва иқтисодии корхона мураккаб гардида, онро ба ҳолати муфлисшавӣ оварда расонида истодааст.

Низоми газтаъминкунии шаҳр аз солҳои 1970 инҷониб амал намуда истодааст, ки он дар асоси кони «Сурх-Симо»-и н. Ҷ. Балхӣ таъсис дода шуда, айни замон дар бисёр ҷойҳо қубурҳои газтаъмикунӣ куҳнаю фарсуда гардида, ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

Сокинони шаҳри Қӯрғонтеппа ба истихроҷи гази табиии маҳаллӣ боварии комил доранд. Аз ин лиҳоз баҳри пурра таъмин намудани аҳолӣ ва соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр дар Барнома дар давоми 5 соли оянда иваз намудани қубурҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ, дастгоҳҳои фишортанзимкунӣ (ГРП ва ШРП), маҳкамкунакҳои (ғалакҳо) гази даруни чоҳҳо ва берунӣ, инчунин харидорӣ намудани ҳисобкунакҳои газӣ эҳтиёҷ дорад.

Мувофиқи лоиҳаи пешниҳоднамудаи Корхонаи фаръи давлатии «Қӯрғонтеппагаз» иваз намудани қубурҳои газгузари фишори миёна ва пасти зеризаминӣ зарурат пайдо намудааст, ки дар давоми 5 соли оянда қубурҳои гуногунҳаҷм ба дарозии 5000 метр бояд иваз карда шавад ва маблағи умумии он (бо нархҳои нимсолаи соли 2016) 2,4 млн. сомониро ташкил медиҳад. Инчунин баҳри беҳтару хубтар намудани сатҳи таъмини гази табии ба шаҳр ва афзун намудани шумораи муштариён сохтмони нави хати қубурҳои газгузари фишори миёна ва фишори пасти зеризаминию рӯизаминӣ пешбинӣ гардида, маблағи умумии он (бо нархҳои авали соли 2016) 3,2 млн. сомониро дарбар мегирад.

Роҷеъ ба ин масъала таъмиру барқарор намудани дастгоҳҳои фишортанзимкунӣ (ГРП ва ШРП) зарур буда, дар давоми 5 соли оянда таъмири 4 адад дастгоҳи фишортанзимкунии ГРП ва 6 ададдастгоҳи фишортанзимкунии ШРП дар назар аст, ки маблағи пешбинигардида тахминан 2,5 млн. сомониро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ баҳри расидан ба ин ҳадаф 8 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Вобаста ба иҷроиши корҳои газтаъминкунӣ ки он дар солҳои 2016-2020 ба нақша гирифта шудааст маблағи 8 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки маблағгузории он (бо назардошти техника ва таҷҳизоту автомашинаҳои махсуси соҳавӣ) ба Вазорати хоҷагии об ва энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиёҷ дорад.

Мушкилоти асосии соҳа.

- куҳнаю фарсуда шудани қубурҳои магистралии газӣ;
- надоштани ҳисобкунакҳои гази инфиродӣ ва гурӯҳӣ;
- кам ва номунтазам интиқол шудани гази табиӣ;
- зиёд будани қарзи муштариён дар назди корхона;
- норасогии маблағгузорӣ ба азнавбарқароркунии хатҳои магистралӣ ва базаи техникӣ.

4.6. Алоқа ва фазои иттилоотӣ. Филиали ҶСК «Точиктелеком»-и шаҳри Қӯрғонтеппа яке аз корхонаҳои пешқадами алоқаи шаҳр ба ҳисоб меравад. Дар он 95 нафар кормандон ва муҳандисони соҳаи алоқа фаъолият мекунанд. Дар муассиса ду истгоҳи нави рақами телефонии дорои 13116 рақама, ду истгоҳи рақамии телефонии дорои 960 рақама ва 18 нуқтаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ ба аҳолии шаҳр хизмат мерасонад.

Айни замон, дар шаҳр 4 адад истгоҳи телефонӣ, бо гунҷоиши 14076 адад истгоҳои телефонӣ ва 10300 адад нуқтаҳои телефонӣ мавҷуд мебошанд.

Ҳамзамон сокинои шаҳр аз шабакаҳои мобилии «Вавилон», «Вавилон-Т», «Тисел», «Билайн», «МЛТ» ва «М-теко» истифода мебаранд.

Дар ҳудуди шаҳр 6 барномаи телевизионӣ Шабакаи якум, ТВ-Сафина, Ҷаҳоннамо, ТВ-Баҳористон, ТВ-Хатлон, ТВ-Қӯрғонтеппа, барномаи радиои

Тоҷикистон ва барномаи радиои мавҷи «Озод» пахш карда мешавад. Телевизиони Қӯрғонтеппа аз соли 1992 фаъолият намуда, пахши барномҳои он аксарияти аҳолии шаҳр ва минтақаҳои атрофро фаро гирифтааст. Шумораи умумии кормандони муассисаи мазкур 8 нафарро ташкил медиҳад. Мушкилоти мавҷудаи телевизиони Қӯрғонтеппа пеш аз ҳама нарасидани таҷҳизоти техникии замонавии рақамӣ ба ҳисоб меравад. Қайд кардан зарур аст, ки дар соли 2007 дар мавриди ба истифода додани бинои муассисаи мазкур бояд он бо таҷҳизоти техникии замонавии рақамӣ насб мегардид. Мутаассифона, ин масъала то ҳозир ҳалли худро наёфтааст.

Дар шаҳр рӯзномаи «Набзи Қӯрғонтеппа» (бо теъдоди солонаи 3 ҳазор нусха), мунтазам нашр карда мешавад.

Тибқи ҷараёни иҷрои дастуру супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Ҷиҳати бо таҷҳизоту технологияи ҳозиразамони чопӣ таъмин намудани матбааҳои маҳаллӣ дар мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо» тахти назорати доимӣ қарор дорад.

Дар шаҳр сохтмони Кохи фарҳангӣ ва хонаи адибон оғоз гардида, дар он ҷойгир намудани матбааи маҳаллӣ дар назар аст. Тибқи маълумотҳои аз Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасгардида барои харидорӣ намудани таҷҳизоту технологияи ҳозиразамони чопӣ маблағи 8 млн. сомонӣ лозим мебошад ва маблағгузории чунин таҷҳизотҳо аз ҳисоби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар аст.

Мушкилиҳои асосии соҳа.

- набудани таҷҳизоти замонавӣ ва технологияҳои чопӣ ҷиҳати пешниҳоди хизматрасониҳои телефонӣ ва чопӣ дар сатҳи шаҳр.
- ба талаботи муосир ҷавобгуй набудани хизматрасонии телевизионӣ.

## БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

5.1. Ҳифзи муҳити зист. Оиди масъалаи мазкур Шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Қӯрғонтеппа фаъолият менамояд, ки дар он 5 нафар корманд кору фаъолият менамоянд. Вазифаи асосии шуъба ҳифзу назорати истифодаи дурусти захираҳои табиӣ (об, замин, ҳаво, партовҳо ва дигар захираҳо) мебошад.

Масъалаҳои ҳалталаби соҳа, ки аз онҳо сатҳи некуаҳволӣ (камбизоатӣ)-и аҳолӣ вобаста аст, хеле зиёданд, аз ҷумла: ифлосшавии ҳавои атмосферии шаҳр, дастраси надоштани қисми ками аҳолӣ ба манбаҳои оби нӯшокии тоза ва ба пуррагӣ мавҷуд набудани шабакаи муосири обу ташноб, ифлосшавии муҳити зист бо партовҳои хатарнок ва сахти маишӣ, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон, сатҳи пасти маърифатноки экологии аҳолӣ.

Манбаҳои ифлосшавии ҳавои атмосферии шаҳр аз рӯи ҳаҷми партовҳои моддаҳои зарарнок, асосан нақлиёти автомобилӣ, истифодаи сӯзишвории сахт аз тарафи аҳолӣ ва дар иншоотҳои саноатӣ ба ҳисоб мераванд.

Қисми асосии партови моддаҳои зарарноки ҳавои атмосферии шаҳр аз ҳисоби 4680 адад нақлиёти автомобилӣ ихроҷ мегардад. Дар баробари он воситаҳои нақлиёте, ки аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шаҳри Қӯрғонтеппа мусофир мекашонанд, дар як шабонарӯзӣ зиёда аз 2500 ададро ташкил медиҳанд. Ҳиссаи сӯзонидани сӯзишвории сахту моеъ аз ҷониби аҳолӣ (қисман нонвойхонаҳо зиёда аз 47 адад), дар ҳаҷми уммии партовҳо ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Солҳои охир истифодаи умумии ангишт, ҳезум ва гази моеъ барои гармкунии ҳуҷраҳо ва омода намудани хӯрок афзоиш ёфт (тақрибан дар давоми сол 5600 тонна ангишт, гази моеъ 3500 ҳазор тонна). Аз ин рӯ, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии партовҳои ба атмосфера ихроҷшаванда тамоюл ба афзоиш дорад.

Ҷадвал. Миқдори партовҳои моддаҳои зараровар ба ҳавои атмосферӣ

| **Номгӯи моддаҳои зараровар** | **2012** | **2013** | **2014** | 2015 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ тн/дар як сол | 132,061 | 111,64 | 108,381 | 107,201 |
| аз ин, партовҳои сахт | 127,77 | 108,17 | 105,34 | 103,22 |
| Газмонанд ва моеъ | 3,20 | 2,83 | 2,31 | 2,11 |
| Оксиди карбон | 0,27 | 0,22 | 0,21 | 20 |
| Оксиди азот | 0,80 | 0,44 | 0,53 | 0,56 |

Яке аз мушкилотҳои ташвишовари соҳа таъмини аҳолӣ, махсусан аҳолие ки соли 2013 ба шаҳри Қӯрғонтеппа аз ноҳияҳои Бохтару Вахш ворид гаштаанд ба манбаъҳои обӣ аз нуқтаи назари экологӣ, тоза маҳсуб меёбад. Дар шаҳр танҳо 61 фоизи аҳолӣ ба манбаъҳои оби нушокии тоза дастраси доранду халос, боқимонда аз ин манбаи бебаҳо истифода бурда наметавонанд. Қисми зиёди аҳолии шаҳр ба сифати оби нӯшокӣ аз сарчашмаҳои обтаъминкунии обҳои рӯизаминӣ ва дарёчаҳо истифода мебаранд.

Солҳои охир дар шаҳр афзоиши ҳаҷми корҳои сохтмонӣ ба мушоҳида мерасад. Мушкилоти асосии экологие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин нокифоя будани иқтидори хати обу ташноб мебошад. Бинобар ин ҳамеша хавфи аз партовҳо ифлос гардидани обҳои зеризаминӣ ва оби дарёи Вахш таҳдид мекунад, ки ин диққати ҷиддиро ба худ талаб менамояд. Дар фасли тобистон аз ин ҳисоб эҳтимолияти сар задани касалиҳои сироятӣ зиёд мегардад. Дар натиҷаи ин ҳамаи партовҳои маркази шаҳр ба ду заҳкаше, ки аз марказ мегузарад, партофта мешаванд.

Дар навбати худ заҳкашҳои номбурда дар ҳолати бад қарор дошта, ба талаботи қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва экологӣ ҷавобгуй нестанд.

Манбаи дигар ташаккули партовҳои хавфнок лампаҳои каммасрафи симобдори корношоямшуда мебошад. Дар шаҳр 2 адад нуқтаҳои қабули чунин лампаҳо фаъолият менамояд ва дар ин нуқтаҳо то аввали соли 2016-ум 13175 адад лампаҳо ҷамъ карда шудаанд. Бо назардошти талаботи аҳолии шаҳр ба чунин лампаҳо, метавон гуфт, ки қисми асосии ин лампаҳо ба партовгоҳ партофта мешаванд ва ба муҳити зист паҳн шуда, онро бо симоб олуда месозад. Масъалаи ҷамъоварии минбаъдаи лампаҳои симобдори корношоямшуда танҳо дар ҳолати ҳалли фаврии бунёди корхонаи коркарди он ба танзим дароварда мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки лоиҳа оид ба идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Қӯрғонтеппа, байни КФД «Хоҷагии коммуналӣ»-и шаҳр, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ба имзо расида, мавриди амал қарор дорад. Дар лоиҳаи мазкур таъмири нуқтаҳои партовҷамъкунӣ, таъмини қуттиҳои партовҷамъкунӣ, мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии корхона, партовгоҳи марказӣ ва дар марҳилаи чоруми он сохтмон ва насб намудани таҷҳизоти безараргардонии лампаҳои каммасраф дар назар дошта шудааст, ки маблағи умумии лоиҳа 4,9 млн доллари ИМА-ро ташкил намуда 2,9 млн доллари он ба тариқи грантӣ мебошад. Бо мақсади пешгирии хатари партовҳои хавфноки лампаҳои каммасрафи симобдор, насб намудани таҷҳизоти безараргардонии лампаҳои каммасраф тамғаи «Экотром-2у» дар партовгоҳи марказии хоҷагии коммуналӣ дар назар дошта шудааст. Таҷҳизот истеҳсоли Русия буда, иқтидори безараргардонии он 900 адад лампа дар як соат мебошад ва маблағи он 110 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Сохтмони бинои он аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ (90 ҳазор сомонӣ) ва насби таҷҳизот аз ҳисоби лоиҳаи инвеститсионӣ дар солҳои 2017-2018 ба инобат гирифта шудааст.

5.2. Чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқуллода.

Таи солҳои 2013-2015 дар шаҳри Қӯрғонтеппа 1 адад ҳолати фавқулоддаи табии ба қайд гирифта шудааст. Дар давоми се соли охир хисороти аз офатҳои табиӣ

ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ расида 262080 сомониро ташкил дод, ки ин ба 0,2 фоизи буҷети се солаи маҳаллӣ баробар аст.

Яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди шаҳр дар солҳои минбаъда ин дар ҳолати омодагӣ қарор доштан ва пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ ва техногенӣ мебошад, зеро ки 3 маҳаллаи аҳолинишини шаҳр дар мавзеъҳои хатарнок ҷойгир буда, шумораи аҳолиашон 6213 нафарро ташкил мекунад, ки ин ба 6 % аҳолии шаҳр баробар аст.

Ҳолатҳои фавқулоддае, ки ҳамасола ба аҳолии шаҳр таҳдид мекунад ин садамаҳои нақлиётӣ, жола, хунукиҳои сахт, ҳолатҳои ғарқшавӣ ва боронҳои шадид мебошанд.

Дар соли 2015-ум барои паст кардани сатҳӣ обҳои зеризамини ва пешгирӣ намудани ҳолати фавқулоддаи табиӣ заҳбуру заҳкашҳои гирду атрофии шаҳр ба андозаи 35 км бо ҳарҷи 975 ҳазор сомонии маблағи буҷети шаҳр тоза карда шудааст.

Нишондодҳои баҳодиҳии хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда таи солҳои охир асосан ба соли 2012 ва 2013 рост меояд. Хисороти зиёд ба хоҷагии манзилию коммуналӣ ва савдо рост меояд, ки зарари он бештар аз ҳисоби боронҳои пай дар пай ва сӯхтор ба вуҷуд омодааст.

Дар давраи нишондодашуда хисороти аз ҳама бештар ба соҳаи савдо расидааст, ки он маблағи 1167208 сомониро ташкил мекунад. (Сӯхтор дар бозори «Фаровон Қӯрғонтеппа»).

Ҷадвал. Хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда

| Иншоотҳои зарардида | Хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда аз рӯи фаъолият дар соли 2013-2015 |
|---|---|
| Хонаҳои истиқомати | 5 адад |
| Савдо (бозори «Фаровон Қӯрғонтеппа») | 1 адад |

Хатари дигаре, ки ба аҳолии шаҳр таҳдид мекунад ин ғарқшавии одамон ҳангоми оббозӣ дар ҷӯйборҳои шаҳр мебошад. Сабабаш набудани ҳавзҳои шиноварӣ барои оббозии омавӣ.

Бо мақсади таъмини иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, № 833 “Дар бораи сохтор ва тартиби фаъолияти Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқуллода” Қарори раиси шаҳр аз 17 феврали соли 2015, № 77 қабул гардида мувофиқи замимаи он 18 зернизомҳои вазифавии сатҳи шаҳрӣ ташкил карда шудааст.

Барои кам кардани хавфи ҳолатҳои фавқулодда бояд ба сифати ҷанбаи комплексии байнисоҳавии ҳамаи соҳаҳои инфрасохтори дарбаргиранда баррасӣ карда шавад, зеро дар ҳолати ба вуҷуд омадани офат ҳамаи бахшҳо зарар мебинанд. Дар робита ба ин, мақсади асосии ҳамгироии тадбирҳо оид ба паст кардани хавфнокии офатҳои табиӣ дар нақшаи рушди шаҳри Қӯрғонтеппа тавассути татбиқи нақшаҳои омодабошӣ ба офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодда, ҷудо намудани маблағҳои муайян аз буҷет, ки барои рушд равон мешавад, ба ҳисоб гирифта мешавад. Бо чунин мақсад дар суратҳисоби хадамоти ҳолатҳои фавқуллодаи шаҳр 70 ҳазор сомонӣ мавҷуд буда, дар давоми солҳои 2016-2020 он маблағ ба 100 ҳазор сомонӣ расонида мешавад.

Айни замон дар шаҳри Қӯрғонтеппа 11 адад хадамоте мавҷуд аст, ки онҳо бевосита ба огоҳсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд.

Дар поён рӯйхати муассисаҳои мазкур бо нишондодани нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷоти онҳо оварда шудааст.

| Хадамоти огоҳисозӣ ва алоқа (ҶСК «Тоҷиктелеком») |
|---|

| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| --- | --- | --- |
| Маркази огоҳкунанда ва алоқа - 1 адад<br>Асбобҳои бонги баланд – 1 адад<br>Муҳаррик (генератор) - 12 адад Мошинаи боркашӣ -2 адад<br>Маводи сӯхт ва молиданӣ - 4,5 тонна<br>Симчӯбҳо-500 адад | Сӯзишвории дизелӣ – 400 л<br>Равғани дизелӣ – 100л. | Муҳаррик (генератор) - 1 адад<br>Ноқил -22,5 км |
| Хадамоти таъмини тартибот (ШКД) | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ-37 нафар<br>Автомашинаи сӯхторхомушкунӣ 3 адад<br>Автомашинаи зинадор 1 адад<br>Автомашинаи фаврии хизматӣ 1 адад | Рӯдаи оташнишонии диаметраш 125 12-адад -45 метр,<br>Рӯдаи оташнишонии диаметраш 77-340метр,<br>Рудаи оташнишонии диаметраш 66-360 метр,<br>Маҳлули кимиёвии кафккунанда 5000 литр,<br>Асбоби фишурдаи ҳаводиҳӣ АСБ-220 адад | Автомашинаи сӯхторхомӯшкунии намуди асосӣ –2 адад.<br>Либоси муҳорибавӣ 15 адад<br>Автомашинаи борбардор 1 адад |
| Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ 13 нафар, Автогрейдер 1 адад, мошини боркаш 1 адад, | Сӯзишворӣ 400 литр, равғани молиданӣ 60 литр | Автомашинаи боркаш – 2 адад, МСМ (ГСМ) -2 тонна |
| Хадамоти коммуналӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Кормандон 134 нафар,<br>Автомашинаи ГАЗ-53 -3 адад,<br>Трактор Т-МТЗ -80- 3 адад,<br>Автомашинаи КАМАЗ-2 адад,<br>Бригадаи зудамал -25 нафар<br>Гуруҳи наҷотдиҳандагон 23 нафар<br>Гуруҳи омодабоши корҳои техникӣ -16 нафар | Вуҷуд надорад | МСМ (ГСМ) – 5 тонна<br>Автомашинаи АСН – 2 адад,<br>Автомашинаи партовбарорӣ – 2 адад,<br>Трактори тамғаи МТЗ 80 - 3 адад |
| Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ – 28 нафар<br>Автомашинаи сабукрав – 2 | Гипохлорид 250кг<br>Хлор – 550кг | Гиперхлорид – 160 кг.<br>Дез. камераи сайёҳр – 3 адад . |

| | | |
|---|---|---|
| адад<br>Озмоишгоҳи паразитологӣ ва бактерологӣ – 1 адад<br>Яхдон - 10 дона | | Дистиллятор – 3 адад<br>Либосҳои махсус – 25 ҷуфт |
| Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Маълумот пешниҳод нашудааст | | |
| Хадамоти энергетикӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ – 174 нафар<br>Автомашинаи ГАЗ-53- 1 адад,<br>Автомашинаи УАЗ-452 -1адад,<br>Трактор Т-40 – 1 адад<br>Зеристгоҳи 35/10кв - 3 адад<br>Зеристгоҳи 35/0,4 кв-90 адад,<br>Хатти интиқоли барқ,<br>10 кВ – 430 км<br>0,4 кВ – 299,1- 15 км,<br>Миёнбанди эҳтиётӣ, чангакҳо – 22 ҷуфт,<br>Сӯзишворӣ – 2 тонна,<br>Равғани техникӣ – 500 литр | Сими алюминӣ намуди, А-50-500 кг<br>А – 35 – 300 кг<br>А – 70 – 450 кг<br>Изолятори ШФ -10кв -150 адад<br>Изолятори ТФ-20<br>250 адад<br>Изолятори<br>ИПТ-160-0,4. 12адад<br>Муҳофизаткунандаи ПН- 400А-35 дона<br>Изолятори ИП – 10 кв 60 дона | Симчӯбҳо – 700 дона,<br>Сӯзишворӣ – 5 тонна,<br>Равғани техникӣ – 1000 л,<br>Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД-10 – 25 адад,<br>Миёнбанди эҳтиётӣ, (кокти) – 30 ҷуфт,<br>Ноқили барқии А – 50 – 2 тонна,<br>Трансформаторҳо -160кв -2 адад,<br>Трансформаторҳо-250кв – 6 адад,<br>Ноқили АПВ-35-50-70 3000 метр,<br>Фулузоти варақагӣ (Катенка) 150 кг,<br>Гӯшаи оҳанӣ (Уголок) -63-63 1400 кг,<br>Электрод - 200 кг, |
| Хадамоти тиббӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Мошини ёрии таъҷилӣ - 5 адад | Сӯзандору-азҷумла 2,0 гр -100 адад, 5,0 гр - 100 адад, 10,0 гр- 100 адад, 20 гр -100 адад, Бинт 200 баста, пахта - 200баста, маҳлули спиртӣ -50 флакон | Маводҳои зарурати аввалияи тиббӣ ҳангоми рух додани ҲФ<br>Муҳаррик (генератор) - 2 адад,<br>Дефлиблирятор- 2 адад,<br>Дастгоҳи ИВЛ-ро 6- 1адад |

## БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

### 6.1. Нерӯи ташкилӣ ва зеҳнии шаҳр

Идоракунии давлатии шаҳр аз ҷониби мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал амалӣ мегардад.

Мақомоти намояндагии маҳаллӣ Маҷлиси вакилони халқи шаҳр аз 39 нафар (8 нафар зан) иборат мебошад. Илова бар ин, 4 нафари дигар аъзои Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон аз ҳудуди шаҳр ба ҳисоб меравand. Ҷаласаҳои Маҷлис ҳар 3 моҳ гузаронида мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ Маҷлиси вакилони халқи шаҳр метавонад ҷаласаҳои ғайринавбатӣ баргузор намояд. Дар ин ҷаласаҳо намояндагон буҷети маҳаллиро тасдиқ намуда, дар бораи иҷроиши онҳо ҳисоботро мешунаванд, меъёрҳои андоз ва буҷети маҳаллиро муайян ва дар ҳолати зарурӣ тағйироту иловаҳо

ворид намуда, Барномаҳои рушдро тасдиқ менамоянд ва ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати шаҳрро гӯш мекунанд.

Аз ҷониби Маҷлис 6 комиссияи доимӣ дар зеромада ташкил шудаву фаъолият мебаранд:

- оид ба масъалаҳои, буҷет, савдо ва нарх, хизмати маишӣ, меҳнат ва сиёсати иҷтимоӣ;
- оид ба масъалаҳои тараққиёти саноат, эргетика, сохтмону меъморӣ, нақлиёт, алоқа, ва хоҷагии роҳ;
- оид ба масъалаҳои аграрӣ, озуқа,ислоҳоти замин, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ;
- оид бамасъалаҳои илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, муҳофизати оила ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, кор бо ҷавонон, варзиш васаёҳат;
- оид ба қонуният, тартиботи ҳукуқӣ, мубориза бо корупсия ва зидди маводи нашъаовар;
- оид ба одоби вакилон.

Тибқи лимити муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Қӯрғонтеппа 52 воҳиди кории хизматчии давлатӣ, аз ҷумла 24 воҳиди корӣ дар сохтори Дастгоҳи раиси шаҳр ва 28 воҳиди корӣ дар сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амал мекунад.

Дар маҷмӯъ, шумораи умумии таҷҳизотҳои техникӣ 52 адад компютер, 1 адад ноотбук, 52 адад принтер, 18 адад нусхаафзо, 2 адад факс, 16 адад аккумуляторҳои барқӣ барои компютерҳо ва 18 адад сканерро дарбар мегирад. Аз 52 адад компютерҳои мавҷуда 31 ададаш ба почтаи электронӣ пайваст буда, маҷмӯи таҷҳизоти интернетии Wi-Fi васл карда шудааст. Ҳамаи хизматчиёни давлатӣ бо барномаи Word, 35 нафар бо барномаи Excel, 12 нафар бо барномаи Paint ва 52 нафар бо Интернет кор карда метавонанд.

Оид ба иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, № 166 «Дар бораи тасдиқи Тартиби талаботи ягона барои веб-сайт ва шабакаи маҳдуди баҳисобгирии мақомоти идораи давлатӣ» кор бурда шуда, мутобиқи талаботҳои қарори мазкур таъсиси сомонаи расмӣ (веб-сайт)-и мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа ба роҳ монда шуда, фаъол мебошад (сомонаи расмии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа www.qurghonteppa.tj).

Қайд кардан бамаврид аст, ки як адад компютери шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои Дастгоҳи раиси шаҳр ба Шабакаи ягонаи вилояти Хатлон (шуъбаи кадрҳои Дастгоҳи раиси вилояти Хатлон) пайваст мебошад (почтаи электронӣ "kadrho.qurghonteppa@khatlon.tj").

Ҳамчунин бобати таъмини амнияти иттилоотӣ, амри дахлдори раиси шаҳр дар бораи муайян намудани масъули теъдоди хизматчиёни давлатӣ ва Шабакаи ягонаи иттилоотии байниидоравии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа, қабул карда шудааст.

Почтаи электронии корманди масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр, дар сомонаи ширкати Ҷумҳурии Тоҷикистон (mail.tj) кушода шудааст.

Маълумотномаҳо-обективкаҳои ҳамаи хизматчиёни давлатӣ ва кадрҳои роҳбарикунандаи шаҳр (ҳам хизмати давлатӣ ва ғайри низоми хизмати давдлатӣ) аз рӯи талаботи барномаи "Kadr.tj" пурра дар файлҳои алоҳида тартиб дода шуда, ба тариқи почтаи электронӣ ба нишонаи kadr@dip.tj фиристонида шудаанд.

6.2. Таъминоти буҷетиву молиявӣ

Маблағгузории «Барномаи рушди шаҳри Қӯрғонтппа то соли 2020» аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, вилоятӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, инвеститсияҳо, сармояҳои дохилӣ (соҳибкорони ватанӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба

манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

-ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар иҷрои Барнома;

- пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;

- қарзҳои бонкӣ;

- маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

- сармояи инвесторҳои хориҷӣ, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;

- сармояи муҳоҷирони меҳнатии берунмарзие, ки дар таъмини Барнома ҳавасманд мебошанд.

Буҷети маҳаллӣ дар амалӣ шудани Барномаи мазкур нақши калон мебозад, вале таҳлил нишон медиҳад, ки солҳои охир барои рушди шаҳр тавассути буҷети маҳаллӣ маблағ кам ҷудо карда мешавад.

Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет ин андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз амволи ғайриманқул, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз фурӯши чакана, андоз бо услуби соддакардашуда ва дигар даромадҳои ғайриандозӣ маҳсуб меёбад. Аз ин бар меояд, ки дар шаҳр ҷойҳои нави корӣ таъсис гардида, ҳаҷми пешниҳоди хизматрасониҳо зиёд ва инчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ афзоиш меёбад. Таи солҳои 2012-2015 даромадҳои худии шаҳр ба ҳисоби миёна 47,6%-и қисми хароҷоти буҷетро мепӯшонанд ва дар баробари он ба буҷаи вилоят ҳиссаҷудокуни низ пардохт менамояд, ки он дар чор соли охир ба ҳисоби миёна 31%-и маблағи умумии даромадро ташкил медиҳад. Дар сохтори қисмати даромадии буҷети шаҳр андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқи, андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз амволи ғайри манқул, андозтибқи низоми соддакарда ва андоз аз нигаҳдории воситаи нақлиёт дорои аҳамияти бештаранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки маблағҳои ҷудогардида аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ таи солҳои 2012-2015 беш 3,9 млн. сомониро ташкил дода, ҳамчун ҳисоббаробаркуниҳо барои музди меҳнат ва фонди нафақаи-25 фоиза мебошад. Ҳамзамон дар ин давра ҳаҷми бақияи озод беш аз 1296,7 ҳазор сомониро ташкил дод. Соли 2015 дар қиёс ба соли 2012 ҷамъи даромадҳо ба 39 фоиз, ҳиссаҷудокуниҳо ба 4,4 фоиз ва ҳамагӣ даромадҳо - 35,7 фоиз афзоиш ёфтааст.

Буҷети шаҳри Қӯрғонтеппа хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории буҷети ин соҳаҳо дар асоси ҳисобу китоби харҷномавӣ муайян мегардад. Дар соли 2015 ба ҳисоби миёна ҳиссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) дар буҷети маҳаллӣ 77,5 фоизро ташкил медиҳад, ки аз ин хароҷот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 52,2% ва 21,7%-ро ташкил медиҳад.

Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аст.

Сохтори хароҷотҳои буҷети шаҳри Қӯрғонтеппа аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди маош ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматҳо, субсидияҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти асосӣ барои бунёди иншоотҳои нав, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот равона мешавад.

Вобаста ба амалӣ гардидани Барнома қисми хароҷот ба сохтмони асосӣ пешбинишуда солона то 27-28 млн. сомониро талаб менамояд ва бо ин мақсад (сохтмони муассисаҳои таълимии мактабию томактабӣ, иншоотҳои фарҳангӣ, барқарорсозӣ ва азнавсозии хатҳои обу канализатсия ва роҳҳо) озод намудани шаҳри Қӯрғонтеппа аз ҳиссаҷудокунӣ ба вилоят дар назар аст.

# БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳимми низоми идораи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Қӯрғонтеппа то соли 2020 низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори дахлдори раиси шаҳр таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад. Ба ҳайати гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ҷалб карда мешаванд. Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро раиси шаҳр ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди шаҳр мудири шуъбаи рушди иқтисод ва савдо шахси масъул таъйин карда мешавад.

Барои мониторинги Барномаи рушди шаҳр мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- ба ҳадафҳои Барнома то кадом андоза муваффақ мешавем;
- дар доираи Барнома лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Воқеан, низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

Мониторинги натиҷаҳои нақша тавассути индикаторҳо анҷом дода мешавад. Аз рӯи он ҳадафҳои гузошташуда то кадом андоза ба даст омадааст, муайян карда мешавад.

Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад. Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо тавассути параметрҳои назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо Барнома гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати Excel тартиб дода мешавад ва ҳар се моҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

Мониторинг ва арзёбӣ иҷрои лоиҳаҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад: «ҳамааш хуб», «номувофиқатӣ дорад», «номувофиқатии ҷиддӣ дорад», «лоиҳа амалӣ нашудааст».

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва коршиносон, ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.